Работа посвящена изучению процесса замещения хлора, находящегося во внутренней сфере комплекса $[Co(NH_3)_5Cl]Cl_2$ (пурпуреосоли) на аминокислоты, их производные и дипептиды: Gly, Ala, Val, Glu, H-Glu(OMe)OH, Z-Glu-OH, Z-Val-OH, Z-Gly-Gly-OH, Z-Gly-Val-OH. γ-Метиловый эфир глутаминовой кислоты был получен взаимодействием глутаминовой кислоты с метиловым спиртом в присутствии хлористого тионила. Для получения дипептида карбобензоксиглицил-глицина использовали хлорангидридный метод. Аналогичным путем был получен карбобензоксиглицил-валин. Показано, что при взаимодействии с пурпуреосолью происходит замещение атома хлора, находящегося во внутренней сфере комплекса $[Co(NH_3)_5Cl]Cl_2$. Состав комплексных соединений, полученных внутрисферным замещением, доказывали элементным и групповым анализом. Индивидуальность доказывалась кристаллографическим методом. Для выяснения характера связи с донорными группами лигандов были сняты ИК-спектры полученных комплексных соединений. На ИК-спектрах были отмечены следующие полосы поглощения (на примере спектра $[Co(NH_3)_5Gly]Cl_2$: 480 $см^{-1}$ -ν (CO-NH)NH_3, 850 $см^{-1}$- δ' (NH_3), 1310 $см^{-1}$ – δ'' (NH_3), 1620 $см^{-1}$ – колебания связи -COO^-, 2860 $см^{-1}$ – дифференциальные колебания CH, CH_2^- и 3220 $см^{-1}$- колебания NH_3.

Ключевые слова: аминокислоты, производные аминокислот, дипептиды, пурпуреосоль кобальта, внутрисферное замещение

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Содиқов Даврон Давлатович*** **-** «Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ». Роҳбари КВД "ЭОМФТ" Экспертизаи озмоиши маҳсулоти фармасевти ва тиббӣ. **Суроға: 734024**, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Алишер Навоӣ 5/5.
E-mail: **davrons1970@mail.ru. Телефон +992907577018.**
Бобизода Гуломқодир Мукаммолович – профессори кафедраи химияи органикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, доктори илмҳои биологӣ ва фармасевтӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **bobievgm@mail.ru.** Телефон: **918170360.**

Сведения об авторах: ***Содиков Даврон Давлатович*** - «Служба государственного контроля за здоровьем и социальной защитой населения». Начальник КВД "ЭОМФТ" Экспертиза лекарственных средств и изделий медицинского назначения. **Адрес:** 734024. Республика Таджикистан, ул. Алишера Навои, 5/5. **E-mail: davrons1970@mail.ru. Телефон +992907577018.**
Бобизода Гуломқодир Мукаммолович**-**профессор кафедры органической химии Государственного педагогического университета имени С.Айни, доктор биологических и фармацевтических наук. **Адрес: E-mail: bobievgm@mail.ru. Телефон: 918170360.**

Information about the authors: ***Sodikov Davron Davlatovich*** **-** "State Control Service for Health and Social Protection of the Population". Head of KVD "EOMFT" Examination of medicines and medical devices. **Address:** 734024. Republic of Tajikistan, st. Alisher Navoi, 5/5 **E-mail: davrons1970@mail.ru. Phone: +992907577018.**
Bobizoda Gulomkodir Mukammolovich - Professor of the Department of Organic Chemistry of the State Pedagogical University named after S. Aini, Doctor of Biological and Pharmaceutical Sciences. **Address:** 734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street / Nemat Karaboev 102, apt. 92.
E-mail: bobievgm@mail.ru. Phone: 918170360.

УДК. 542.8;615.2;578

РАСТАНИҲОИ ДОРУГИИ ФЛОРАИ ТОҶИКИСТОН ВА ФАЪОЛНОКИИ БИОЛОГИИ ОНҲО ДАР МИСОЛИ *CRATEGUS TURKESTANICA, CRATEGUS PONTICA, PRANGOS PABULARIA, ARTEMISIA ANNUA, ARTEMISIA VACHANICA*

Раҳимӣ Фарҳод[1], Каримов Ф.У[2]. Шаропов Ф. С[3]., Нуъмонов С. Р[3]., Раҷабзода С.И[2]., Бобозода Д[2].

[1]Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,

[2]Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

[3]Муассисаи илмию таҳқиқотии «Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ», Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Растаниҳо дар давоми фаъолияти ҳаётиашон ду намуд метаболитҳоро синтез менамоянд. Метаболитҳои якума дар ҳама намуди растаниҳо вохурда, онҳо вазифа ва функсияҳои умумиро иҷро мекунанд ва норасоии метаболитҳои якума боиси марги растанӣ мегардад. Мисоли метаболитҳои якума инҳо сафедаҳо, қандҳо, кислотаҳои нуклеинӣ ва липидҳо шуда метавонанд. Метаболитҳои дуюма дар гурӯҳи махсуси растаниҳо вохурда, онҳо дорои вазифа ва функсияҳои махсус мебошанд. Мисоли метаболитҳои дуюма алкалоидҳо, терпенҳо, флавоноидҳо, полифенолҳо, гликозидҳо, танинҳо, кумаринҳо, лигнанҳо ва ғайраҳо шуда метавонанд. Бисёре аз метаболитҳои дуюма аз ҷиҳати биологӣ фаъол буда, дорои хосиятҳои муҳими фармакологӣ мебошанд.

Синтез ва захирашавии моддаҳои фаъоли биологӣ дар растаниҳо аз омилҳои гуногуни табиӣ, шароити иқлим, маҳали ҷойгиршавӣ, обу хок, рушноӣ ва бисёр факторҳои дигар вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз шароити мусоиди иқлим ва хоки Тоҷикистон имконият медиҳад, ки дар таркиби растаниҳо бисёр моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол захира гарданд. Дар айни ҳол моддаҳои фаъоли биологии растанигиро ҳамчун ашёи хом дар соҳаҳои атторӣ, ороишӣ, хурокворӣ, дорусозӣ, химия, тиб ва ғайраҳо васеъ истифода мебаранд. [1,2,21].

Аз замонҳои қадим, растаниҳои доругӣ аз ҷиҳати функсияҳои танзимкунандаи иммунии худ бар зидди вирусҳо, бактерияҳо, занбӯруғҳо, саратон, дилу рагҳои хунгард ва зидди илтиҳобӣ потенсиали бузург нишон додаанд. Эътиқод ба низоми табибони тибби халқӣ дар тӯли асрҳои зиёд ба туфайли баррасии воқеъбинона, таҷрибаи доимӣ ва санҷиши мунтазами онҳо аз як насл ба насли дигар гузаштааст. Растаниҳои доругӣ одатан дорои омехтаҳои мураккаби пайвастагиҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол буда, онҳо нисбатан аз худ захрнокии пастарро зоҳир менамоянд. [1].

Ҷумҳури Тоҷикистон дорои флораи бой буда, миқдори зиёди гулу гиёҳҳои доругӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии мо мерӯянд. Аз ин рӯ омӯзиши олами набототро на бояд тамомшуда ҳисобид, зеро дар айни замон қисми нисбатан ками растаниҳои дар флораи Тоҷикистон рӯянда, яъне аз 4500 намуди растаниҳои олӣ, тақрибан 1500 намуди онҳо доругӣ буда, 30 фоизи онҳо аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ омӯхта шудааст. [1,2].

То ҳол аксари мардум дар Тоҷикистон ба гиёҳҳои шифобахш ҳамчун шакли суннатии тиббии худ барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои беҳдоштӣ такя мекунанд. Махсусан растаниҳои доругӣ барои мардуми маҳал нақши калон бозидаанд. Барои мисол, Абӯалӣ ибни Сино зиёда аз 750 намуди моддаҳои дорувории растанигӣ, ҳайвонотӣ ва минералиро дар китоби худ «Қонуни тиб» тавсиф кардааст, ки бисёре аз онҳо ба фармакопеяи давлатҳои гуногун ворид шуда, то ҳол истифода мешаванд.

Вобаста ба ин, омӯзиш, таҳияи шакли дорувории ватанӣ ва илман асоснок намудани растаниҳои доругии флораи Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи дорусозӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми соли 2018 ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад.

Яке аз ҳадафҳои асосии соҳаи фарматсевтӣ ин коркарди маводи доруворию навъи ватании баромадашон растангӣ, рақобатпазир ва ивазкунандаи маҳсулоти содиротӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади мақола: Дар ин баррасӣ мо хусусиятҳои фитохимиявӣ ва фаъолнокии биологии як қатор растаниҳои доругии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додем.

Дар байни растаниҳои доруворӣ ва берун аз ҳудуди онҳо растаниҳои ҷинси дулона (Crataegus L.), ки дорои моддаҳои фаъоли биологии ба синфҳои гуногуни пайвастаҳои химиявӣ мансуббуда, мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Намояндагони ин ҷинс аз муддатҳои тӯлонӣ дар амалияи тиббӣ ҳамчун давои дилу рагҳо бо таъсири оромибахшанда истифода бурда мешаванд [22]. Онҳо таъсири кардиотоникӣ, зиддиаритмӣ ва гипотензивӣ доранд [1,3,4,7]. Илова бар ин, таъсири мусбати дулона ба атеросклероз ва системаи марказии асаб, инчунин мавҷудияти таъсири пешобронии он ба қайд гирифта шудааст. [1,5,8]. Доруҳои дӯлонагӣ дар бадан ҷамъ намешаванд, онҳо таъсири мӯътадил доранд, вале таъсири табобатии онҳо танҳо ҳангоми истифодаи дарозмуддат зоҳир мегарданд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон 11 намуди дӯлона мерӯяд. Мо ду намуди дӯлонаро: (Crataegus L), дӯлонаи туркистонӣ (расми 1 (*Crategus turkestanica* Pojark.)) ва дӯлонаи понтикиро (расми 2 (*Crategus pontica* C. Koch)) бинобар сабаби бо миқдори зиёд рӯйиданашон мавриди омӯзиш қарор додем. [2].



Расми 1. Меваи дӯлонаи туркистонӣ (*Crategus turkestanica* Pojark.)



Расми 2. Меваи дӯлонаи понтикӣ (*Crategus pontica* C. Koch)

Ба сифати объекти омӯзиши химиявӣ ашёи хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ (*Crategus turkestanica* Pojark.) ва дӯлонаи понтикӣ (*Crategus pontica* C. Koch) истифода бурда шуд. Барои муайян кардани флавоноидҳо дар ашёи хоми меваи дулонаи туркистонӣ ва дӯлонаи понтикӣ таомули сианидинӣ ва таомул бо ишқор истифода бурда шуд [3,6]. Муайян карда шуд, ки меваҳо дорои пайвастаҳои флавоноидӣ мебошанд. Барои айниятикунонии химиявии ашёи хоми «меваҳо» аз руи флавоноидҳо, хроматография дар қабати тунук, бо истифода аз моддаи шоҳид (0,1% НСД гиперозид), мувофиқи усули пешниҳодкардаи доруномаи давлатии нашри XI ба ҷо оварда шуд [3,6]. Миқдори флавоноидҳо аз рӯи гиперозид дар меваҳои дӯлонаи туркистонӣ (*C. turkestanica*) 0,15 % ва дӯлонаи понтикӣ (*C. pontica*) 0,13 %-ро ташкил доданд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили маълумотҳои ба нашр расида таҳқиқ карда шуд, ки *C. turkestanica* ва *C. pontica* барои таҳияи доруҳо манбаи ояндадор ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқотҳои фармакогностӣ муқаррар карда шуд, ки ашёи хоми меваҳои *C. turkestanica* ва *C. pontica* дорои флавоноидҳо буда, ҷузъи асосии маҷмӯи флавоноидҳои онро ифодакунанда гиперозид ба ҳисоб меравад.

Растании юған (расми 3 (*Prangos pabularia*)) дар Тоҷикистон захираҳои бой дорад. Моддаҳои фаъоли биологии решаи юғанро ҷудо намуда, сохтори 10 моддаҳои таркиби химиявии онро таҳқиқ намудем. Бори аввал дар таркиби решаи юған сохтори нави химиявиро ифшо намудем, ки номи онро юғанин А гузоштем [9].



Расми 3. Растании юған (*Prangos pabularia*)

Илова бар ин, таркиби химиявии равғани эфирии решаи юғани дар Тоҷикистон руянда омухта шуд. Дар таркби равғани эфирии решаи юған 42 пайвастагиҳо муайян карда шуданд, ки ҷузъҳои асосии он 5- пентилциклогекса-1,3-диен (44,6%), ментон (12,6%), 1-тридетсин (10,9%) ва остол (6,0%) муайян карда шуданд.

Таҳқиқотҳои нишон доданд, ки равғани эфирии аз решаи *P. pabularia* гирифташуда, қобиляти баланди зидди диабетӣ дошта, ферменти PTP-1B дар ҳудуди консентратсияи IC_{50} 0,06±0,01мг/мл қатъ месозад, ки ин нисбат ба бузургии контролӣ мусбат (ингибитори PTP-1B) (IC_{50} 1,46 мкг/мл) бисту панҷ маротиба зиёдтар аст. Натиҷаҳои ба даст омада аз он гувоҳи медиҳанд, ки равғани эфирии аз решаи юған бадастомада барои омодасозии маводи зидди диабетӣ манбаи ояндадор ба ҳисоб меравад [10].

Мувофиқи манбаъҳои илмӣ ватани аслии намудҳои Artemisia Осиёи Марказӣ мебошад [11]. Дар навбати худ, намудҳои Artemisia дорои манбаъи бойи моддаҳои фаъоли биологӣ мебошанд. Мисоли возеҳу равшан - ин моддаи артемизинин мебошад, ки онро асосан аз таркиби растании *Artemisia annua* ҷудо карда мегиранд ва барои табобати бемории варача васеъ истифода мебаранд.

Артемизинин маводе мебошад, ки ҷони миллионҳо одамонро аз бемории варача наҷот додааст. Соли 2015, профессори Чинӣ Юю Ту ҷоизаи Нобелиро дар соҳаи тиб (физиология), барои кашфи молекулаи артемизинин ба даст овардааст [12].

Хосиятҳои зиёди фармакологии артемизинин аз қабили зиддипаразитӣ, зиддивирусӣ, зиддибактериявӣ, зиддизамбуруғӣ, зиддиилтиҳобӣ ва ғайраҳо исбот шудааст. Натиҷаи таҳқиқотҳои зиёди олимон нишон медиҳанд, ки артемизинин қобиляти баланди аз байн бурдани бисёр намуди ҳуҷайраҳои саратониро дошта, барои муолиҷаи бемороиҳои диабети қанд, фарбеҳӣ ва пиршавии бармаҳал низ судманд мебошад [13].

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии халқии Хитой нишон додааст, ки экстракти спиртии *Artemisia annua* қобилияти баланди зидди вируси тоҷдори SARS-CoV мебошад [14]. Олимони Институти коллоидҳо ва интерфейси Макс Планк (Олмон) ва гурӯҳи таҳқиқгарони Дания дар ҳамкорӣ бо ширкати Амрикоии Artemi Life тасдиқ кардаанд, ки экстрактҳои обӣ ва спиртии растании *Artemisia annua* бар зидди вируси тоҷдор хеле фаъол мебошад [15].

Яке аз муҳимтарин растанӣ ин *Artemisia annua* аст, ки он муталлиқ ба оилаи мураккабгулон мебошад. Растании *Artemisia annua* гиёҳи яксола буда, дар Тоҷикистон бо номҳои бурғун, гандаҷорӯб, говҷорӯб маълум аст (расми 4) ва дар ноҳияҳои набототии Ҳисору Дарвоз, Тоҷикистони ҷанубӣ ва саргаҳи дарёи Сир дар баландии аз 400 то 3000 метр аз сатҳи баҳр мерӯяд [16].




Расми 4. Гиёҳи бурҳи бурғун ***(Artemisia annua)***

Олимони тоҷик аз мавҷуд будани моддаи фаъоли биологӣ - артемизинин дар таркиби як қатор намудҳои артемизияҳои дар Тоҷикистон рӯянда итилоъ дода буданд [17]. Муайян карда шуд, ки миқдори артемизинин дар таркиби растании хушк кардашудаи *Artemisia annua* ба 0,45% ва дар *Artemisia vachanica* ба 0,34% баробар аст. Таркиби равғанҳои эфирии растаниҳои *Artemisia annua ва Artemisia vachanica* дар Тоҷикистон рӯянда (расми 5) низ омухта шудаанд [18,19].



Расми 5. Гиёҳи яшони вахонӣ ***(Artemisia vachanica)***

Артемизинин ба гуруҳи сесквитерпенҳои лактонӣ шомил буда, дар сохтори он бандҳои эпоксидӣ ва эндопероксидӣ мавҷуд мебошанд, ки маҳз ин қисмати молекулаи артемизинин, фаъолияти биологии онро таъмин месозад (расми 6).



Расми 6. Сохтори химиявии артемизинин

Бояд кайд кард, ки артемизинин ва ҳосилаҳои онро бо роҳи синтетикӣ ва биотехнологӣ низ ҳосил менамоянд, ки аз нигоҳи бехатарӣ ва заҳрнокӣ ба артемизинини табиӣ баробар шуда наметавонанд. Шароитҳои табиии хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан теъдоди зиёди рӯзҳои офтобӣ дар давоми сол, имкон фароҳам меоваранд, ки раванди биосинтези моддаҳои фаъолӣ биологӣ, аз он ҷумла артемизинин, бошиддат гузашта, дар растаниҳо захира гарданд.

Экстракти спиртии ду навъи артемизияҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон руянда, *Artemisia annua ва Artemisia vachanica* аз қисмати руйи заминии растаниҳо дар озмоишгоҳи Муассисаи илмию- таҳқиқотии "Маркази инновасионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ"-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дар шароити асептикӣ тайёр карда шудаанд. Бо ҳамкорӣ бо духтурони беморхонаи марказии ноҳияи Ёвон ба 30 бемор (19 мард ва 11 зан), ки бо нишонаҳои бемории вируси тоҷдори COVID-19 дар ҳудуди ноҳияи Ёвон бистарӣ гашта буданд, аз экстрактҳои растаниҳои *Artemisia annua* (20 бемор) ва *Artemisia vachanica* (10 бемор) бо миқдори 150 мг х 3 маротиба баъди хӯрок, (ихтиёран, бо хоҳиши худи маризон) истифода бурда шуд. Сину соли маризоне, ки аз экстрактҳо истифода бурдаанд, аз 30 то 75 соларо ташкил медоданд, ки бештари онҳо дорои бемориҳои ҳамрадиф аз қабили фарбеҳӣ, диабети қанд, фишорбаландӣ ва бемориҳои шадиди талхадон буданд. Беморон (бо истиснои 6 бемор) бо илова аз экстрактҳои дар боло зикр гардида, маводҳои зиддивирусӣ истифода менамуданд. Натиҷаи табобат ба наздикии 93% мусбӣ баромад. Омӯзишҳо нишон доданд, ки ҳарорати бадани беморон ва нафастангии онҳо баъди истеъмоли шираҳо пас аз 30-40 дақиқа ба таври назаррас бартараф мегардад. Агар шакли рудагии беморӣ (кишечного форма) бошад, дарунравиро зуд бартараф месозад. Бояд хотирнишон кард, ки бемороне буданд, ки чандсолаҳо бемориҳои музмини системаи ҳозимаро доштанд ва дар рафти истеъмоли экстрактҳои растаниҳои *Artemisia annua* ва *Artemisia vachanica* бемориҳои музмини онҳо бартараф гардиданд. Инчунин дар бемороне, ки дорои маризии шадиди талхадон буданд, баъд аз истеъмоли экстрактҳои растаниҳои *Artemisia annua* ва *Artemisia vachanica*, беҳбудӣ мушоҳида карда шуд. Натиҷаҳои ба дастомада олимонро водор месозад, ки омӯзиши ояндаи артемизининро барои муолиҷаи бемориҳои музмини системаи ҳозима рӯи кор гиранд. Хосиятҳои хуби экстрактҳои растаниҳои *Artemisia annua* ва *Artemisia vachanica* дар он аст, ки ба бемориҳои ҳамрадиф ба монанди фишорбаландӣ, диабетӣ қанд, диққи нафас, бронхити музмин таъсири иловагӣ ба вуҷуд намеоранд.

Таҳқиқоти дигари назарасси олимони мо ин омӯзиши фаъолияти зиддидиабетии маводи «Новобет», ки аз решаҳои анҷибари саҳроӣ, ширинбия ва меваи татум тайёр карда шудааст, мебошад. Маводи «Новобет» таъсири баланди зиддидиабетӣ ва антиоксидантиро дар шароитҳои *in vitro* ва *in vivo* дар вояи 5 мл/кг нишон доданд. Бартарии дигари маводи «Новобет» дар он аст, ки онро метавон ҳамчун маводи ғизоии табии истифода бурд [20].

Растаниҳои доругии флораи Тоҷикистон дар ҳаёт ва солимии мардуми тоҷик нақши муҳим мебозад ва месазад, ки ба таври васеъ истифода бурда шавад.

АДАБИЁТ

1. Ходжиматов М. Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана / М. Ходжиматов // - Душанбе 1989. С. 1, С. 368.
2. Флора Таджикской ССР, том 4, Ленинград 1981 - С. 353-372.
3. Ансышкина А. М. К вопросу о фармакологической активности препаратов боярышника / А.М. Ансышкина, Е.И. Барабанов, И.А. Самылина, Н.В. Каверина // Фарматсия, 1990; 2: 63-65.
4. Каримов Ф.У. Омӯзиши фармакогностикии Crataegus turkestanica-и Тоҷикистон / Ф.У. Каримов, С. И. Рачабов, С. Ҷ. Юсуфӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ИИТ ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)» ва «Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ» (20-27 апрели с. 2022) С. 67-70.
5. Liu X.Y. Study on lipid regulation mechanism of total flavonoids from Folium crataegi by 3T3-L1 cells / X.Y. Liu, L. Zhou, R.Y. Liang // Chin. Arch. Tradit. Chin. Med. – 2009. – No. 27. – P. 1066–1068.
6. Государственная Фармакопея СССР. - Вып.2. Общие методы анализа. Лекарственное растительное сырье. М. Медицина, 1990; 400.
7. Лазуко С.С. Сравнительная оценка антиаритмической активности настоек боярышника полученных разными способами /С.С. Лазуко А.А. Красильников, Г.А. Хуткина, В.В. Кугач, А.В. Соколовский, Е.С. Бугрина //- Вестник фармации 2009, 2(44), 55-64.
8. Самылина И.А. Боярышник (Crataegus): возможности медицинского применения /И.А. Самылина, А.А. Сорокина, Н.В. Пятигорская // – Фарматека 2010, 8, 83-85.
9. S. Numonov, K. Bobakulov, M. Numonova, F. Sharopov, W. N. Setzer, Q. Khalilov, N. Begmatov, M. Habasi, H. A. Aisa. New coumarin from the roots of prangos pabularia, Natural Product Research, - 2018. 32:19, 2325-2332, DOI: 10.1080/14786419.2017.1413558.
10. S. Numonov, F.S. Sharopov, S. Atolikhshoeva, A. Safomuddin, M. Bakri, W.N. Setzer, A. Musoev, M. Sharofova, M. Habasi, / Volatile secondary metabolites with potent Antidiabetic activity from the roots of Prangos pabularia Lindl. - Computational and Experimental Investigations. Applied Sciences. 2019; 9 (11), 2362.
11. Флора Таджикской ССР, Академии наук СССР, Москва - Ленинград,1957.
12. W. Liu, Y. Liu. Youyou Tu: significance of winning the 2015 Nobel Prize in Physiology or Medicine. Cardiovascular Diagnosis and Therapy. 2016. 6 (1), 1–2.
13. M.P. Crespo-Ortiz, M.Q. Wie, Antitumor Activity of Artemisinin and its derivatives: from a well-known antimalarial agent to a potential anticancer drug. Journal of Biomedicine and Biotechnology,2012, 247597.
14. S. Li, C. Chen, H. Zhang, H. Guo, H. Wang, L. Wang, X. Zhang, S. Hua, J. Yu, P. Xiao. Identification of natural compounds with antiviral activities against SARS-associated coronavirus. - Antiviral Research 2005, - *67,* 18-23.
15. https://www.thailandmedical. news/news/breaking-news-artemisia- annua-german-researchers-confirm-that-extracts-of-the-plant-artemisia-annua-are-active-against-sars-cov-2-coronavirus Availabe online: (accessed on 24.08.2020).
16. M. Hojimatov, Wild medicinal plants of Tajikistan, - Tadj Sovet. Ensclopedii: Dushanbe, 1989; pp. 368.
17. S. Numonov, F. Sharopov, A. Salimov, P. Sukhrobov, S. Atolikshoeva, R. Safarzoda, M. Habasi, H. A. Aisa. Assessment of artemisinin contents in selected Artemisia species from Tajikistan (Central Asia). Medicines, 2009, 6, 23.
18. F. S. Sharopov, S. R. Numonov, A. Safomuddin, I. S. Gulmurodov, A.K. Valiev, M. Bakri, P. Sukhrobov, M. Habasi, W.N. Setzer H.A. Aisa. Chemical composition of essential oil from Artemisia vachanica growing in Tajikistan. Chemistry of Natural Compounds, 2019, 965-967.
19. F. S. Sharopov, A. Salimov, S. Numonov, A. Safomuddin, M. Bakri, T. Salimov, W.N. Setzer, M. Habasi. Chemical composition, Antioxidamt, and Antimicrobial activities of the essential oils from Artemisia annua L. growing wild in Tajikistan. Natural Product Communications 2020, 15, 1934578X20927814.
20. M. Sharofova, S. Numonov, W. Setzer, P. Sukhrobov, F. Sharopov, Y. Nuraliev, P. Shabanov, L. Jiang, M. Habasi and H.A. Asia. Evaluation of antidiabetic activity, metabolic profiling and determination of major metabolites by LC-ESI/MS/MS of Novobet, Records of Natural Products, 2018, 6 (4) 27-35.
21. Рахимова, М. Х. Лекарственные растения флоры Таджикистана, применяемые в терапии сахарного диабета [Текст] / С.М. Мусозода, О.С. Шпичак. // Наука и инновация ISSN2312-3648 №3 2019. С.76-80.
22. Каримов Ф.У. Омӯзиши нишондиҳандаҳои фармако-технологии меваи crataegus turkestanica ва crataegus pontica / Ф. У. Каримов, // Илм ва фановарӣ №3 2022. С.183-188.

РАСТАНИҲОИ ДОРУГИИ ФЛОРАИ ТОҶИКИСТОН ВА ФАЪОЛНОКИИ БИОЛОГИИ ОНҲО ДАР МИСОЛИ *CRATEGUS TURKESTANICA, CRATEGUS PONTICA, PRANGOS PABULARIA, ARTEMISIA ANNUA, ARTEMISIA VACHANICA*

Дар мақолаи мазкур оид ба растаниҳои доругии флораи Тоҷикистон ва фаъолнокии биологии онҳо, ки дар ҳудуди Тоҷикистон васеъ паҳн шудаанд, маълумот дода мешавад. Дар флораи Тоҷикистон аз 4500 намуди растаниҳои олӣ, тақрибан 1500 намуди онҳо доругӣ буда, 30 фоизи онҳо аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ омӯхта шудааст. Таваҷҷӯҳи мо бештар ба таркиби химиявӣ, фаъолияти биологӣ ва дурнамои истифодабарии тиббии растаниҳои *Crategus turkestanica, Crategus pontica, Prangos pabularia, Artemisia annua* ва *Artemisia vachanica* равона карда шудааст.

Калидвожаҳо: Растаниҳои доругӣ, фаъолияти биологӣ, Crategus turkestanica, Crategus pontica, Prangos pabularia, Artemisia annua, Artemisia vachanica, гиперозид, артемизинин, хусусиятҳои фитохимиявӣ.

ЛЕКАРСТВЕННЫЕ РАСТЕНИЯ ФЛОРЫ ТАДЖИКИСТАНА И ИХ БИОЛОГИЧЕСКАЯ АКТИВНОСТЬ НА ПРИМЕРЕ *CRATEGUS TURKESTANICA, CRATEGUS PONTICA, PRANGOS PABULARIA, ARTEMISIA ANNUA, ARTEMISIA VACHANICA*

В данной статье приведены сведения о лекарственных растениях флоры Таджикистана и их биологической активности, которые широко распространены на территории Республики Таджикистан. Во флоре Таджикистана из 4500 видов растений около 1500 являются лекарственными, а 30% изучены отечественными и зарубежными учеными. Наше внимание сосредоточено на химическом составе, биологической активности и перспективах медицинского применения растений Crategus turkestanica, Crategus pontica, Prangos pabularia, Artemisia annua и Artemisia vachanica.

Ключевые слова*:* Лекарственные растения, биологическая активность, Crategus turkestanica, Crategus pontica, Prangos pabularia, Artemisia annua**,** Artemisia vachanica, гиперозид, артемизинин, фитохимические свойства.

MEDICINAL PLANTS OF THE FLORA OF TAJIKISTAN AND THEIR BIOLOGICAL ACTIVITY ON THE EXAMPLE OF *CRATEGUS TURKESTANICA, CRATEGUS PONTICA, PRANGOS PABULARIA, ARTEMISIA ANNUA, ARTEMISIA VACHANICA*)

This article provides information about medicinal plants of the flora of Tajikistan and their biological activity, which are widespread in the territory of Tajikistan. In the flora of Tajikistan, out of 4500 plant species, about 1500 are medicinal, and 30% have been studied by domestic and foreign scientists. Our attention is focused (paid) on the chemical composition, biological activity and prospects for medical use of plants Crategus turkestanica, Crategus pontica, Prangos pabularia, Artemisia annua and Artemisia vachanica.

Keywords: Medicinal plants, biological activity, Crategus turkestanica, Crategus pontica, Prangos pabularia, Artemisia annua, Artemisia vachanica, hyperoside, artemisinin, phytochemical properties.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҳимӣ Фарҳод (Раҳимов Фарҳод Қодирович)*** **-** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаву математика, профессор,президент. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.

Каримов Фирдавс Убайдуллоевич – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фармакогнозия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **karimovfirdavs91@mail.ru** Телефон: **(+992) 93-151-77-77.**

Нӯъмонов Содиқ Раҳмонович **-** Муассисаи илмию-тадқиқотии "Маркази инновасионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ"-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, директор. **Суроға:** 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 299/2. Телефон: **934173262.** E-mail. **sodikjon82@gmail.com**

Шаропов Фарух Сафолбекович **-** Муассисаи илмию-тадқиқотии "Маркази инновасионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ"-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Доктори илмҳои табиатшиносӣ, дотсенти тахассусӣ, ходими калони илмӣ. **Суроға:** 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 299/2**.** Телефон**: 939950370**. E-mail**. shfarukh@mail.ru**

Раҷабов Сироҷиддин Икромович **–** Институти илмию тадқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессор, директор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **ikromovich80@mail.ru** Телефон: **(+992) 904-60-04-60.**

Бобозода Дилошуб Амонқулович **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, донишҷӯи курси 4-уми факултети фарматсевтӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

Сведения об авторах: ***Рахими Фарход (Рахимов Фарход Кадирович)*** **-** Национальная академия наук Таджикистана, доктор физико-математических наук, профессор, президент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33.

Каримов Фирдавс Убайдуллоевич – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры фармакогнозии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **karimovfirdavs91@mail.ru** Телефон: **(+992) 93-151-77-77**
Нуъмонов Содик Рахмонович - Научно-исследовательское учреждение "Китайско-таджикский инновационный центр натуральных продуктов" Национальной академии наук Таджикистан, доктор химических наук, директор. **Адрес:** 734063, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни, 299/2. Телефон: **934173262,** E-mail: **sodikjon82@gmail.com**
Шаропов Фарух Сафолбекович - Научно-исследовательское учреждение "Китайско-таджикский инновационный центр натуральных продуктов", Национальной академии наук Таджикистан, доктор естественных наук, доцент, старший научный сотрудник. Телефон**: 939950370**. E-mail**. shfarukh@mail.ru**
Раджабов Сироджиддин Икромович - Научно–исследовательский институт Таджикского национального университета, доктор химических наук, профессор, директор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ikromovich80@mail.ru** Телефон: **(+992) 904-60-04-60.**
Бобозода Дилошуб Амонкулович–Таджикский национальный университет, студент 4-го курса фармацевтического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17

Information about the authors: ***Rakhimi Farhod (Rakhimov Farhod Kadirovich)*** - National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor, President**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33.
Karimov Firdavs Ubaydulloevich - Tajik National University, Assistant of the Department of Pharmacognosy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **karimovfirdavs91@mail.ru**
Phone: **(+992) 93-151-77-77**
Numonov Sodik Rakhmonovich - Research Institution "Chinese-Tajik Innovation Center for Natural Products" of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Chemical Sciences, Director. **Address:** 734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street, 299/2. Phone: **934173262,** E-mail: **sodikjon82@gmail.com**
Sharopov Farukh Safolbekovich - Scientific Research Institution "Chinese-Tajik Innovation Center for Natural Products", National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Natural Sciences, Associate Professor, Senior Researcher. **Address:** 734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street, 299/2Phone: **939950370.**
E-mail: **shfarukh@mail.ru**
Rajabov Sirojiddin Ikromovich - Research Institute of the Tajik National University, Doctor of Chemical Sciences, Professor, Director. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **ikromovich80@mail.ru** Phone: **(+992) 904-60-04-60.**
Bobozoda Diloshub Amonkulovich - Tajik National University, 4th year student of the Faculty of Pharmacy.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

УДК:615.2

ҶОРӢ НАМУДАНИ СИСТЕМАИ АВТОМАТИЗАТСИЯКУНОНИИ КОМПЛЕКСҲ БАРОИ ТАКМИЛДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ФАРМАТСЕВТӢ

Болтуева Р.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақсади таҳқиқот. Баланд бардоштани фаъолияти молиявӣ тавассути идоракунии самараноки равандҳои дохилӣ.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Таҳқиқот бо истифода аз адабиёти илмӣ ва захираҳои интернетӣ гузаронида шуд.

Ҳамчун усулҳои асосии таҳқиқот истифода шуд: омӯзиши адабиёти махсуси методӣ оид ба проблемаи таҳқиқот, таҳлил ва ҷамъбасти мавод, усулҳои графикӣ-таҳлилӣ истифода шуданд.

Натиҷаҳои омӯзиш ва муҳокимаи онҳо. Системаи иттилоотӣ (СИ) бояд имкон диҳад, ки ашёи молиро дида ва интихоб кунад, аз рӯйи феҳристи молҳо ҳаракат кунад дар дохили як гурӯҳи маҳсулот зергурӯҳҳо ташкил кунад ва дар раванди кор бо муштарӣ барои зуд ҷустуҷӯйи мавод кумак кунад.

Имрӯз, фурӯшандагон як қатор асбобҳоро барои баланд бардоштани садоқати муштариён барои афзоиши фурӯш истифода мебаранд. Яке аз онҳо барномаҳои тахфифи намудҳои гуногун мебошад. Инҳо дар бар мегиранд пешбурди таблиғоти маҳдуди вақт; ғайр аз ин, кори автоматӣ бо духтурон талаб карда мешавад.

Аммо, ба ғайр аз вазифаҳое, ки ба ҳама гуна нуқтаи савдо монанданд, дар тиҷорати дорусозӣ бисёр равандҳои мушаххаси корӣ мавҷуданд, ки муносибати ғайристандартӣ ва дигар алгоритмҳои ҳалли онро талаб мекунанд.

Дорухонаи шабакавӣ бо навъҳои молҳои калон кор мекунанд ва қариб ҳама молҳои дорухона муҳлатҳои истифодабари доранд. Ин ба системаи иттилоотӣ талаботҳои мушаххас мегузорад, ки бояд барои ҳисоб кардани муҳлати истифодабарии якчанд ҳазор адад функсия дошта бошад [11, с. 88].

Хусусияти дигари навъҳои моли дар дорухона мавҷудияти якчанд намуди як дору мебошад: он метавонад як дору дар шаклҳои гуногуни истеҳсолӣ бошад - спрей, гел, малҳам, шамъчадору, ҳаб дар вояҳои гуногун, доруҳо барои кӯдакон, калонсолон ва ғайра.

Дорухонаҳо мувофиқи талаботи меъёрӣ, махсусан агар онҳо маҳсулоти худро дошта бошанд, сабти қатъии силсилавиро пеш мебаранд. Дар ҳолати охирин, стандарт таъмини ҷараёни муайяни кор, қоидаҳои нигоҳдорӣ, инчунин баҳисобгирии таркиби моддаро дар ашёи хом пешбинӣ мекунад. Он дорои хусусиятҳои ба худ хос аст: ҳама силсилаҳои ашёи хом, маводҳои ба дорухона воридшаванда аз назорати ҳатмии воридотӣ мегузаранд.

Ҳамаи амалҳои марбут ба қабул, истеҳсол, тақсимот, аз ҷумла назорат, ба расмиёти стандартӣ тавсиф карда мешаванд. Назорат тибқи фармакопея, маҷмӯи стандартҳо ва қоидаҳое, ки сифати маводҳои доруворирo танзим мекунанд, амалӣ карда мешавад [1, с.25].

Ба ҳар як силсила рақами беназир дода мешавад, то имкони ҷамъоварии номгӯйи ҳуҷҷатҳои силсилаи маҳсулоти тайёрро дошта бошад, ки дар он ҷо санаи хариди ҳама ҷузъҳо мувофиқи мушаххасот ба маҳсулоти тайёр дохил карда шудаанд, инчунин натиҷаҳои озмоиши ин қисмҳо, шароити истеҳсолот ва рафти раванди технологиро дар бар мегирад.

Илова бар ин, чунин мафҳуме ба монанди мушаххасот вуҷуд дорад. Ин руйхати моддаҳое мебошанд, ки ба маҳсулоти тайёр дохил карда шудаанд. Одатан, дар ин ҷо нишон дода мешавад, ки чӣ гуна маводи моеъ ва ё консентратсияи моддаҳои фаъол дар модда бояд ҷузъҳое дошта бошанд, ки аз он маводи доруворӣ тайёр карда

мешавад ва аз ин рӯ, системаи иттилоотӣ бояд дорои функсияи кор бо назардошти масса, намӣ, таркиби моддаи фаъол бошад [6, с.225].

Дар робита ба маводҳои тайёр, аҳамияти баҳисобгирии силсила низ бешубҳа нест, зеро ҳолатҳое метавонанд ба миён оянд, ки ҳангоми гирифтани тамоми силсилаи моли вайроншуда зарур аст. Истеҳсолкунанда бояд донад, ки он дар кучо фурӯхта шудааст - ба кадом фурӯшгоҳҳо, тавассути кадом дистрибюторҳо. СИ бояд имкон диҳад, ки роҳи моли вайроншуда қариб то расиди харид пайгирӣ карда шавад.

Коршиносон инчунин, як қатор вазифаҳоеро номбар мекунанд, ки барои системаи иттилоотии дорухона ҳатмӣ мебошанд: нархгузории молҳо мувофиқи қоидаҳои нархгузории танзимшаванда барои гурӯҳҳои алоҳидаи доруворӣ, бақайдгирии силсилавии доруҳо ва пайгирии силсилаҳои радшуда, мавҷудияти функсияи дорусозӣ дар бораи дорухатҳои имтиёзнок ва ройгон, баҳисобгирии фардӣ оид ба баровардани ин навъи дору ба беморони имтиёзнок: пайгирии қалбакӣ, назорат аз болои навъҳои молҳои ҳатмӣ, баҳисобгирии махсуси як қатор гурӯҳҳои доруворӣ - доруҳои таъсирбахш, гурӯҳҳои А,В ва ғайра; ташкили маркази ёрирасон бо функсияи додани маълумот дар бораи мавҷудияти молҳо дар ҳама гуна воҳидҳои шабакаи дорухонаҳо дар вақти воқеӣ, ҳамкории системаи автоматии идоракунии дорухона бо системаҳои иттилоотии беруна, кор бо кортҳои бонкӣ; имконияти истифодаи шаҳодатномаҳои тӯҳфаҳо, савдо "аз рӯйи намуна" [5, с.145].

Барои таъмини ҳамаи ин дархостҳо системаҳои иттилоотӣ дорои функсияҳои мувофиқ лозиманд.

Ҳамин тариқ, фоидаи устувор дар нуқтаи фурӯш бидуни назорати доимии гардиши мол ва молиявӣ, таҳлили моҳирона ва банақшагирии бодиққат ғайриимкон аст.

Идоракунии самаранок маънои бадастовардани фоидаи максималии имконпазирро дорад. Талаботи бозори имрӯза системаҳои идоракунӣ бо қобилияти пешгӯйии талабот, идоракунии занҷираи таъминот, доираи маҳсулот, нархҳои воқеии чакана ва мутобиқсозии дархостҳои анборӣ мебошад. Кумаки калонро дар ҳалли ин масъалаи муҳим автоматизатсиякунонии раванди савдо мерасонад [11, с .65].

Ҳангоми автоматикунонии дорухона қариб ҳама коршиносон афзоиши гардиши мол, кам шудани хароҷот, зиёдшавии даромад ва фоидаро қайд мекунанд.

Бо шарофати кам кардани ҳиссаи кори муқаррарӣ ва холӣ кардани вақти коркунон, зарурати зиёдкунии воҳиди корӣ паст мегардад, ки ин дар шароити имрӯза нарасидани кадрҳо хеле зарур аст.

Ғайр аз ин, бо туфайли ба расмият даровардани равандҳои технологӣ дар бисёр ҳолатҳо нишондиҳандаҳои фурӯши маҳсулот беҳтар мешаванд ва динамикаи тараққиёти корхона умуман; гардиши мол ба 10 – 40% меафзояд (баъзе ҳолатҳо афзоиши то 50% ба қайд гирифта шудааст), номгӯйи моддаҳои доруворӣ низ зиёд мешавад.

Яке аз натиҷаҳои муҳимми автоматикунонӣ - васеъ намудани имкониятҳои зиддӣ сӯйистифода мебошад: СИ имкон медиҳад, ки рафти ҳамаи равандҳои асосӣ ва гардиши молҳоро дар дохили система пурра назорат карда шавад. Бо доштани қобилияти барқарор кардани рӯйдодҳо, боздоштани фурӯши мол "аз зери рафҳо" ва пайдо кардани шахсони масъули камомад хеле осонтар аст, зеро барои ҳар як силсилаи мол, таърих бо тафсилот нигоҳ дошта мешавад: кӣ, кай ва чӣ гуна амалиёт бо ин силсила ичро карда шуданд, кай ва аз тарафи ки маҳсулот фурӯхта шудааст [3, с.40].

Гузашта аз ин, мавҷудияти СИ – и замонавӣ, ки шаффофияти равандҳои тиҷорат ва назорати ҳар як амалиётро дар назар дорад, аз ҷониби ду ё се нафаре, ки ҷисман гузариш намекунанд ва дар утоқҳои гуногун нишастаанд тадбири хуби пешгирикунанда аз сӯйистифода мебошанд.

Албатта, аз созиш комилан ҳифозат кардан ғайриимкон аст, аммо агар мардум донанд, ки амалҳои онҳоро таҳлилгарону роҳбарон ба осонӣ пайгирӣ мекунанд, пайдо кардани хоҳишмандон хеле мушкилтар мешавад.

Илова бар ин, баҳисобгирии пайдарпай ва санҷиши силсилаҳои радшуда, ки имрӯз дар ҳар як СИ – и ҷиддӣ барои дорухонаҳо мавҷуданд, вазифаҳои муҳимест, ки аз ворид шудани молҳои пастсифат ё қалбакӣ ба рафҳо пешгирӣ мекунанд. Ниҳоят, ин барои дорухонаҳои шабакавӣ муҳим буда банақшагирии харид ва таъминотро хеле беҳтар мекунад, ки ин дар динамикаи кори маркази тақсимот ва нуқтаҳои алоҳидаи чакана инъикос меёбад [4, с. 25].

Барои дорухонаҳо, ин мушкилот махсусан муҳим аст, зеро онҳо молҳоеро мефурӯшанд, ки муҳлати истифодаашон нисбатан кӯтоҳ аст. Фаромӯш кардан лозим нест, ки СИ ба ғайр аз хусусиятхои хосси таъминоти доруворӣ, кори шуъбаи муҳосибии дорухонаҳои шабакавиро хеле осон мекунад. Дар ин ҷо, масалан, як вазифаи наҷибона аз он иборат аст, ки ҷадвали рухсатӣ ва музди меҳнати коркунон бо назардошти ҷадвали махсуси корҳо ва воҳидҳои гуногун ҳисоб карда шавад ва имкониятҳои қисми асосии СИ барои ба осони аз уҳдаи ин кор баромадан кумак мерасонад.

Ҷадвали 1. Баҳодиҳии ниҳоии автоматикунонии дорухонаи ҶДММ «Шаҳриёр-2000»

Маҳсулот	миқдор	Нарх, сомон	маҷмуъ, сомон.
1	2	3	4
Маҳсулоти барнома			
Шаҳриёр-2000	1	1260	1260
Иҷозатномаи иловагӣ	1	450	450
Идоракунии савдои чакана	1	1015	1015
Ҳамагӣ			2725
Таҷҳизотҳо барои савдо			
POS-система ForPOSt 7209. ОПТИМ v.4.x)	1	6298	6298
ZEBRA LP2824PE/SE Принтери термикӣ барои чопи тамғакоғазҳо то паҳнои 56 мм, суръат 89 мм/с	1	1100	1100
Metrologic MS7120 KB Orbit Лазерии бисёрҷабҳа (хокистарӣ)	1	1150	1150
Metrologic MS5145 (серый) Сканери лазерӣ	2	300	600
CAS AP-6M/15M/30M. Тарозуи савдо, платформаи 340х215, 7 дорои хотира, то 6/15/30 кг, боркунӣ, то 2/5/10 гр.	1	700	700
ҳамагӣ			9848
(Соатҳо)			
Корҳои танзимгарӣ	5	130	650
Машваратҳо оид ба кор ва хизматрасонӣ	10	130	1300
Оғози система дар реҷаи санҷиш	2	130	260
Оғози система дар ҳолати корӣ	2	130	260
Дастгирии пас аз лоиҳа тибқи нақшаи тарофавии интихобшуда			
Ҳамагӣ:	19	2470	
Ҷамъ:		15043	

Дар асоси баҳодиҳии коршиносон, мо тахмин менамоем, ки аз ҳисоби автоматизатсиякунонӣ даромади ширкат 30% афзоиш меёбад, илова бар ин, аз ҳисоби терминалҳои пардохт, даромади ширкат метавонад боз 5% афзоиш ёбад. Дар умум мо тахмин мекунем, ки даромади дорухонаи Шаҳриёр-2000 то 35% меафзояд.

Ҳамин тавр, мо самараи иқтисодии ҷорӣ намудани автоматизатсияро ҳисоб мекунем.

Даромади миёнаи моҳонаи корхона тибқи соли ҳисоботӣ 168,17 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, мувофики пешгӯйии мо, баъди ҷори намудани автоматизатсия, даромади миёнаи корхона то 35 % меафзояд, яъне дар як моҳ 227 ҳазор сомонро ташкил медиҳад.

Ҳаракати пули нақд ва гардиши пулии дисконтшуда дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳисобкунии гардиши пули нақд аз моҳи июли соли 2022 тартиб дода шудааст. Инчунин, қадами аввал дар ин ҳисоб харидан ва насби таъминоти барнома хоҳад буд.

Инчунин, қайд намудан мумкин аст, ки дар ҷараёни хароҷоти амортизатсиякунонӣ, ки 3,33 ҳазор сомониро ташкил дод, арзиши аслӣ, хароҷоти тиҷорати ва маъмурӣ ва андозҳоро дар бар мегирад.

Ҷадвали 2. Ҳисоби маблағҳои пули ва ҷараёнҳои дисконтшуда

	Ҷараёни пулӣ				Ҷараёни дисконтшуда	
	Даромад	Хароҷот	Дар маҷмӯъ	Афзоиши натиҷаҳо	Дар ҳаракат	Афзоиши натиҷаҳо
0	0	200	-200	-200	-200	-200
1	227	194,33	33	-167	32	-168
2	227	194,33	33	-135	31	-137
3	227	194,33	33	-102	31	-106
4	227	194,33	33	-69	30	-76
5	227	194,33	33	-37	30	-46
6	227	194,33	33	-4	29	-17
7	227	194,33	33	29	28	11

Ҳамин тавр, тибқи ҷадвали 2, мо мебинем, ки лоиҳа дар давоми 7 моҳ, пас аз ҷорӣ кардани автоматикунонӣ, яъне дар моҳи январи соли 2022 натиҷагирӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, арзиши холиси дисконтшудаи (АХД) лоиҳаи сармоягузорӣ мусбат аст, бинобар ин лоиҳа самаранок аст (аз рӯйи меъёри дисконтии додашуда) ва масъалаи қабули онро баррасӣ кардан мумкин аст.

Индекси даромаднокӣ (ИД) таносуби маҷмӯи таъсири додашуда ба ҳаҷми маблағгузории асосӣ мебошад. Индекси даромаднокӣ бо АХД зич алоқаманд аст, бинобар ин, мо индекси даромаднокиро дар қадами 6-уми лоиҳаи сармоягузорӣ ҳисоб мекунем, зеро то қадами 7-ум АХД манфӣ аст ва аз ин рӯ, ИД камтар аз 1 хоҳад буд.

$$ИД = \frac{1}{200} \times 33 = 0,165$$

Ҳамин тариқ, индекси даромаднокӣ 0,165 ё 16,5% -ро ташкил дод. Ин бори дигар самаранокии лоиҳаро исбот мекунад. Яъне, мо чунин мешуморем, ки ҷорӣ намудани автоматизатсиякунонии комплексӣ самараи кори корхонаро баланд бардошта, вазъи молиявии онро мустаҳкам карда метавонад.

Хулоса. Бозори дорусозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби даҳҳо ҳазор номҳои маҳсулот, танзими қатъии қонунгузорӣ, рақобати қавӣ яке аз соҳаи мураккаб ба ҳисоб меравад. Дорухонаҳое, ки дар сатҳи даромаднокӣ кор мекунанд, роҳҳои оптимизатсияи тиҷорати худро меҷӯянд ва онҳоро дар бизнес – нақшаҳо ва технологияҳои нав пайдо мекунанд. Дар асоси баҳодиҳии коршиносон, мо тахмин мекунем, ки аз ҳисоби автоматизатсиякунонӣ даромади ширкат то 30% афзоиш меёбад, илова бар ин, аз ҳисоби терминалҳои маблағгузаронӣ, даромади ширкат

метавонад боз 5% афзоиш ёбад. Якҷоя мо боварӣ дорем, ки даромади дорухонаи Шаҳриёр-2000 то 35% меафзояд.

АДАБИЁТ

1. Аньшин В.М. Инновационный менеджмент: концепции, многоуровневые стратегии и механизмы инновационного развития / В.М.Аньшин, А.А. Дагаев // Учебное пособие" - М.: Дело, 2006.
2. Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента. Как управлять экономикой / И.Т.Балабанов. - М.: Финансы и статистика, 2005.
3. Хотяшева О.М. Инновационный менеджмент: Учебное пособие / О.М. Хотяшева. - Спб.: Питер, 2005.
4. Иванов Ю.А. Направления исследований при создании автоматизированных и роботизированных модулей доения коров / Ю.А. Иванов.
5. Кирсанов В.В. Концепция создания доильного робота, совместимого с отечественным доильным оборудованием / В.В.Кирсанов, Ю.А.Цой, Кормановский Л.П. // Вестник ВНИИМЖ. 2016. №3(23). - С.13-21.
6. Федотова Е.Б. Цифровизация в фармацевтической отрасли / Е.Б. Е.П. Федотова, Ефименко // Вестник ВНИИМЖ №3(31)-2018. -С. 15- 19.
7. Оптимизация очередей // Казахстанский фармацевтический вестник. – 2010. – 15 нояб. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://pharmnews.kz/news/ optimizacija_ocheredej/2010-11-15-2024. – Дата доступа: 12.04.2014.
8. Чеснокова Н.Н. Применение информационных технологий в фармацевтическом консультировании / Н.Н.Чеснокова, С.В. Кононова // Ремедиум. Журнал о российском рынке лекарств и медицинской технике. – 2019. – №6. – С. 34-38.
9. Деловой профиль. Фармацевтический рынок России 2021: влияние пандемии и стратегии развития. [Электронный ресурс]. https://delprof.ru/upload/iblock/ecc/Delprof_Analitika_Farmatsevticheskaya-otrasl.pdf.
10. Аньшин В.М. "Инновационный менеджмент: концепции, многоуровневые стратегии и механизмы инновационного развития: учебное пособие" / В.М. Аньшин, А.А. Дагаев. - М.: Дело, 2006.
11. Бороненкова С.А. Управленческий анализ: Учеб. Пособие / С.А. Бороненкова. - М.: Финансы и статистика, 2005.
12. Инновационный менеджмент: Учебное пособие / О.М. Хотяшева.- Спб.: Питер, 2005.
13. Маркетинг: общий курс. Под ред. Колюжновой Н.Я., Якобсона А.Я. М.: Омега-Л, 2006.
14. Фатхутдинов Р.А. Инновационный менеджмент / Р.А. Фатхутдинов. - М.: Интел-Синтез, 2007.

ҶОРӢ НАМУДАНИ СИСТЕМАИ АВТОМАТИЗАТСИЯКУНОНИИ КОМПЛЕКСӢ БАРОИ ТАКМИЛДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ФАРМАТСЕВТӢ

Системам иқтисодие, ки дар ҷумҳурӣ инкишоф ёфтааст, ба корхонаҳо дар интихоби самтҳои фаъолияти озодии иқтисодӣ, дар қабули қарорҳои хоҷагӣ мустақилият дода, бо ҳамин масъулияти онҳоро барои натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ ва молиявӣ хеле зиёд кард. Аҳаммияти мавзӯи интихобшуда дар он аст, ки дар шароити муосир автоматизатсиякунонӣ ва компютеркунонии равандҳои идоракунӣ дар корхона шарти зарурии фаъолияти корхона ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосири рақобат бозор навъҳои молҳоеро, ки ба он ниёз доранд, муайян мекунанд, аз ин рӯ вазифаи ташкилот аз он иборат аст, ки талаботро нисбат ба рақибон беҳтар ва самаранoктар қонеъ созад. Бо сохтори ғайримуқаррарии навъҳои мол, паст шудани сатҳи фоидаи потенсиалӣ ва воқеӣ, аз даст додани мавқеи рақобат дар бозорҳои ояндадори истеъмолӣ ва мол дар натиҷа паст шудани устувории иқтисодии корхона ба мушоҳида мерасад. Идоракунии самарабахши навъҳои мол танҳо дар доираи консепсияи ягонаи идоракунӣ ва дар асоси таъмини барномави имконпазир аст, ки метавонад на танҳо молро ҳисоб кунад, балки кори роҳбари ташкилоти дорухонаро то ҳадди имкон осон кунад. Дар соҳаи идоракунии навъҳои мол қариб дар ҳама гуна ташкилотҳои дорухонавӣ руйхати муайяни масъалаҳо ва вазифаҳо мавҷуданд, ки онҳоро бо истифодаи системаҳои автоматии идоракунӣ самараноктар ҳал кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: маводи доруворӣ, системаи иттилоотӣ, номгӯйи мол, автоматизатсиякунонӣ, даромад, арзиши мол, хизматрасонӣ, дорухона, савдои чаканна, идоракунӣ, бозори фармацевтӣ.

ВНЕДРЕНИЕ КОМПЛЕКСНОЙ СИСТЕМЫ АВТОМАТИЗАЦИИ ДЛЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ФАРМАЦЕВТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Сложившаяся в республике экономическая система предоставила предприятиям самостоятельность в выборе сфер экономической свободы, в принятии хозяйственных решений, тем самым значительно повысив их ответственность за результаты хозяйственной и финансовой деятельности. Важность выбранной темы заключается в том, что в современных условиях автоматизация и компьютеризация процессов управления на предприятии считается необходимым условием деятельности предприятия. В современных условиях конкуренции рынок определяет виды товаров, в которых он нуждается, поэтому задача организации состоит в том, чтобы удовлетворить спрос лучше и эффективнее, чем конкуренты. В связи с ненормальной структурой видов товаров, снижением уровня потенциальной и реальной прибыли, потерей конкурентных

позиций на перспективных потребительских и товарных рынках, в результате снижения экономической устойчивости предприятия, можно наблюдать эффективное управление видами продукции только в рамках единой концепции управления и на основе предоставления возможной программы, способной не только вести подсчет продукции, но и максимально облегчить работу менеджера аптечной организации. В области управления продукцией практически любая фармацевтическая организация имеет определенный перечень вопросов и задач, которые можно решить более эффективно с помощью автоматизированных систем управления. В качестве основной литературы использовались учебные пособия и учебники по маркетингу, инновационному менеджменту, финансам, научные статьи. Кроме основной литературы использовались интернет-инструменты.

Ключевые слова: лекарственные средства, информационная система, товарная номенклатура, автоматизация, доход, себестоимость товаров, услуг, аптека, розничная торговля, управление, фармацевтический рынок.

INTRODUCTION OF A COMPREHENSIVE AUTOMATION SYSTEM TO IMPROVE PHARMACEUTICAL ACTIVITIES

The economic system that has developed in the republic has provided enterprises with independence in choosing areas of economic freedom, in making economic decisions, thereby significantly increasing their responsibility for the results of economic and financial activities. The importance of the chosen topic lies in the fact that in modern conditions, automation and computerization of management processes in an enterprise is considered a necessary condition for the activity of an enterprise. In today's competitive environment, the market determines the types of goods it needs, so the task of the organization is to satisfy the demand better and more efficiently than competitors. Due to the abnormal structure of the types of goods, a decrease in the level of potential and real profits, the loss of competitive positions in promising consumer and commodity markets, as a result of a decrease in the economic stability of the enterprise, it can be observed. Effective management of types of products only within the framework of a single management concept and based on the provision of a possible program that can not only count products, but also make the work of a pharmacy organization manager as easy as possible. In the field of product management, almost any pharmaceutical organization has a certain list of issues and tasks that can be solved more efficiently with the help of automated control systems. Textbooks and textbooks on marketing, innovation management, finance, scientific articles were used as the main literature. In addition to the main literature, Internet tools were used.

Key words: Medicines, information system, product range, automation, income, cost of goods, services, pharmacy, retail trade, management, pharmaceutical market.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Болтуева Рухсора Комиловна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail. **ruhsora@ gmail.com.** Телефон: **(+992) 927-79-05-09**. **ORCID ID:0000 0002 4745 1015. SPIN ID: 2898-8828.**

Сведения об авторе: ***Болтуева Рухсора Комиловна*** –Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикиста, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail. ruhsora@ gmail.com. Телефон: **(+992) 927-79-05-09**. **ORCID ID:0000 0002 4745 1015. SPIN ID: 2898-8828.**

Аз ҷиҳати шакли зоҳирӣ наврустаҳои дар шароити табиии аз тухм инкишофёфта аз наврустаҳои аз узви нашвӣ ба амал омада, фарқи ночизе доранд. Масалан, дар қисми болоии решаи наврустаи аз тухм ба амал омада, шакли ғафсшавии дук монанде мушоҳида мешавад, ки чунин ғафсшавӣ дар наврустаҳои бо роҳи нашвӣ ба амал омада дида намешавад. Дар охири соли аввали фаъолият дарозии участкаи ғафсшуда ба 6-10 см мерасад. Аз нуқтаи ғафсшуда каме поёнтар решаҳои паҳлугии муқаррарӣ инкишоф меёбанд. Дар соли дуюми инкишоф аз қисми болоии реша ба тариқи уфуқӣ танарешаҳои паҳлугӣ инкишоф ёфта, афзоиши ширинбияро таъмин менамоянд, ки дар қисме аз муғчаҳои қалбакии танарешаҳо навдаҳои зеризаминӣ ба амал омада, қисми дигари онҳо ҳамчун решаҳои муқаррарӣ ба поён фаромада мераванд (расми 1).




Расми 1. Инкишофи тухмии ширинбия – G. glabra дар резишгоҳи дарёи Вахш

[12, с.52-60; 15, с.90-94] дар навиштаҳои худ пешниҳод намудаанд: «Ба ҳар ҳол қатъи назар аз он ки, мо намунаҳои зиёдеро санҷидем, омӯхтем, вале дар ягон намунаи санҷидаамон танарешаи уфуқии ду соларо дарёфт накардем. Шояд ин узв низ мисли узвҳои рӯйизаминӣ яксола бошад». Бо гузаштани вақт танарешаҳо то 3-4 м дароз шуда, ба воя мерасанду то 12-16 фарди нав ба амал меоварад, ки ҳоло дар алоқаи фарди модарианд, вале баъди якчанд сол оҳиста – оҳиста мурдан ва аз фарди модарӣ ҷудо шудани онҳо дар як ё якчанд ҷой ба амал меояд, ки дар натиҷа навдаҳои рӯйизаминӣ ба рустании мустақил табдил меёбанд. Рафти ин ҳодисаро барои ширинбия [8, с.428-450] чунин шарҳ медиҳад: «Афзоиши ширинбия дар натиҷаи мурдани қисме аз танарешаҳо ба амал меояд».Гулкунии фарди аз тухм

инкишофёфтаи ширинбия дар сесолагии фаъолияташ шуруъ мешавад. Ҷиҳати характерноки ширинбия дар он аст, ки дар решаҳои наврустаи он шумораи муайяни калонияи бактерияҳои лундагӣ ҳатмист. Чӣ тавре, [12, с.59-60] нишон медиҳад: «Дар вақти омӯхтани системаи решаҳои ширинбия дарёфти калонияи бактерияҳои лундагӣ, ки барои аксарияти намудҳои оилаи лӯбиёгиҳо ҳатмист, муяссар нагардид. Аз ин лиҳоз, ин рустанӣ қобилияти бой намудани таркиби хокро ба нитроген надорад». Ба фикри банда, мавқеи охиринро низ дуруст ҳисобидан нашояд, алалхусус барои водиҳои Кофарниҳону Вахшу Сурхоб.

Якум ин ки инкишофи барзиёди бактерияҳои лундагӣ дар наврустаҳои ширинбия ягон шубҳаеро боқӣ наемонад, чунки онҳо на танҳо дар решачаҳои навруста, балки дар решаи фардҳои бисёрсолаи вай ҳам дида мешаванд. Ғайр аз ин дар заминҳои кишт, алалхусус кишти шолӣ аз ҷониби кишоварзони водиҳои Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон қисми сабзи ширинбияро ҳамчун поруи табиӣ истифода мебаранд. Таҳлилҳои зоотехникӣ нишон додаанд, ки дар давраи гулкунӣ, дар узвҳои нашвии ширинбия то 12% протоин мавҷуд аст. Чӣ тавре, деҳқонҳои рустанипарвар иброз медоранд, онҳо барои интихоби заминҳои кишти зироатҳо пеш аз ҳама участкаҳоеро интихоб менамоянд, ки фардҳои ширинбия зиёданд.

Ҳамин тавр, ҳамаи гуфтаҳои боло ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки таъсири ширинбия барои афзудани нитроген дар таркиби хок зиёд аст. Мо исбот намудем, ки кам ё зиёд будани шумораи бактерияҳои лундагӣ бештар ба чор омил вобаста аст: кам будани намии таркиби хок; зиёд будани шӯрии таркиби хок; ҷойгир будани решаҳо то чуқурии 30-35 см дар таркиби хок; ва дар охир синну соли худи рустанӣ. Бештар шумораи бактерияҳои лундагӣ дар таркиби решаи рустаниҳои як ё дусолаи аз тухм инкишофёфта мушоҳида мешаваду бо болоравии синну сол онҳо кам шудан мегиранд.Мушоҳидаҳои гузаронидаи мо дар резишгоҳи дарёҳо нишон дод, ки узви зеризаминии ширинбия хислати баланди пластикӣ (ёзандагӣ) дошта, вобаста ба шароити муҳит, сохт ва шакли худро дигар мекунанд. Дар ҳолати хушк будани таркиби хок узви зеризаминии ширинбия танҳо аз як тирреша ташкил ёфта, решаҳои паҳлугиаш инкишоф намеёбанд. Дар минтақаҳои намии муътадил дошта, решаҳои паҳлугии ин рустанӣ хуб инкишоф меёбанд. Вале дар сурати аз меъёр зиёд будани намии таркиби хок тиррешаи ширинбия ба танареша табдил ёфта, дар қабати болоии хок бо тарзи уфуқӣ паҳн мешаванд (расми 2).



Расми 2. Шакли ҷойгиршавии решаҳои аз тухм инкишофёфта

Ҳамин тавр, вобаста ба дараҷаи намии таркиби хок узви зеризаминии ширинбия ба типҳои тирреша, решаи шохчадор ва танареша ҷудо мешаванд. Аз ҷиҳати ҷойгирӣ дар таркиби хок, узвҳои зеризаминии ин рустаниро ба типи паҳншавии уфуқӣ, ки дар қисми болоии хок ба ҳар тараф паҳн гашта, типи амудӣ ва типи паҳншавии уфуқию амудӣ дошта, ҷудо мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Аширова А.А. Промышленные запасы солодкового корня в долине Амударьи в пределах Туркменской ССР и способы его рационального использования / А.А.Аширова // В сб. «Вопросы изучения и использования солодки в СССР». – М., -Л.: Наука. – 1966. - С.43-67.
2. Васильченко И.Т. Морфология прорастания сем. бобовых (Laguminosae) њоло Fabaceae в связи с их систематикой и филогений И.Т. / Васильченко //Флора и систематика высших растений. Вып.4. – М., -Л. – 1937. - С.74-98.
3. Давлатов А.С. Баъзе хулосањо доир ба омўзиши флораю набототи мамнуъгоњи «Бешаи палангон» / А.С.Давлатов // Матер. международ. Семинара «Современное состояние, рациональное использование, охрана биологических ресурсов Республики Таджикистан», ДМТ. - Душанбе. 2002. – С.38-41.
4. Давлатов А.С. Флора и растительности заповедника «Тигровая балка» / А.С. Давлатов.– Душанбе: Дониш, НАН. – 2020. – С.56-66.
5. Ермоленко М.А. Солодка голая (Glycyrrhiza glabra) в поймах рек южного Таджикистана / М.А. Ермоленко // Растительные ресурсы Таджикистана и интродукция полезных растений. -Душанбе: Дониш, 1979. – С.13-36.
6. Кербабаев Б.Б. Семенное размножение солодки (Glycyrrhiza glabra) в долине Аму-Дарьи / Б.Б.Кербабаев, В.А. Кашенко // Известия Туркмен ФАН СССР. - №2. – 1949. – С.64-73.
7. Кербабаев Б.Б. Некоторые вопросы ускоренного восстановления солодки / Б.Б.Кербабаев, А.П Мещеряков, И.П.Гладышев // В сб. «Вопросы изучения и использования солодки в СССР». -М.:-Л., Наука. 1966. – С.54-67.
8. Коровин Е.П. Растительность Средней Азии и Южного Казахстана / Е.П. Коровин // Книга 1. Изд. АНУз. ССР, М. – Ташкент, 1961. – С.428-450.
9. Курганов Е.А. Обзор рода солодка (Glycyrrhiza L.) / Е.А.Курганов //Тр. ботан. институт. им. В.Л. Комарова АН СССР. – Вып.2. – 1955. –153с.
10. Михайлова В.Т. Солодковый корень и его использование в народном хозяйстве / В.Т. Михайлова // Вестник АН Казах. ССР. - №3.- 1940. –С.45-52.
11. Надежина Т.П. Некоторые вопросы цветения, плодоношения и семенного возобновления солодки голой (Glycyrrhiza glabra) в пойме Амударьи / Т.П.Надежина // Тр. бот. инст. им. В.Л. Комарова АМ СССР. Сб. «Растения–источники биологически активных веществ лечебного действия». -Вып. 13. Растительные сырье. - Л.: Наука. -1965^{б}. – 245с.
12. Никитин В.В. Сорная растительность богары-Капет-Дага в связи с вертикальной зональностью / В.В. Никитин. –Ашхабад, 1939. – С.59-60.
13. Сосновский Д.И. Материалы к ботаническому изучению солодки / Д.И. Сосновский // Тр. ботанического и химического институтов Аз ФАН СССР. Т.(V), 47. – Баку, 1938. – С.59-60.
14. Худойбергенов Э.Б. Запасы и распространение солодки в среднем течении реки Сырдарьи / Э.Б. Худойбергенов //В сб. «Материалы к флоре и растительности Казахстана». -Алма-Ата. – 1962. – С.61-80.
15. Яценко-Хмелевский А.А. Строение осевых органов солодки / А.А.Яценко-Хмелевский, И.В. Дылевская // Тр. Ботанического и химического институтов АзФАН СССР. Т.(V), 47. – Баку, 1938. – С.90-94.

ИНКИШОФИ БИОЛОГИИ БАЪЗЕ РУСТАНИҲОИ РЕЛИКТИИ РЕЗИШГОҲИ ДАРЁҲОИ ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ

Таркиби флораи резишгоҳи дарёҳо дар муқоисаи дигар минтақаҳои сатҳи хушкӣ он қадар бой нест, ки сабабҳои худро дорад. Сабаби асосии ин пеш аз ҳама, хусусияти хоси шароити табиӣи резишгоҳҳо ва реҷаи интихоб доштани муҳити онҳо мебошад. Масалан, намудҳоеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки танҳо дар резишгоҳҳои дарёҳо, аз қабили найшакари ёбоӣ - Saccharum spontaneum, марсилияи чорбарг -Marsilea guadrifolia, лухи хурдӣ - Typha minima, шӯрааҷириқи соҳилӣ- Aeluropus litoralis ва ғайра мерӯянд.Баробари ин намудҳои зиёдеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар минтақаҳои ғайрирезишгоҳӣ мисли уштурхори кабудбарг-Alhagi canescens, қушабарги амударёӣ - Zygophyllum oxianum, карелинияи каспӣ - Carelinia caspia ва ғайра васеъ вомехӯранд.Вобаста ба ҳарорати таркиби хок ибтидои фаъолияти набототи резишгоҳҳо дар муқоисаи дигар минтақаҳои хушк дертар ба амал меоянд. Нишонаҳои аввалини фаъолияти рустаниҳои алафӣ, аз қабили Imperata cylindrical, Typha minima, Calamagrostis dubia, Erianthus ravennae ва дигарон дар аввали моҳи март мушоҳида мешаванд. Оғози фаъолияти рустаниҳои дарахтию буттагӣ каме дертар аз фаъолияти рустаниҳои алафӣ дар нимаи дуюми моҳи март оғоз меёбад. Аввалин шуда муғчаҳои сафедор ба варам кардан шуруъ мекунад ва гулкунии онҳо дар як вақт сар мешавад.Вобаста ба шароити метеорологии баҳор дар аввали моҳи апрел инкишофи рустаниҳои алафӣ пурра ба вуҷуд меоянд, ки ин аспекти аввал ба ҳисоб меравад. Паҳншавӣ ва фаъолияти тухмии рустаниҳои резишгоҳ бо роҳҳои гуногун сурат мегирад. Аммо, дар ин ҷо диққати махсус ба афзоиши тухми ширинбия дода мешавад. Аксари тадқиқотчиён чунин мешуморанд, ки ширинбия танҳо ба таври нашвӣ афзоиш меёбад. Аммо, чи тавре Кербабаев, Мешаряков ва Гладишев қайд мекунанд, «дар сурати афзоиши баромади майсаҳои ширинбия ҳангоми коштани тухми коркардашуда дар чуқурии 2-3 см кошта ва майсаҳо бошанд, баъди 9-14-ум рӯз баъди кишт пайдо мешаванд».

Калидвожаҳо: ширинбия, олами наботот, рушд, вегетатсия, рустаниҳо, тухмӣ, гулкунӣ, қушабаргҳо, шароит, резишгоҳ.

БИОЛОГИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ НЕКОТОРЫХ РЕЛИКТОВЫХ РАСТЕНИЙ В ПОЙМАХ РЕК ЮЖНОГО ТАДЖИКИСТАНА

Флористический состав пойменной растительности сравнительно беден. Бедность пойменной флоры обусловлена своеобразием условий местообитания и прежде всего отбирающим влиянием пойменности.Многие виды этой флоры широко распространены и в других условиях суши. Но в этой флоре встречаются виды, которые приурочены только к условиям поймы. Например, в этих условиях произрастают дикий сахарный тростник – Saccharum spontaneum, рогоз малый - Typha minima, марсилия четерёхлистная -Marsilea guadrifolia, прибережница Aeluropus litoralis и др.Во флоре поймы рек широко встречаются так называемые синантропные растения, такие как верблюжья калючка-Alhagi canescens, парнолистник амударьинский-Zygophyllum oxianum, карелиния каспийская – Carelinia caspia и др.В зависимость от температуры почвы начало вегетации пойменной растительности, по сравнению с другими частями суши, происходит позже. Первые признаки вегетации наблюдаются у травянистых растений: у Imperata cylindrica, Typha minima, Calamagrostis dubia, Erianthus ravennae и др. в начале марта. Начало вегетации у древесной и кустарниковой растительности происходит несколько позднее начала вегетации травянистой, обычно во второй половине марта. Первыми начинают набухать почки тополей, причем одновременно начинается и их цветение.В зависимости от метеорологических условий весны в начале апреля образуется зеленый фон травянистой растительности, который считается первым аспектом. Распространение и прорастание семян пойменных растений происходит по-разному. Но здесь особое значение придается семенному размножению солодки. Многие исследователи считают, что солодка размножается только вегетативным способом. Но как указывают Кербабаев, Мещеряков и Гладышев, «при семенном размножении максимальная всхожесть солодки получается при посеве скарифицированными семенами на глубину 2-3 см, всходы появляются на 9-14 – й день после посева».

Ключевые слова: солодка, флора, развитие, вегетация, растительность, семена, цветение, парнолистник, условия, пойма.

BIOLOGICAL DEVELOPMENT OF SOME RELICTIVE PLANTS IN RIVER FLOOD PLANTS OF SOUTHERN TAJIKISTAN

The floristic composition of floodplain vegetation is relatively poor. The poverty of the floodplain flora is due to the peculiarity of the habitat conditions and, above all, the selective influence of the floodplain.Many species of this flora are widespread in other land conditions. But in this flora there are species that are confined only to the conditions of the floodplain. For example, under these conditions grow sugar cane - Saccharum spontaneum, small cattail - Typha minima, four-leafed marshlia - Marsilea guadrifolia, coastal shore - Aeluropus litoralis, etc.In the flora of the river floodplain, the so-called synanthropic plants are widely found, such as camel's thorn - Alhagi canescens, Amudaryan parsley - Zygophyllum oxianum, etc.Depending on the temperature of the soil, the beginning of the vegetation of floodplain vegetation occurs later. The first signs of vegetation are observed in herbaceous plants like Imperata cylindrical, Typha minima, Calamagrostis dubia and others in early March. The beginning of the growing season in woody and shrubby vegetation begins somewhat later than the beginning of the growing season of the herbaceous, usually in the second half of March. Poplar buds begin to swell first, and their flowering begins at the same time.Depending on the meteorological conditions of spring, a green background of grassy vegetation forms in early April, which is considered the first aspect. Propagation and germination of seeds of floodplain plants occurs in different ways. But here special importance is attached to seed propagation of licorice. Many researchers believe that licorice reproduces only vegetatively. But as Karbabaev, Mesharyakov and Gladyshev point out, "with seed propagation, the maximum germination of licorice is obtained when sowing with scarified seeds to a depth of 2-3 cm, shoots appear on the 9-14th day after sowing."

Key words: licorice, flora, development, vegetation, vegetation, seeds, flowering, double-leaved, conditions, floodplain.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатов Абдулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи экология, АМИТ ходими пешбари илмии Институти ботаника, физиология ва генетика. Телефон: **918-48-69-00.** E-mail: **davlatov-abdullo2020@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Давлатов Абдулло*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры экологии, ведуший научный сотрудник Института ботаники, физиологии и генетики Национальной академии наук Таджикистана. Телефон: **918-48-69-00.** E-mail: **davlatov-abdullo2020@mail.ru**

Information about the author: ***Davlatov Abdullo*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Ecology, Leading Researcher at the Institute of Botany, Physiology and Genetics of the National Academy of Sciences of Tajikistan.Phone: **918-48-69-00.** E-mail: **davlatov-abdullo2020@mail.ru**

УДК: 631.4: 571.1

ҲОСИЛНОКИИ ПАХТАИ МИЁНАНАХ ВОБАСТА АЗ ТАЪСИРИ НАМУДИ НУРӢ ДАР ШАРОИТИ ХОКҲОИ ХОКИСТАРРАНГИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ (ШАРҲ)

Ҳотамов М.Т.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Яке аз муҳимтарин тадбирҳо барои афзун намудани ҳосилнокии зироатҳо ғизодиҳӣ мебошад. Ба кор бурдани нуриҳо имконият медиҳад, ки бо усулҳои оддитарин ҳосили баланд ба даст оварда шавад. Дар сурати якҷоя истифода бурдани нуриҳои органикӣ ва минералӣ ҳосили баланд рӯёнидан мумкин бувад. Ин ғизогирии муътадил самаранокии растаниҳоро таъмин менамояд.

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда бо нуриҳои гуногун чӣ дар алоҳидагӣ ва инчунин дар якҷоя истифодабарии онҳо ҳангоми зери хок намудан ба чуқурии ҳархела дар шароити Тоҷикистони Марказӣ дар кишти пахтаи миёнанах нишон медиҳанд, ки онҳо ба мавҷудияти нитроген, фосфор ва калийи таъсири хосса мерасонанд. Ба вазифаи тадқиқоти мо омӯзиши мавҷудияти нитроген дар шаклҳои аммоний ва нитратҳо ва кӯчиши онҳо дар хок аз боло ба поён ва инчунин динамикаи фосфор ва калии серҳаракат пеш аз кишт ва дар охири нашву намои зироати пахта дохил мегардид.

Чӣ тавре, таҳқиқот шаҳодат медиҳанд (ҷадвали 1) мавҷудияти миқдори нитроген дар баҳор ва тирамоҳ каму беш дигар мешаванд дар баҳор зиёд ва дар охири сабзиши пахта кам мегарданд. Миқдори он дар қабати болоии хок зиёд ва қабати поёнии он камтар аст. Ин факт – натиҷаи таназулёбии моддаҳои органикии хок дар давраи нашву намои зирот мебошад. Андохтани нуриҳо боиси зиёд шудани миқдори нитроген мегардад [7, с.3].

Ҷадвали 1. Таъсири нуриҳо ба мавҷудияти нитроген, фосфор ва калий дар хок

т/р	Вариантҳо	N мг/кг (умумӣ)		P_2O_5 серҳаракат, мг/кг		K_2O мг/100 г	
		Дар чуқурии, см					
		0–30	30-50	0–30	30-50	0–30	30-50
		Пеш аз кишт					
1	Назорат (бе нурӣ)	21, 7	15,2	27,0	23,4	8,1	9,9
2	Нуриҳои минералӣ ((N180P120K60))	44,4	34,1	36,2	40,2	14,4	17,3
3	Пору 15/га	33,5	23,5	47,1	42,7	11,1	12,2
4	Биокомпост 15/га	35,8	28,0	49,3	41,5	18,2	19,0
5	Пору+NPK	46,5	43,2	53,4	44,1	19,3	21,6
6	Биокомпост+NPK	48,6	49, 3	52,7	43,5	21,7	23,9
		Дар охири нашву намо					
1	Назорат (бе нурӣ)	11,5	6,5	21,6	19,8	7,0	6,6
2	Нуриҳои минералӣ (NPK)	16,6	23,2	29,3	27,4	9,8	10,9
3	Пору	16,4	24,0	32,3	30,5	9,0	9,4
4	Биокомпост	18,1	25,8	33,1	29,8	9,2	10,1
5	Пору+NPK	18,7	19,7	36,0	32,2	13,7	11,6
6	Биокомпост+NPK	31,3	32,5	39,7	33,1	15,5	12,7

Лекин миқдори вай вобаста аз муҳлати андохтани нуриҳои нитрогенӣ хусусан аммоний камшуда миқдори нитратҳо зиёд мешаванд. Исботи ин ҳақиқат он аст, ки ҳангоми андохтани нуриҳои минералӣ дар якҷоягӣ бо нуриҳои органикӣ миқдори нитроген зиёд мешавад нисбат ба нуриҳои органикӣ (пору, биокомпост). Ин ҳолат нисбати фосфор ва калийҳам чунин мебошад.

Ғизои нуриҳо ба ташаккулёбии шохаҳои ҳосилофаранда ва гулу муғчаҳо таъсири мусбӣ мерасонанд. Хусусан ин ҳолат дар давраи гулкунии растании пахта хос мебошад, чунки дар ин давра ташаккулёбии босуръати узвҳои ҳосилдиҳанда дида мешаванд. Бояд тазаккур дод, ки нуриҳои то киштӣ пахта (пеш аз шудгор) андохта шуда (нурии асосӣ) ҳамчун сарчашмаи ғизои растанӣ барои сабзиши узвҳои ҳосилдиҳанда дар давраҳои гуногуни афзоиши растанӣ мегарданд.

Мувофиқи нишондодҳои бадастомада дар давраи ғунчабандӣ рафти гуногуни ба вуҷуд омадани шохаҳои ҳосилдеҳ ва гулу муғчаҳо дида мешуданд. Илова бар ин, миқдори зиёди онҳо аз ғизои минералӣ чӣ аз шудгори оддӣ ва инчунин чуқурии зери хок намудани нуриҳо ташкил ёфтаанд. Лекин, миқдори зиёди гулу муғчаҳо аз таъсири нуриҳои омехта бавуҷудомада буданд. Аз таъсири ғизои омехтаи узвию-минералӣ дар қиёси шудгори на чандон чуқурии ташаккулёбии бештари муғчаҳо – 6,9-7, дона дар як растанӣ қайд карда мешавад, аммо аз чуқур ворид намудани ин нуриҳо миқдори муғчаҳо кам мегарданд (ҷадвали 2). Истифодаи пору ва биокомпост зери шудгори оддӣ (28-30 см) ба суръати таъсиси шохаҳои мевадиҳанда ва ғуншавии гулу муғчаҳо нисбат ба нуриҳои омехта онқадар таъсири калон намерасонанд.

Дар сурати афзоиши пурқувват ташаккули барзиёди узвҳои ҳосилдеҳ авҷ мегиранд. Дар системаи нурии органикию минералӣ навобаста аз чуқурии шудгор тахминан натиҷаҳо якхела ба даст оварда шудааст. Суръати начандон барзиёд дар вариантҳои пору ва биокомпост бо шудгори ҳархела дида мешаванд.

Ҷадвали 2. Афзоиши узвҳои ҳосилдеҳ дар растании пахтаи навъи Меҳргон дар давраҳои гуногуни афзоишёбии он

	Вариантҳо	Давраҳои инкишофёбӣ			
		шонабандӣ		Гулкунӣ	
		Миқдори шохаҳои ҳосилдеҳ	Миқдори гулу муғчаҳо	Миқдори шохаҳои ҳосилдеҳ	Миқдори гулу муғчаҳо
Шудгори оддӣ (25-30 см)					
1	Назорат (бе нурӣ)	3,2	4,2	5,2	10,2
2	Нуриҳои минералӣ (NPK)	5,0	5,9	8,9	18,3
3	Пору	4,3	4,8	7,7	15,3
4	Биокомпост	4,7	5,2	8,1	16,6
5	Пору+NPK	5,1	6,9	8,6	19,9
6	Биокомпост+NPK	5,8	7,1	9,2	20,4
Шудгори чуқур (40-45 см)					
1	Назорат (бе нурӣ)	3,3	3,7	6,0	11,8
2	Нуриҳои минералӣ (NPK)	4,9	5,6	8,8	17,6
3	Пору	3,4	4,2	7,6	14,9
4	Биокомпост	3,6	4,7	7, 9	16, 2
5	Пору+NPK	4,4	5,9	8,6	18,6
6	Биокомпост+NPK	4,1	5,8	9,1	19,2

Ҷадвали 3. Ҳосилнокии пахтаи миёнанахи навъи Меҳргон

т/р	Вариантҳо	Ҳосилнокӣ т/га	
		Шудгори оддӣ (25-30 см)	Шудгори чуқур (40-45 см)
1	Назорат (бе нурӣ)	2,1	1, 9
2	Нуриҳои минералӣ (NPK)	3,9	3,6
3	Пору	3,3	3,5
4	Биокомпост	3,6	3,8
5	Пору+NPK	4,3	4,1
6	Биокомпост+NPK	4,5	4,6

Натиҷаҳои корҳои пажуҳишӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки нуриҳои андохташуда ва усулҳои шудгор ба бузургии ҳосил таъсири хосса мерасонанд, хусусан ба чинакҳои

якум ва дуюм ва ин аз таъмини растаниҳо бо маводҳои ғизоӣ дар давраи шонабандӣ вобастагии калон дорад (ҷадвали 3).

Дар вариантҳои бе нурӣ – назорати ҳосили пахта дар ҳудуди 1,9 - 2,1 т/га. Аз истифодаи нуриҳои минералӣ ($N_{180}P_{120}K_{60}$) ва ду намуди шудгор тахминан ду маротиба афзудааст. Дар мавриди истифодаи ғизои поругӣ бо нуриҳои минералӣ зери шудгори оддӣ ҳосили пахта 4,3 т/га, лекин зери шудгори чуқур ин намуди ғизо таъсири зиёд расонидааст 4,1 т/га. Аммо, ҳосили бештар дар варианти Биокомпост+NPK 4,5 – 4,6 т/га гирифта шудааст. Сабаби болоравии самаранокии нуриҳои органикию минералӣ эҳтимол беҳтар шудани таносуби режими ғизоии хок аст [6]. Дар давраи шонабандӣ ташкилёбии ғунчаҳои авала, гулҳо ва ғӯраҳои пахта дар конусҳо ва нишемаҳо пайдо мешаванд. Онҳо ташаккулёбии ҳосили асосиро омода месозанд ва аз ин рӯ, чӣ қадар растании пахта бо элементҳои ғизоӣ таъмин бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти нигоҳ доштани узвҳои репродуктивӣ, ки дарёфти ҳосили зиёди барвақтиро таъмин менамоянд меафзояд.

АДАБИЁТ

1. Иброхимов, Н.Ш. Повышение плодородия почвы в новых условиях землепользования / Н.Ш. Иброхимов / Материалы Международной научно-практической конференции. Душанбе: - 2012г. - С.142.
2. Иброхимов, Н.Ш. Повышение плодородия почвы в новых условиях землепользования / Н.Ш. Иброхимов / Материалы Международной научно-практической конференции. Душанбе: - 2012г. - С.150.
3. Максумов, А.Н. Основные проблемы богарного земледелия Таджикистана / А.Н.Максумов // Труды ТаджНИИЗ част 1, Душанбе: 1965.
4. Смирнов Б. А. Биологические свойства почвы и урожайность культур под воздействием обработки и удобрений / Б. А.Смирнов, А. М.Труфанов, Е. В. Чебыкина // Плодородие. - 2006.- №2. – С.27-29.
5. Хотамов, М.Т. Оптимизация условий питания озимой пшеницы в условиях орошения. Пути повышения плодородия почв Таджикистана / М.Т. Хотамов // Сборник научных трудов ТаджНИИП. Том 39. Душанбе «Дониш». - 2007. - С. 114.
6. Эндрюс У. Б. Применение органических и минеральных удобрений / У. Б. Эндрюс. Пер. с англ. – М.: ИЛ, 1959. – 398 с.
7. Sanginov S.,. Nurmatov S. Harnessing the soil recourses of Central Asia for Development. 2002 Annual Meetings American Society of Agro. Crop Science Society of America, Indianapolis, -14p.

ҲОСИЛНОКИИ ПАХТАИ МИЁНАНАХ ВОБАСТА АЗ ТАЪСИРИ НАМУДИ НУРӢ ДАР ШАРОИТИ ХОКҲОИ ХОКИСТАРРАНГИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ

Муайян карда шудааст, ки системаи органикию минералии нурӣ на вобаста аз намуди нурӣ ба ташаккулёбии растанӣ таъсири хосса мерасонад ва ҳосилнокии ӯро зиёд мегардонад. Ҳосили максималии пахта аз истифодаи системаи дурусти нурӣ вобастагии калон дорад. Системаи органикии нурӣ дар бисёр ҳолатҳо барои дарёфти ҳосили иловагӣ нисбат ба системаҳои минералию органикӣ таъсири паст зоҳир намудааст Ҳангоми истифодаи якҷояи нуриҳои органикӣ ва минералӣ самаранокии беҳтарин ноил мегардад, хусусан Биокомпост дар якҷоя бо нуриҳои минералӣ. Дар шароити кунунӣ болоравии нарху навои нуриҳои минералӣ дида мешавад ва аз он хусус бояд роҳҳои алтернативии баланд намудани ҳосилнокии пахта ҷуста шаванд. Дар ин самт саҳми системаи биологии зироаткорӣ хеле назаррас мебошад, зеро дар он нуриҳои органикӣ хеле дастрас мебошанд.

Калидвожаҳо: системаи нурӣ, ғизодиҳӣ, нуриҳои минералӣ, пору, бионуриҳо, вермикомпост, микробҳо, пахта, биокомпост, ҳосилнокӣ, самаранокӣ, истифодаи якҷоя, ҳосилхезии хок, растанӣ.

УРОЖАЙНОСТЬ СРЕДНЕВОЛОКНИСТОГО ХЛОПЧАТНИКА В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ВЛИЯНИЯ ВИДА УДОБРЕНИЯ В УСЛОВИЯХ ТЕМНЫХ СЕРОЗЕМОВ ЦЕНТРАЛЬНОГО ТАДЖИКИСТАНА

Установлено, что органоминеральная система удобрения независимо от вида удобрения влияет на развитие растений и тем самым увеличивает ее урожайность. Максимальная урожайность хлопчатника во многом зависит от использования правильной системы удобрения. Органическая система удобрения оказывает низкое влияние на получение дополнительного урожая в сравнении с органоминеральной системой. При совместном применении органических и минеральных удобрений достигается ее высокая эффективность, особенно биокомпоста с минеральными удобрениями. Но в нынешних условиях наблюдается рост стоимости минеральных удобрений, исходя из этого необходимо изыскать альтернативные пути повышения урожайности хлопчатника. В этом направлении биологическая система земледелия является наиболее привлекательной с экологической точки зрения, так как органические удобрения более доступны.

Ключевые слова: система удобрения, питание, минеральные удобрения, навоз, биоудобрения, вермикомпост, микроорганизмы, хлопчатник, биокомпост, урожайность, эффективность, совместное применение, плодородие, почва, растение.

THE YIELD OF MEDIUM-FIBER COTTON DEPENDING ON THE INFLUENCE OF THE TYPE OF FERTILIZER IN THE CONDITIONS OF DARK GRAY SOILS OF CENTRAL TAJIKISTAN

It has been established that the organomineral fertilizer system, regardless of the type of fertilizer, affects the development of plants and thereby increases its yield. The maximum yield of cotton largely depends on the use of the correct fertilizer system. The organic fertilizer system in many cases for obtaining an additional yield in comparison with the organomineral system has a low effect. With the combined use of organic and mineral fertilizers, its high efficiency is achieved, especially biocompost with mineral fertilizers. But in the current conditions, there is an increase in the cost of mineral fertilizers, based on this, it is necessary to find alternative ways to increase the yield of cotton. In this direction, the biological farming system is the most attractive from an ecological point of view, since organic fertilizers are more affordable.

Key words: fertilizer system, nutrition, mineral fertilizers, manure, biofertilizers, vermicompost, microorganisms, cotton, biocompost, yield, efficiency, joint application, fertility, soil, plant.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳотамов Муртазо Темурович*** - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи агрохимия ва хокшиносӣ. **Суроға:** 743003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146

Сведения об авторе*: Хотамов Муртазо Темурович* - Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шотемура, доктор сельскохозяйственных наук, профессор кафедры агрохимии и почвоведения. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 146

Information about the author*: Khotamov Murtazo Temurovich* - Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur, Doctor of Agricultural Sciences, Professor of the Department of Agrochemistry and Soil Science. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 146

УДК:632.15.1

ТЕХНОЛОГИЯИ МУФИДИ ҶУДО НАМУДАНИ РАВҒАНИ ЭФИРӢ АЗ БАРГИ БУТТАИ АНҶИБАРИ ГУЛОБӢ ВА ТУХМИ ЗИРА

Зокирова М.А.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

Равғанҳои эфирӣ пайвастагиҳои табиие ба ҳисоб мераванд, ки аҳамияти калони саноатиро доранд. Вобаста ба таркиби химиявиашон равғанҳои эфири ба ҳайси доруворӣ, ҳамчун композитсияҳои хушбӯйкунанда дар саноати хӯрокворӣ, атриёт ва ғайра истифодашаванда мебошанд.

Вобаста ба баромад ва арзиши ашёи хоми ибтидоӣ дар бозори ҷаҳонӣ равғанҳои эфирӣ нархҳои гуногунро доро мебошанд. Баъзеи онҳо арзиши ниҳоят баландро доранд. Аз ҳамин лиҳоз, мавзуи коркарди технологияҳои муфиди ҷудо намудани равғанҳо яке аз мавзуҳои мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб мераванд.

Ин афзалият ва мубрамияти мавзуи зеринро ба инобат гирифта дар ин мавзуъ аз ҷониби мо таҳқиқотҳо гузаронида шуд. Ба ҳайси объекти таҳқиқот ва ашёи хоми ибтидои баргу буттаи анҷибари гулобӣ (PELARGONIUM ROSEUM WILLD) ва тухми зира (BUNIUM PERSICUM) интихоб карда шуд. Тухми зира аз минтақаи Сангвори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи пас аз пурра пухтарасии тухм ҷамъоварӣ карда шуд.

Баргу буттаи анҷибари гулобӣ аз қитъаи экспериментали хоҷагии деҳқонии “Эфиронос” дар марҳилаи афзоиши бутонизатсия ҷамъоварӣ гардидааст. Дар парвариши анҷибари гулобӣ аз нуриҳои маъданӣ ва органикӣ истифода карда шуд.

Ба минтақаҳои экспериментали муддати 3 сол дар мувофиқа ба меъёрҳои муқарраргардидаи парвариши PRW ва тавсияҳои мутахассисони хоҷагӣ, нуриҳои маъданӣ ва органикӣ ҳамчун маводи ғизоӣ ба хок илова карда шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Таъсири элементҳои ғизоӣ ба маҳсулнокии биологии растании анҷибари гулобӣ (PELARGONIUM ROSEUM WILLD)

Вариантҳои парвариши анҷибари гулобӣ	Муҳлати гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ (сол)	Ҳосилнокии биологии анҷибар (аз рӯйи вазни сабз) тонна /га	Равғани эфирии ҳосилкардашуда	
Бе коркард ва иловаи нуриҳо	соли 1-ум	14,70т	729	0,055
	соли 2-ум	13,25т	7,02	0,053
	соли 3-ум	10,15т	5,14	0,050
NH_4NO_3 талаботи муқарраркардашуда (170кг/га)	соли 1-ум	16,80т	10,97	0,065
	соли 2-ум	17,95т	11,93	0,066
	соли 3-ум	19,04т	11,97	0,063
NH_4NO_3Ca $(H_2PO_4)_2$ (170кг/га)	соли 1-ум	17,33т	11,76	0,067
	соли 2-ум	18,46т	13,01	0,070
	соли 3-ум	20,31т	13,66	0,067
$Ca(H_2PO_4)_2$ (170кг/га) (IV)	соли 1-ум	15,60т	9,64	0,061
	соли 2-ум	15,98т	10,17	0,063
	соли 3-ум	16,3т	10,28	0,063
Пору (поруи мурғ ва поруи ҳайвони калони шохдор 1:10), 250кг/га	соли 1-ум	15,25т	8,81	0,057
	соли 2-ум	15,47т	8,98	0,058
	соли 3-ум	15,86т	9,32	0,059

Дар асоси натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвали 1 пешниҳод шуда маълум гардид, ки маҳсулотнокии биологии растании анҷибари гулобӣ ба элементҳои ғизоии таркиби хок ва технологияи парвариши он зич алоқаманд мебошад.

Тавре, аз натиҷаҳои илмии бадастовардашуда баомеояд, бе иловаи нуриҳои маъданӣ дар муддати 3 сол ҳосилнокии массаи сабзи анҷибари гулобӣ то 695 коҳиш ёфта, баромади равған метавонад то 56,4% кам гардид.

Пажуҳиш ва таҳқиқот дар ин ҷода нишон дод, ки нуриҳои истифодакардашуда ба ҳосилнокии биологии растании анҷибари гулобӣ таъсири гуногуни худро мерасонад.

Бо истифода аз методҳои таҳлили равғанҳои эфири муайян карда шуд, ки барои ба таври максималӣ бадастовардани равғани эфирии анҷибари гулобӣ бояд таркиби хоке, ки дар он ин растани парвариш карда мешавад, ғализати моддаҳои ғизоии N-NO_3 ба 4,75 мг/кг, P_2O_5 ба 80-82 мг/кг ва K_2O ба 12,6 мг/кг, баробар бошад.

Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки дар ҷудо намудани равғани эфирии анҷибари гулобӣ мо аз технологияи буғронӣ бо буғи обро истифода намудем. Барои муқоисаи натиҷаҳо равғани эфирии тухми зира низ ҷудо карда шуд. Ҷудокунии равғани эфири дар мувофиқа бо адабиёт амалӣ гардид [1с.3].

Барои муайян намудани ҳиссаи массаи равғани эфирии ҷудокардашуда колбаи хурди тагҳамвори ҳаҷмаш 50мл аввал бе равған ва сипас, бо равған дар тарозуи таҳлилӣ баркашида шуд. Аз рӯйи фарқияти вазнҳо массаи холиси равғани эфирии ҷудокардашуда муайян гардид. Аз рӯйи массаи маводи экстраксиякардашуда ва массаи равғани эфирии ҷудокардашуда равғаннокӣ бо ҳисоби фоиз маълум карда шуд. Бо мақсади баланд намудани самаранокӣ технологияи ҷудо намудани равғанҳои эфирӣ усули нав коркард гардид [4]. Фарқияти усули коркардшуда аз аналогҳои худ дар он мебошад, ки пас аз бо усули буғронии обӣ ҷудо намудани равғани эфирӣ он аз боқимондаҳои об тавассути яккунонии экстрагент ҷудо карда гирифта шуд. Барои иҷрои ин амал равғани эфирие, ки дар маҳлули оби қарор дорад, то ҳарорати -3^0 хунук карда мешавад. Дар чунин шароит об аз ҳолати агрегатии моеъ ба ҳолати агрегатии сахт, яъне ба ҳолати ях мегузарад.

Дар ин ҷо қайд намудан бамаврид аст, ки ҳарорати лахтбандии равғани эфирӣ нисбат ба об хело паст мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, дар чунин шароити оби моеъ ба ях табдил ёфта, равғани эфирӣ дар ҳолати аввалаи худ, дар шакли моеъ боқӣ мемонад. Равғани эфириро аз ях ба осонӣ бо усули полоиш ҷудо намудан мумкин аст.

Натиҷаҳо оид ба ҳиссаи массаи равғанҳои эфирӣ (равғаннокӣ) дар таркиби тухми зира ва баргу буттаи анҷибари гулобӣ дар ҷадвали 2 пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 2. Маҳсулноки технологияи коркарднамудаи ҷудо намудани равғанҳои эфири дар муқоиса бо технологияҳои маълум

Ашёи хоми ибтидоӣ	Баромади равғанҳои эфирӣ бо %		Афзалияти технологияи коркардшуда бо %
	Бо технологияи классикӣ	Бо технологияи коркардшуда	
Тухми BUNIUM PERSICUM	2,50	2,60	4
Баргу буттаи PELARGONIUM ROSEUM WIILD	5,51	5,75	4,5


Аз натиҷаҳои озмоиш бармеояд, ки усули коркардгардидаи ҷудо намудани равғанҳои эфирӣ нисбат ба аналоги худ 4-4,5% самаранокии зиёдтар дорад.

Тавассути таҳлил ва таҳқиқҳо муайян гардид, ки яке аз сабабҳои нисбатан кам будани самаранокии технологӣ дар усули классикӣ ин талаф ёфтани равғани эфирӣ ҳангоми ҷудо намудани он аз маҳлули обӣ мебошад.

Дар баробари ин таҳқиқотҳои гузаронидашуда барои муайян намудани вобастагии маҳсулнокии биологии хусусан ҷамъшавии равғани эфирӣ дар тухми зағир вобаста ба маҳалли афзоишу инкишофи растанӣ як қатор таҳқиқотҳо гузаронида шуд.

Ин нуқтаро ба инобат гирифта, мо низ дар ин мавзӯъ як зумра таҳқиқотҳо гузаронидем. Барои иҷрои ин амал тухми зираро дар се марҳилаи фазавии пухтарасии тухм аз минтақаҳои Сангвор ва Даштиҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ намудем. Барои муқоисаи натиҷаҳо ВР-и навъи Эрониро низ дастрас намудем. Равғаннокии намунаи тухмӣ бо усули классикӣ [5] ва бо усули коркардашуда [6, с.8] муайян гардид.

Натиҷаҳои бадастовардашуда дар расми 1 пешниҳод шудааст.



Расми 1. Динамикаи ҷамъшавии равғани эфирӣ дар тухми растании зира вобаста ба шароити маҳалие, ки дар он растанӣ афзоишу инкишоф ёфтааст

Эзоҳ: A, B, C- намунаи тухми ВР, ки дар се фазаи афзоиши тухм ҷамъоварӣ гардидааст ва равғани эфирии он бо истифода аз технологияи классикӣ ҷудо карда шудааст:

A_1, B_1, C_1- намунаи тухми ВР, ки марҳилаи афзоиши тухм аз минтақаи Сангвор ҷамъоварӣ гардида, равғаннокӣ бо усули коркардгардида муайян карда шудааст.

A', B', C' – намунаи тухми ВР, ки се марҳилаи афзоиши тухм аз минтақаи Даштиҷум ҷамъоварӣ шудааст. Равғани эфирии ин намунаи тухм бо усули классикӣ ҷудо гардидааст.

A'_1, B'_1, C'_1 – намунаи тухми ВР, ки се марҳилаи афзоиши тухм аз минтақаи Даштиҷум ҷамъоварӣ гардидааст. Равғани эфирӣ бо усули коркардшудаи мо ҷудо карда шудааст.

A''_1, B''_1 – намунаи тухми ВР-и навъи Эронӣ (эталон), A''_1 – равғани эфирии он бо усули классикӣ ва B''_1 – бошад, бо усули коркардгардида ҳосил гардидааст.

Тавре ки аз натиҷаҳо бармеояд, динамикаи ҳосилшавии равғанҳои эфирӣ дар тухми ВР вобаста ба марҳилаи афзоиши тухм дар мутаносибии роста қарор дорад, яъне бо пухтарасии тухм миқдори равғани эфирӣ дар таркиби тухм меафзояд.

Инчунин, аз натиҷаҳои илмии бадастоварда (дар расми 1 таълиф гардидааст) ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар ҳамаи ҳолатҳо технологияи коркардгардида нисбат ба технологияи классикӣ [9] афзалиятнокии бештарро дорад.

Дар ҷодаи динамикаҳои ҳосилшавии равғанҳои эфирӣ вобаста ба омилҳои табиӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ аён аст, ки ҳосилнокии биологии тухми ВР-и минтақаи Сангвор, нисбат ба ВР-и Даштиҷум ва ВР-и навъҳои хориҷии Эронӣ бештар мебошад. Аз ин натиҷаҳо метавон ба хулосае омад, ки иқлим ва шароити маҳале, ки дар он растанӣ мерӯяд бевосита ба динамикаи ҳосилшавии ҷузъҳои таркибии равғани эфирӣ таъсири худро расонад.

АДАБИЁТ

1. Иброҳимзода Д.Э. Маҳсулнокии равғани эфирӣ вобаста ба минтақаи афзоишу таркиби хок ва нуриҳои маъданӣ / Д.Э.Иброҳимзода, Т.М. Маҳмудова, М.Зокирова, Ф.С. Одинаев // Илм ва фановарӣ №3, 2022. - Душанбе: ДМТ, 2022. - С.144-149.ISSN-2312-3648.
2. Маҳмудова Т.М. Омӯзиши ҷанбаҳои физикию химиявии реаксияи ҳидролизи ишқории эфирҳои мураккаби таркиби равғанҳои эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD / Т.М. Маҳмудова // Паёми донишгоҳи технологии Тоҷикистон №3 (46) 2021.-Душанбе: ДТТ, 2021.- С71-76. ISSN-2707-8000.
3. Юсупова Н.А. Очистка эфирного масла герани от компонентов, имеющих кислотное свойство / Н.А.Юсупова, С.Нажбудинов, Д.Э.Иброгимов, С.Д. Ёдгорова, Т.М. Махмудова // Земледелец №2, -Душанбе: Кишоварз, 2014. - С.7-11. ISBN 2074-5435.
4. Иброҳимзода Д.Э. Таъсири омилҳои экологӣ ба биохимияи ҳосилшавии равғанҳо / Д.Э.Иброҳимзода, Т.М.Маҳмудова, Ф.Ҳ.Юсупова, М.И. Саидаминова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои табиӣ) №1, 2022. - Душанбе: ДМТ, 2022.- С.115-123.ISSN-2413-452X.
1. 5.Юсупова Н.А. Влияние минеральных удобрений на компонентный состав эфирного масла герани–PELARGONIUM ROSEUM WILLD., произрастающей в Таджикистане / Н.А.Юсупова, Д.Э.Иброгимов, С.Нажбудинов //Доклады АН РТ, 2011, т. 54, -№ 8. – С. 673–677.
2. 6.Юсупова Н.А. Способы получения высококачественного эфирного масла герани - Pelargonium roseum Willd / Н.А.Юсупова, Д.Э. Иброгимов, С.Нажбудинов // «Вестник» Таджикского национального университета, № 9 (73), 2011, -С. 34 – 39.
6. Усмонова Ш.Х. Новая технология получения эфирных масел из дикорастущих растений. «Подготовка научных кадров и специалистов новой формации в свете инновационного развития государств» / Ш.Х. Усмонова // Материалы международной конференции (30,31 октября и 1 ноября 2010г). – С. 203-205.
3. 8.Зеленская А.А. Стандартизация эфирных масел / А.А.Зеленская, А. Б.Скворцова, И.П.Эрлих // Международный конгресс по эфирным маслам том 1. Тибилиси 1968. - С.104 – 108.
9. Арасимович В.В. Методы биохимического исследования растений / В.В.Арасимович, А.И.Ермаков [и др]. – Л.: Агропромиздат. Ленинград, 1978, -430 с.
10. Кустова С.Д. Справочник по эфирным маслам / С.Д.Кустова. -М.: Пищепромиздат, 1978. -206 с.

ТЕХНОЛОГИЯИ МУФИДИ ҶУДО НАМУДАНИ РАВҒАНИ ЭФИРӢ АЗ БАРГИ БУТТАИ АНҶИБАРИ ГУЛОБӢ ВА ТУХМИ ЗИРА

Дар мақолаи мазкур натиҷаҳои таҳлили эксперименталӣ ва коркардҳои технологӣ оиди ҷудо намудани равғани эфирӣ аз баргу буттаи анҷибари гулобӣ (PELARGONIUM ROSEUM WILLD) ва тухми зира (BUNIUM PERSICUM) пешниҳод гардидааст. Дар рафти гузаронидани таҳқиқотҳои саҳроӣ дар парвариши геран аз нуриҳои маъданӣ ва органикӣ истифода шудааст. Дар асоси ин таҳқиқотҳо вариантҳои оптималии агротехнологияи парвариши анҷибари гулобӣ вобаста ба шароити иқлими Тоҷикистон коркард гардидааст. Равғани эфирии аз таркиби тухми зира (BUNIUM PERSICUM) ва баргу буттаи анҷибари гулобӣ (PELARGONIUM ROSEUM WILLD) бо усули маълум ва усули коркардшуда муайян карда шуд. Фарқияти усули коркардшуда аз усули маълум дар он мебошад, ки дар рафти ҷудо намудани равғани эфирӣ маҳлули обии экстракт яхкунонида мешавад. Чунин коркарди технологӣ боиси он мегардад, ки самаранокии технологияи 4-4,5% баланд бардошта шавад.

Калидвожаҳо: анҷибари гулобӣ, зира, буғронӣ, экстракти обӣ, ҷудокунӣ, маҳсулнокии биологӣ.

ЭФФЕКТИВНАЯ ТЕХНОЛОГИЯ ПОЛУЧЕНИЯ ЭФИРНОГО МАСЛА ИЗ ЛИСТЬЕВ И СТЕБЛЕЙ РОЗОВОЙ ГЕРАНИ И ЗИРЫ

В статье представлены экспериментально-аналитические результаты и технологические процессы по выделению эфирного масла из листьев и стеблей розовой герани (PELARGONIUM ROSEUM WILLD) и семян зиры (BUNIUM PERSICUM). В результате проведения полевых исследований при выращивании герани применялись минеральные и органические удобрения. На основе этих исследований выявлены оптимальные варианты агротехники и ухода за розовой геранью в зависимости от климатических условий Таджикистана.Эфирное масло из семян зиры (BUNIUM PERSICUM), а также листьев и кустов розовой герани (PELARGONIUM ROSEUM WILLD) определяли известным и разработанным способом. Отличие обработанного способа от известного заключается в том, что в процессе денатурации эфирного масла

водный раствор экстракта замораживают. Такая технологическая обработка повысит технологическую эффективность на 4-4,5%.

Ключевые слова: розовая герань, зира, перегонка, водный экстракт, выделение, биологическая продуктивность.

EFFICIENT TECHNOLOGY FOR OBTAINING ESSENTIAL OIL FROM LEAVES AND STEMS OF PINK GERANIUM AND ZIRA

The article presents experimental and analytical results and technological processes for the extraction of essential oil from the leaves and stems of pink geranium (PELARGONIUM ROSEUM WILLD) and cumin seeds (BUNIUM PERSICUM). As a result of field research, mineral and organic fertilizers were used in the cultivation of geraniums. Based on these studies, the optimal options for agricultural technology and care for pink geraniums were identified, depending on the climatic conditions of Tajikistan. The essential oil from the seeds of cumin (BUNIUM PERSICUM), as well as the leaves and bushes of rose geranium (PELARGONIUM ROSEUM WILLD) was determined by a known and developed method. The difference between the processed method and the known one is that in the process of denaturing the essential oil, the aqueous solution of the extract is frozen. Such technological processing will increase the technological efficiency by 4-4.5%.

Key words: pink geranium, zira, distillation, aqueous extract, isolation, biological productivity.

Маълумо дар бора муаллиф: ***Зокирова Маҳина Абдувасифовна*** - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, унвонҷӯи кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту газ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо 10

Сведения об авторе: ***Зокирова Махина Абдувасифовна*** **-** Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, соискатель кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект академиков Раджабовых,10.

Information about the author: ***Zokirova Makhina Abduvasifovna*** - Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Applicant of the Department of Energy Recycling and Oil and Gas Services**.**
Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Academician Radjabov avenue, 10.

УДК: 581.19+547:541

ТАҲЛИЛИ СИФАТӢ ВА МИҚДОРИИ КОМПОНЕНТҲОИ АСОСИИ РАВҒАНИ ЭФИРИИ PELARGONIUM ROSEUM WILLD БО УСУЛИ ХРОМАТОГРАФИЯИ ГАЗӢ

Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Абдураҳмонзода А.Х., Одинаев Ф.С.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таҳлили сифатӣ ва миқдории липидҳои нейтралии пеш аз таҳлили хроматографӣ як қатор коркардҳо гузаронида шуд. Тавассути ин коркардҳо кислотаҳои таркибии намунаҳои равғани PELARGONIUM ROSEUM WILLD (PRW) ба эфирҳои метилӣ табдил дода шуда, тавассути хроматографияи газӣ идентификатсия гардид.

Мақсади кори мо муайян намудани таъсири ғизоҳои иловагӣ ба ҳосилнокии биологӣ, бахусус ба ҳосилнокии равғани эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD мебошад [1, с.3].

Бо ҳамин мақсад аз намунаҳои коркардшудаи (ба сифати ғизоҳои иловагӣ додани нуриҳои маъданӣ ва органикӣ) растании PELARGONIUM ROSEUM WILLD равғани эфирии он бо усули буғронии обӣ ҷудо карда шуд. Равғани эфирии ҳосилкардашуда бо истифода аз таҳлили хроматографӣ таҳқиқ гардид.

Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвали 1 пешниҳод карда шудааст.

Ҷадвали 1. Компонентҳои асосии таркиби равғани эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD (бо ҳисоби %)

Вариантҳои агротехнологӣ	Ситронеллол	Гераниол	Ментон	Линолеол	α-терпинеол	Компонентҳои дигар
NH_4NO_3 (A)	50.50	20.00	9.20	2.10	1.05	17.15
NH_4NO_3· $Ca(H_2PO_4)_2$ (B)	52.30	20.80	9.80	2.60	1.24	13.26
$Ca(H_2PO_4)_2$ (C)	49.00	21.00	8.30	2.36	1.32	18.02
Нуриҳои органикӣ (D)	46.70	19.30	11.00	2.17	1.20	19.63
Бе коркарди агротехнологӣ (E)	41.30	18.50	12.50	2.05	0.92	24.73

Тавре ки, аз натиҷаҳо таҳлили сифатӣ ва миқдории таркиби намунаҳои равғанҳои эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD бармеояд, ғизоҳои иловагии додашуда метавонад ба динамикаи ҳосилшавии компонентҳои марбут ба равғани эфирӣ таъсири худро расонанд.

Чуноне ки муайян шудааст (ҷадвали 1), дар таркиби равғани эфирии PRW ҳар чӣ қадар миқдори ситронеллол, гераниол, линолеол ва α – терпинол зиёд бошад, равғани эфирӣ ҳамон қадар баландсифат арзёбӣ мегардад.

Тадқиқотҳои саҳроии гузаронидашуда нишон дод, ки барои зиёд гардидани ин ҷузъҳои таркибии равғани эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD аз ҳама бештар омехтаи нуриҳои NH_4NO_3·$Ca(H_2PO_4)_2$ мусоидат менамояд.

Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки зиёд будани ментол аз меъёри муқарраргардида ба сифати равғани эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD таъсири манфӣ мерасонад. Таҳлилҳо нишон дод, ки бе коркарди агротехнологӣ

миқдори ментол зиёд гардида, ғализати ситронеллол, гераниол, линолеол ва α – терпинол коҳиш меёбад.

Дар рафти пажуҳиш ва тадқиқотҳо муайян карда шуд, ки нуриҳои органикӣ дар баробари зиёд намудани маҳсулнокии ситронеллол, гераниол линолеол ва α-терпинол дар бештар гаштани миқдори ментол ва кислотаҳои органикии таркиби равғани эфирӣ низ мусоидат менамояд.


Тадқиқотҳои саҳроии дар хоҷагии экспериментали «Эфиронос» гузаронидашуда нишон дод, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар ин соҳа паст гардидани сифати равғани эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD аз ҳисоби зиёдшавии ментол ва кислотаҳои органикӣ дар таркиби равғани эфирии истеҳсолшуда мебошад.

Ин омилро ба инобат гирифта, барои баланд бардоштани сифати равғанҳои эфирии истеҳсолшуда як зумра тадқиқотҳо гузаронида шуд. Дар натиҷа маълум карда шуд, ки гилхокҳо метавонанд барои тоза намудани ин компонентҳое, ки сифати таркиби равғани эфириро паст месозад, мусоидат намояд. Ин хосияти гилхокҳоро ба инобат гирифта, равғани эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD бо гилхоки фаъолкардашуда ва гилхоки табиии Дашти Мирон коркард карда шуд.

Барои иҷрои ин амал равғани эфирӣ бо гилхок бо таносубияти 10:1 гирифта шуд. Бо истифода аз омехтакунаки магнитӣ гилхок ва равғани эфирӣ муддати 30 дақиқа дар ҳарорати 15-20^{o}C омезиш дода шуд. Сипас, бо истифода аз филтри «ШОТ» таҳти таъсири фишор равғани эфирӣ аз гилхок ҷудо карда шуд.

Барои муайян намудани таъсири гилхок ба адсорбсияи кислотаҳои таркиби равғани эфирӣ, АК-и намунаҳо таҳқиқшаванда пеш аз коркард ва пас аз коркард дар мувофиқа бо адабиёт [4 с.6] муайян гардид. Натиҷаҳо дар расми 1 пешниҳод карда шудаанд.


Тавре ки, аз натиҷаҳои кори илмӣ бармеояд, гилхоки маҳаллии Дашти Мирон бо як миқдори назаррас АК-и намунаҳои таҳқиқшавандаи равғани эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD -ро кам менамояд. Тағйирёбии нишондиҳандаи химиявии АК аз он шаҳодат медиҳад, ки миқдори компонентҳои таркиби ин равған, ки дорои хосияти кислотагӣ мебошанд, ба қадри назаррас кам гардидааст.



Расми 1 - Тағйирёбии АК-и равғани эфирии PRW ҳангоми коркард бо гилхоки Дашти Мирон

Эзоҳ: A-1, B-1, C-1, D-1, E-1 – намунаҳои равғанҳои эфирии бо гилхок коркарднашуда (ҷадвали 81); A-2, B-2, C-3, D-2, E-2 - намунаҳои равғанҳои эфирии пас аз коркард бо гилхоки Дашти Мирон.

Барои муайян намудани таъсири гилхоки фаъолкардашуда ба миқдори компонентҳои сохти эфиридошта АЭ-и равғани коркардгардида муайян карда шуд (расми 2).



Расми 2 - Таъсири гилхоки фаъолкардашудаи маҳаллии Дашти Мирон ба нишондиҳандаи АЭ

Дар натиҷаи ин таҳлил (расми 2) муайян карда шуд, ки пас аз коркард бо гилхоки фаъолкардашуда равғанҳои эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD АЭ-и худро зиёд менамоянд. Зиёдшавии ғализати компонентҳои марбут ба эфирҳо ба коҳишёбии ғализати кислотаҳои таркиби равғани эфирӣ мусоидат менамоянд.

Барои муайян намудани ҷабҳаҳои физикию химиявии таъсири сорбсионии гилхок ба равғани эфирӣ бо истифода аз тариқаи таҳлили атомӣ адсорбсионии таркиби химиявии гилхоки Дашти Мирон идентификатсия карда шуд.

Натиҷаҳои таҳлили сифатӣ ва миқдории макро ва микроэлементҳои таркиби гилхоки Дашти Мирон дар ҷадвали 2 пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 2. Макро ва микроэлементҳои таркиби гилхоки маҳаллии Дашти Мирон

Элементҳо, %											
Ca	Al	Si	Fe	K	Na	Mg	Mn	Ni	Co	Ti	V
2	>5	>5	3	0.7	0.1	1.5	0.015	0.003	0.0007	0.3	0.007
Cr	Mo	Cu	Pb	Ag	Zn	B	Ba	Sr	Li	*X	
0.0005	0.0001	0.003	0.005	0.002	0.005	0.005	0.05	0.01	0.002	0.0015	

Эзоҳ: X^{x} - микроэлементҳои номаълум.

Тавре ки, аз натиҷаҳои таҳлили атомӣ-эмисионӣ бармеояд, асоси макро элементҳои таркиби гилхоки маҳаллии Дашти миронро Al, Si, Fe, Ca, Mg, Na ва K ташкил медиҳанд.

Аз натиҷаҳои бадастовардашудаи илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар раванди дур намудани компонентҳои хосияти кислотагидоштаи таркиби намунаҳои равғанҳои эфирии PRW натанҳо ҳодисаи адсорбсия, инчунин химосорбсия низ мегузарад.

Раванди хемосорбсия метавонад аз ҳисоби таъсири мутақобилаи пайвастагиҳои металҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ дар мувофиқа бо реаксияи химиявии зерин гузарад:

1. Таъсири кислотаҳои таркиби равғанҳои эфирӣ бо ионҳои металҳои ишқорӣ.

$$R - COOH \cdot Ar - OH + 2\ Me^{+} = R - COOMe \cdot Ar - OMe + 2H^{+}$$

2. Таъсири кислотаҳои таркиби равғанҳои эфирӣ бо ионҳои металҳои ишқорзаминӣ.

$$2R - COOH \cdot 2Ar - OH + 2Me^{2+} = (R - COO)_2Me \cdot (ArO)_2Me + 4H^+$$

Барои тасдиқ гузаштани раванди химосорбсия, гилхоки коркардшуда бо истифода аз маҳлули 70% этанол экстраксияи хунук карда шуд. Экстракти ҳосилкардашуда бо истифода аз маҳлули 0,1н HCl коркард гардид. Ин техникаи ичроиши кор боиси ҳидролиз шудани намакҳои кислотаҳои таркиби равғани эфирӣ мегардад.

Баъд аз ичрои ин амал бо истифода аз хлороформ экстракти ҳосилкардашуда коркард гардид. Дар натиҷаи чунин коркард омехтаи реаксионӣ ба ду қисм: органикӣ ва ғайриорганикӣ ҷудо мегардад. Қисми органикӣ (қисми хлороформи) -ро аз қисми ғайриорганикӣ ҷудо намуда, онро то ҳаҷми минималӣ буғронӣ намудем.

Консентрати ҳосилкардашуда бо истифода аз бромфеноли кабуд дар сатҳи коғази хроматографӣ таҳлили сифатӣ гардид ва муайян карда шуд, ки асоси моддаҳои ҷудокардашударо кислотаҳои органикӣ ташкил медиҳанд.

Коркарди технологии тоза намудани равғани эфирӣ аз кислотаҳо барои саноати атриёт аз манфиат холӣ набуда, татбиқи амалии он дар баланд бардоштани хосиятҳои органолиптикии равғанҳои эфирии истифодашаванда мусоидат намояд.

Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки равғани эфирии таркиби анҷибари гулобӣ, ки дар Тоҷикистон парвариш карда мешавад, нисбат ба аналогҳои худ хосиятҳои органолиптикии хубтарро дорад. Инро ба инобат гирифта дар асоси ин равғани эфирӣ дар якҷоягӣ бо равғанҳои эфирии якчанд номгӯйи гулу гиёҳи Тоҷикистон компазитсияи атриётии нав аз ҷониби мо коркард гардидааст [7 с.8]. Дар оянда истеҳсоли ин компазитсияи коркардшуда метавонад дар рушди саноати атторӣ дар Тоҷикистон саҳми худро гузорад.

Ин омилҳо бояд аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шуда, оид ба рушди соҳаи парвариши анҷибари гулобӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад.

АДАБИЁТ

1. Маҳмудова Т.М. Омӯзиши ҷанбаҳои физикию химиявии реаксияи ҳидролизи ишқории эфирҳои мураккаби таркиби равғанҳои эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD / Т.М.Маҳмудова // Паёми донишгоҳи технологии Тоҷикистон №3 (46) 2021. -Душанбе: ДТТ, 2021.- С71-76. ISSN-2707-8000.
2. Арасимович В.В. Методы биохимического исследования растений / В.В.Арасимович, А.И.Ермаков [и др]. – Л.: Агропромиздат. -Ленинград, 1978.– 430 с.
3. Ульченко Н.Т. Липиды цветков и листьев Artemisia Annua и их биологическая активность / Н.Т.Ульченко, З.А.Хушбактова, И.П.Беккер, Кидисюк Е.Н. и др. Химия природных соединений. – Ташкент, -№ 3, 2005. – С. 226-229.
4. Дурмишидзе С.В. Методы биохимических исследований растений / С.В.Дурмишидзе. -Тбилиси: Мецниереба, 1983. -156с.
5. Юсупова Н.А. Земледелец №2 / Н.А.Юсупова, С.Нажбудинов, Д.Э.Иброгимов, С.Д.Ёдгорова, Т.М. Махмудова. -Душанбе: Кишоварз, 2014. - С.7-11. ISBN 2074-5435.
6. Иброгимов Д.Э. Таъсири ҳалкунандаҳои истифодашуда ба суръати реаксияи ҳидролизи ишқории эфирҳои мураккаби таркиби равғанҳои эфирӣ / Д.Э.Иброгимов, Т.Н.Зайниддинов, М.А.Зокирова, Ш.Х.Усмонова // Илм ва иноватсия Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (ISSN-2312-3648) -2020. №4. - С.256-261.
7. Иброгимов, Д.Э. К вопросу о масличности PELARGONIUM ROSEUM WILLD, произрастающий в Таджикистане / Д.Э. Иброгимов, А.Ш. Махмудов, Т.М. Махмудова // Сборник статей по материалам II-III международной научно-практической конференции Вопросы технических наук в свете современных исследований. – Новосибирск: Сибак, 2017. –С.80-83.
8. Иброгимов Д.Э. Качественный анализ свободных карбоновых кислот состава эфирного масла герани PELARGONIUM ROSEUM WILLD / Д.Э. Иброгимов Т.М. Махмудова, С. Нажбудинов // Материалы II международной научной конференции «Химия алифатических и циклических производных глицерина и аспекты их применения», посвященной 75 летию памяти д.х.н.,

профессор член корреспондент Академии наук Республики Таджикистан Кимсанова Бури Хакимовича.–Душанбе: ТНУ, 2016. –С.92;163 -165.

ТАҲЛИЛИ СИФАТӢ ВА МИҚДОРИИ КОМПОНЕНТҲОИ АСОСИИ РАВҒАНИ ЭФИРИИ PELARGONIUM ROSEUM WILLD БО УСУЛИ ХРОМАТОГРАФИЯИ ГАЗӢ

Дар мақолаи мазкур маълумоти таҳлили сифатӣ ва миқдори компонентҳои асосии равғани эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD бо усули хроматографияи газӣ пешниҳод шудааст. Тадқиқотҳои саҳроии дар хоҷагии экспериментали «Эфиронос» гузаронидашуда нишон дод, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар ин соҳа паст гардидани сифати равғани эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD аз ҳисоби зиёдшавии ментол ва кислотаҳои органикӣ дар таркиби равғани эфирии истеҳсолшуда мебошад. Таҳлилҳо нишон дод, ки бе коркарди агротехнологӣ миқдори ментол зиёд гардида, ғализати ситронеллол, гераниол, линолеол ва α – терпинол коҳиш меёбад.

Калидвожаҳо: таҳлили сифатӣ**,** таҳлили миқдорӣ, равғани эфирӣ, хроматографияи газӣ, метанол, кислотаҳои органикӣ, хемосорбсия.

КАЧЕСТВЕННЫЙ И КОЛИЧЕСТВЕННЫЙ АНАЛИЗ ОСНОВНЫХ КОМПОНЕНТОВ ЭФИРНОГО МАСЛА PELARGONIUM ROSEUM WILLD МЕТОДОМ ГАЗОВОЙ ХРОМАТОГРАФИИ

В статье представлены данные качественного и количественного анализа основных компонентов эфирного масла PELARGONIUM ROSEUM WILLD методом газовой хроматографии. Полевые исследования, проведенные в опытном хозяйстве «Эфиронос», показали, что одной из важнейших проблем в этой области является снижение качества эфирного масла PELARGONIUM ROSEUM WILLD из-за увеличения содержания ментола и органических кислот в получаемом эфирном масле. Анализ показал, что без агротехнологической обработки количество ментола увеличивается, а концентрация цитронеллола, гераниола, линолеола и α-терпинола снижается.

Ключевые слова: качественный анализ, количественный анализ, эфирное масло, газовая хроматография, метанол, органические кислоты, хемосорбция.

QUALITATIVE AND QUANTITATIVE ANALYSIS OF THE MAIN COMPONENTS OF PELARGONIUM ROSEUM WILLD ESSENTIAL OIL USING GAS CHROMATOGRAPHY

The article presents the data of qualitative and quantitative analysis of the main components of PELARGONIUM ROSEUM WILLD essential oil by gas chromatography. Field studies conducted in the Efironos pilot farm showed that one of the most important problems in this area is the decrease in the quality of PELARGONIUM ROSEUM WILLD essential oil due to an increase in the content of menthol and organic acids in the resulting essential oil. The analysis showed that without agrotechnological treatment, the amount of menthol increases, and the concentration of citronellol, geraniol, linoleol and α-terpinol decreases.

Key words: qualitative analysis, quantitative analysis, essential oil, gas chromatography, methanol, organic acids, chemisorption.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Иброҳимзода Дилшод Эмом*** - доктори илмҳои химия, и.в. профессори кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Маҳмудова Таҳминаи Муминҷон - номзади илмҳои техники, и.в. дотсенти кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 005-88-51-00. E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Абдураҳмонзода Абдулвосит Холиқ – н.и.х., и.в.дотсенти кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсолии маҳсулоти хӯрокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо 10, e-mail: abdulvosid65@mail.ru.

Одинаев Фозилҷон Сафовудинович- магистри курси 2 кафедраи “Биохимия”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17, Телефон: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Сведения об авторах: ***Ибрахимзода Дилшод Эмом*** **–** доктор химических наук, и.о. профессора кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Махмудова Тахминаи Муминджон - кандидат технических наук, и.о. доцента кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: (+992) 005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Абдурахмонзода Абдулвосит Холик – к.т.н., и.о.доцента кафедры машин и аппаратов промышленности пищевых продуктов Таджикского технологического университета **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. E-mail: abdulvosid65@mail.ru.
Одинаев Фозилджон Сафовудинович **–** магистр 2-го курса кафедры "Биохимия" Таджикского национального университета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Information about the authors: - ***Ibrohimzoda Dilshod Emom*** - Doctor of Chemical Sciences, Acting Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Services, Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi ,. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabovs, 10. Phone: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Makhmudova Takhminai Muminjon - Candidate of Technical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. Phone: (+992) 005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @ mail.ru.
Abdurakhmonzoda Abdulvosit Kholik - Candidate of Chemical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Machinery and Apparatus for the Food Industry of the Tajik Technological University Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. E-mail: **abdulvosid65@mail.ru.**
Odinaev Foziljon Safovudinovich - Master of the 2nd year of the Department of Biochemistry, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91@mail.ru.

УДК 638.1+638.124.2 (575.31)

АФЗОИШУ РИВОҶИ ОИЛАИ ЗАНБӮР ВА ТУХМГУЗОРИИ МОДАРЗАНБӮР ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ

Шарипов А.Р.
МДТ «Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ»

Афзоиш ва ривоҷи оилаи занбӯри асал аз муҳимтарини зоти онҳо вобаста аст. Таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон дод, ки афзоиш ва инкишоф аз зоти занбӯрони асал, манбаи хӯрока, тухмгузории модарзанбӯрон ва аз мавҷуд набудан ё дараҷаи бемориҳои сироятиву инвазионӣ вобаста аст [2, с.19; 3, 111].

Қувватнокии оилаҳои зотҳои занбӯри асалро дар таҳқиқоти худ аз рӯйи шумораи шонҳои занбӯри корӣ дошта, тухмгузории шабонарӯзии модарзанбӯр дар шонҳо ба инобат гирифтем.

Динамикаи афзоиш ва қувватнокии оилаҳои занбӯрро аз оғози моҳи март то оғози июл, яъне дар давраи инкишофи максималии оилаҳои занбӯр ва омодагии онҳо ба шаҳдҷамъкунии асосӣ ба ҳисоб гирифтем.

Дар аввали таҷриба, ки аз ҷадвали № 1 маълум аст, қувватнокии оилаҳои занбӯрон дар гурӯҳҳои назоратӣ (занбӯрони маҳаллӣ) ва гурӯҳҳои таҷрибавӣ (занбӯрони зотӣ) фарқи зиёд ба назар нарасид (аз 4,21 то 5,16 шон). Пас аз 12 рӯз 22 март, қувваи оилаҳои занбӯри зоти карпатӣ 7,05 шон, бакфаст 6,91 шон, занбӯрони маҳаллии назоратӣ 6,87 шон буд. Қувваи оилаи занбӯри қавқозиро 6,75 шон ташкил дод, ки тақрибан бо гурӯҳи занбӯрони назоратӣ як хел буда, дар итолёвӣ 5,09 шон буд, ки ба таври назаррас нисбат ба гурӯҳи занбӯри назоратӣ 26% паст мебошад. Афзоиши қувва дар оилаҳои карпатӣ 102,1 фоиз ва дар бакфаст 100,5 фоиз мушоҳида гардид.

Ҷадвали № 1. Динамикаи қувватнокии оилаҳои занбӯри зотҳои гуногун дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ (қувва дар шон)

Рӯзи баҳисобгирӣ	Нишондодҳои оморӣ	Зотҳои занбӯри асал				
		Карпатӣ	Қавкозӣ	Бакфаст	Итолёвӣ	Маҳаллӣ (назоратӣ)
10.03	M±m	5,16±0,03	4,52±0,1	5,09±0,15	4,21±0,2	5,05±0,1
22.03	M±m	7,05±0,02	6,75±0,15	6,91±0,17	5,09±0,2	6,87±0,15
02.04	M±m	8,48±0,02	7,23±0,15	7,39±0,16	7,18±0,1	7,56±0,12
14.04	M±m	11,07±0,14	9,46±0,13	10,00±0,17	9,31±0,2	10,02±0,16
26.04	M±m	13,25±0,11	11,78±0,2	12,10±0,18	10,65±0,15	11,85±0,18
08.05	M±m	15,04±0,04	13,23±0,16	13,15±0,13	13,16±0,15	13,13±0,15
20.05	M±m	15,92±0,1	14,76±0,2	14,35±0,18	14,27±0,2	15,04±0,12
02.06	M±m	16,03±0,05	15,12±0,2	15,02±0,13	16,02±0,1	15,75±0,16
14.06	M±m	15,07±0,09	13,88±0,16	15,00±0,2	15,12±0,15	14,35±0,12
26.06	M±m	14,34±0,2	13,05±0,16	13,80±0,17	14,09±0,14	13,87±0,16
08.07	M±m	12,87±0,16	11,67±0,13	12,32±0,2	11,05±0,18	12,08±0,15

Динамикаи инкишоф ва тамоюли афзоиши оилаҳои занбӯри таҳқиқшаванда дар апрел ва май низ тақрибан ба ҳамон таносуби моҳи март рост омад. Дар давраи инкишофи асосӣ 02.06 натиҷаи максималии 16-шонаро дар шонздаҳ чорчӯбаҳои занбӯрдор занбӯрони зотҳои карпатӣ ва итолёвӣ ба даст оварданд. Зоти итолёвӣ дар он вақт қувватро дар 16 шон ба даст овард, аммо новобаста аз доштани наслҳои сершумор, маҳсулнокиаш нисбат ба занбӯрони карпатӣ кам буд.

Аз ин ҷиҳат, тухмгузории модарзанбӯр аз ҳаҷми тухмдон ва миқдори қубурҳои тухмгузар, ба ғайр аз он, аз авлод, муҳлати тағйирёбии моддаҳо дар организм, занбӯрони босифати ёридиҳандаи гирди модарзанбӯр, хӯрока ва шароитҳои дигар вобастагӣ дорад.

Дар оғози июл (08.07) қувваи оилаҳои занбӯрони карпатӣ, бакфаст ва маҳаллӣ (назоратӣ) тақрибан якхела буда, мутаносибан 12,87; 12,32 ва 12,08 шонро ташкил медод. Дар ин давра қувваи оилаи қафқозӣ 11,67 шон ва итолёвӣ 11,05 шонро ташкил медод.

Ҷиҳати омӯзиши миқдори тухмгузории модарзанбӯрони зотҳои гуногун ва занбӯрони маҳаллӣ дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ бо усули таҳқиқии коркардаи олимони Россия дар давраи таҳқиқотӣ баъди ҳар 12 рӯз (аз моҳи март то моҳи июл) таҷрибаҳои илмӣ гузаронида шуд.

Ҷараёни тухмгузории модарзанбӯрони зотҳои гуногун ва занбӯрони маҳаллӣ ба ҳисоби миёна дар ҷадвали № 2 нишон дода шудааст. Чӣ хеле, ки дар ҷадвали № 2 дида мешавад, дар рӯзи 10-уми март модарзанбӯри зоти карпатӣ то 560 адад дар як шабонарӯз тухм гузоштааст, ки аз ҳама зиёд мебошад.

Ҷадвали № 2. Тухмгузории якшабонарӯзаи модарзанбӯрони зотҳои гуногун дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ (дона)

Рӯзи баҳисобгирӣ	Нишондодҳои оморӣ	Зотҳои занбӯри асал				
		Карпатӣ	Қавқозӣ	Бакфаст	Итолёвӣ	Маҳаллӣ (назоратӣ)
10.03	M±m	560,0±20	535, 0±13	541±25	450±15	558±12
22.03	M±m	806,0±16	796,0±12	786±14	684±19	803±19
02.04	M±m	1070±17	1010±18	1050±34	960±26	1005±19
14.04	M±m	1309±31	1157±19	1190±14	1170±15	1204±17
26.04	M±m	1640±18	1350±11	1300±17	1200±24	1360±14
08.05	M±m	1500±23	1280±18	1330±27	1376±16	1300±16
20.05	M±m	1580±14	1320±17	1490±22	1480±18	1404±14
02.06	M±m	1650±12	1442±12	1548±25	1590±21	1500±19
14.06	M±m	1560±16	1170±42,4	1550±30	1430±12	1240±14
26.06	M±m	1380±17	980,0±22,8	1290±18	1370±16	1005±14
08.07	M±m	1006±21	860,0±30,8	1001±30	1200±24	850±19

Дар ин рӯз мутаносибан модарзанбӯри маҳаллӣ 558 адад, зоти занбӯрони асали бакфастӣ 541 адад, зоти занбӯрони асали қавқозӣ 535 адад ва итолёвӣ 450 адад тухм гузоштанд. Пас аз 12 рӯз (22-ми март) тухмгузории модарзанбӯрони ҳамаи зотҳои таҳқиқотӣ ва назоратӣ нисбат ба давраи аввали тухмгузорӣ (10-уми март) 1,4-1,5 маротиба зиёд мебошад.

Пас аз як моҳи назорат (14-уми апрел) тухмгузории якшабонарӯзаи модарзанбӯри зоти карпатӣ назар ба тухмгузории давраи аввал (10-уми март) 2,3 маротиба ё 1309 дона зиёд гардидааст. Зоти қавқозӣ дар ҳамин шабонарӯз 2,2 маротиба, ё 1157 дона, зоти бакфаст 2,2 маротиба ё 1190 дона, зоти итолёвӣ 2,6 маротиба, ё 1170 дона ва занбӯрони асали маҳаллӣ 2,1 маротиба, то 1204 дона зиёд тухм гузоштанд.

Тухмгузории зиёди модарзанбӯри зоти карпатӣ, ки то 1640 донаро ташкил кард, дар 26-уми апрел ба чашм расид. Дар ин шабонарӯз модарзанбӯри маҳаллӣ 1360 дона, зоти қавқозӣ 1350 дона, зоти занбӯри бакфаст то 1300 дона ва зоти занбӯри итолёвӣ 1200 дона тухм гузоштанд, ки фарқи тухмгузории модарзанбӯри қавқозӣ нисбат ба маҳаллӣ ҳамагӣ 10 донаро фаро гирифт. Зоти занбӯри асали итолёвӣ дар ин шабонарӯз 1200 дона тухм гузошт, ки назар ба зоти карпатӣ 440 дона, ё худ 26,8 % ва нисбат ба занбӯри асали маҳаллӣ 160, ё худ 11,7% кам аст.

Дар аввали моҳи май миқдори тухмгузории занбӯрони зоти карпатӣ (140 дона), бакфаст (30 дона), қавқозӣ (70 дона) ва занбӯрони маҳаллӣ (60 дона) кам гардида, тухмгузории занбӯр зоти итолёвӣ ба миқдори 176 дона (1376), ё худ 12,7% зиёд гардид. Сабаби кам гардидани тухмгузории модарзанбӯрони карпатӣ, бакфаст ва қавқозию маҳаллӣ дар ин шабонарӯз дар он аст, ки дар табиат шаҳдчудокунии растаниҳо ба муддати якчанд рӯз кам мегардад. Аз ин рӯ, миқдори тухмгузории модарзанбӯрон низ кам мешавад. Модарзанбӯри зоти итолёвӣ, ки то ин муддат аз

сабаби паст будани боду ҳаво тухмгузории кам гузошт, дар баробари гарм шудани ҳаво тухми бештар гузошт ва қувватнокии оилаҳои зоти итолиёвӣ беҳтар гардид.

Тухмгузории зиёди модарзанбӯри зоти карпатӣ, ки то 1650 донаро ташкил карда, дар давраи таҳқиқотӣ аз ин миқдор бештар ба чашм нарасидааст, ба 2-уми июн рост меояд. Дар ин шабонарӯз модарзанбӯри маҳаллӣ 1500 дона, зоти қавқозӣ 1442 дона, зоти занбӯри бакфаст то 1548 дона ва зоти занбӯри итолёвӣ 1590 дона тухм гузоштанд, ки фарқи тухмгузории модарзанбӯри карпатӣ нисбат ба зоти итолёвӣ ҳамагӣ 60 донаро фаро гирифт. Зоти занбӯри асали итолёвӣ дар ин шабонарӯз 1590 дона тухм гузошт, ки назар ба давраҳои дигари таҳқиқотӣ мутаносибан аз 230 то 470 дона зиёдтар аст. Тухмгузории модарзанбӯри зоти итолёвӣ дар давраи таҳқиқотӣ аз ҳама хуб дар 20-уми май ва 2-юми июн ба чашм мерасад, ки дар ин шабонарӯзҳо мутаносибан 1480-1590 дона тухм гузоштааст.

Миқдори тухмгузории модарзанбӯрон дар мавсими шаҳдҷудокунӣ, ки аз аввали моҳи июн то аввали моҳи июл идома меёбад, кам мегардад. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки дар ин вақт модарзанбӯри зоти карпатӣ тухмгузории худро то 600-650 дона, ё худ 36,3-39,9%, модарзанбӯри зоти қавқозӣ то 462-582 дона, ё худ 32-40,3%, модарзанбӯри зоти бакфаст 258-547 дона, модарзанбӯри зоти итолёвӣ 220-390 дона ва занбӯрони маҳаллӣ 495-650 дона кам мекунанд. Сабаби кам гардидани тухмгузорӣ дар ин давра пур гардидани лоначаҳо бо асал аст.

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар давраи таҳқиқотӣ дар шароити Тоҷикистони шимолӣ нишондоди тухмгузории зоти карпатӣ аз ҳама бештар, дар маҷмӯъ 13961 донаро фаро гирифт. Миқдори тухмгузории зотҳои таҳқиқотӣ ва назоратӣ мутаносибан чунин: қавқозӣ 11900, бакфаст 13076, итолёвӣ 12910 ва маҳаллӣ 12229 мебошад. Аз ҳама кам миқдори тухмгузориро дар оилаҳои занбӯрони зоти қавқозӣ ва занбӯрони маҳаллӣ ба назар расид. Тухмгузории модарзанбӯри зоти итолёвӣ аз аввал кам буд ва пас аз моҳи май тухмгузории худро то мавсими асалҷамъкунӣ зиёд намуда, ки бақараёни асалҷамъкунӣ таъсири манфӣ расонид. Яке аз таҷрибаҳои илмие, ки мо гузаронидаем, ба тариқи мураббаъ (квадрат) ҳисоб намудани тухмгузории модарзанбӯр аз рӯйи насли пӯшида мебошад, ки дар андозаи 50х50 мм (5х5см) шуморида шудааст.

Ҷараёни инкишофи насли пӯшидаи оилаҳои занбӯрони зотҳои гуногун дар шароити Тоҷикистони шимолӣ дар ҷадвали № 3. дарҷ гардидааст. Аз нишондоди ҷадвали № 3. дида мешавад, ки рӯзи 10-уми март, масоҳати насли пӯшидаи занбӯрони зоти итолёвӣ 54 мм мураббаъ, зоти қавқозӣ 64,2мм мураббаъ, зоти бакфаст 60мм мураббаъ, зоти карпатӣ 7,2мм мураббаъ ва занбӯрони маҳаллӣ 66,9мм мураббаъро ташкил намудаанд. Ҳамин тавр, ба ҳисоби миёна тухмгузории якшабонарӯзаи занбӯрон ва ҷараёни инкишофи насли пӯшида бо муррабаъ (квадрат) дар 2 июн зиёд гардид ва баъдтар тухмгузорӣ кам гардид. Дар аввали мавсими шаҳдҷудокунии асосӣ ҷараёни инкишофи насли пӯшидаи зоти итолёвӣ то ба 144,0мм мураббаъ зиёд гардид. Ҷараёни инкишофи насли пӯшидаи зоти карпатӣ дар ҳамин вақт 120мм мураббаъ, зоти бакфаст 120мм мураббаъ, занбӯрони маҳаллӣ 109мм мураб

Ҷадвали № 3. Ҷараёни инкишофи насли пӯшида дар оилаҳои занбӯрони зотҳои гуногун дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ, бо мураббаъ

Рӯзи баҳисобгирӣ	Нишондодҳои оморӣ	Зотҳои занбӯрони асал				
		Карпатӣ	Қавқозӣ	Бакфаст	Итолёвӣ	Маҳаллӣ (назоратӣ)
10.03	M±m	67,2±1,1	64,2±1,4	66,0±1,5	54,0±1,2	66,9±1,6
22.03	M±m	96,7±1	95,5±1,4	94,3±1,3	82,1±1,2	96,4±1,2
02.04	M±m	128,4±1,4	121,2±1,2	126±1,5	115,2±1,2	120,6±1,3
14.04	M±m	157,1±1,6	138,8±1,3	154,8±1,3	140,4±1,3	144,5±1,2
26,04	M±m	196,8±1,3	162,0±1,2	192,0±1,3	144±1,3	163,2±1,4
08.05	M±m	180±1,6	153,6±1,2	180,0±1,3	165,1±1,3	156.0±1,3

20.05	M±m	189,6±1,9	158,4±1,4	190,8±1,2	177,6±1,1	168,4±1,3
02.06	M±m	198,0±1,5	173,1±1,2	197,7±1,4	190,8±1,2	180,0±1,3
14.06	M±m	187,2±1,5	140,4±1,2	186,1±1,3	171,6±1,4	148,8±1,5
26.06	M±m	165,6±2	117,6±1,6	154,8±1,4	164,4±1,4	120,6±1,2
08.07	M±m	120,7±1,2	103,2±1,3	120,1±1,3	144,0±1,2	102,0±1,3

Масоҳати зиёди насли пӯшидаи занбӯрони асал дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ 14-уми июн ба чашм расид, ки ба зоти карпатӣ ва бакфаст тааллуқ дошта, боиси тараққиёти оилаҳои зотҳои занбӯри асали мазкур гардид.

Барои тараққиёти мунтазами оилаҳои занбӯри асал бояд миқдори хӯрокаи босифат, таъмини шон, танзими микроиқлими лона, мубориза ба муқобили бемории канаи варроатоз *(Varroa destructor) (*дар ҳолати мавҷуд будани он) ба инобат гирифта шавад.

Технологияи нигоҳубини оилаҳои занбӯри асал гурӯҳӣ буда, дар гурӯҳ як зоти занбӯри асал парвариш карда мешавад. Аз ин лиҳоз, барои пурқувват намудани онҳо, баробар кардани миқдори насл ва занбӯр зарур аст. Дар бораи баробаркунии қувватнокии оилаҳои занбӯри асал бисёр олимон, аз ҷумла академики рус Бутлеров А.М. [1, с.31] таҳқиқоти илмӣ гузаронида, ба хулосае омадааст, ки «яке аз роҳҳои зиёд намудани маҳсулнокии боғчаи занбӯр аз як оила гирифтани насли пӯшида ва ба дигар оила додани он мебошад». Мо ҳам дар такя бо усули пешниҳоднамудаи Бутлеров А.М. ҷиҳати баробаркунии қувватнокии оилаҳо аз оилаҳои пурқувват насли пӯшидаро гирифта, мутаносибан ба оилаҳои камқувват додем.

Чунин кори муҳимро дар се марҳила гузаронидаем;

1. Гирифтани насли пӯшида аз оилаи пурқувват ва додани насли мазкур ба оилаи занбӯри камқувват;

2. Иваз намудани ҷойи оилаи пурқувват бо оилаи занбӯри камқувват;

3. Гирифтани насли пӯшида аз 1500 то 3000 дона лонача бо занбӯр ва додани он ба оилаи камқувват, ки миқдори занбӯри он 0,8 кг занбӯр ва насли кам дорад.

Баробаркунии оилаҳои занбӯри асал дар шароити Тоҷикистони шимолӣ, дар ноҳияҳои Мастчоҳ, Б.Ғафуров, Ҷ.Расулов, Спитамен, Зафаробод, Конибодом, шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан охири моҳи март ва дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ, Шаҳристон, Ашт, Деваштич ва шаҳрҳои Панҷакенту Исфара дар нимаи дуюм ва охири моҳи апрел гузаронида мешавад. Тараққиёти наслгузорӣ ва афзоиш дар оилаҳои занбӯри асале, ки аз он насли пӯшидаи безанбӯр ва насли пӯшидаи бозанбӯр гирифта шуда буд, хуб ба назар расид.

Аммо, миқдори насли пӯшида дар чунин оилаҳо дар аввал ва охири мавсими шаҳдҷудокунии асосӣ кам гардид. Дар вақти додани насли пӯшида ва насли кӯшодаи бозанбӯр ба оилаи камқувват якбора ин оилаҳои заиф пурқувват гардида, модарзанбӯри онҳо миқдори тухмгузориро зиёд кард. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки ин усул ба ҳамаи зотҳои таҳқиқотӣ ва занбӯри назоратӣ таъсири мусбӣ расонид ва оилаҳои камқувват миқдори тухмгузориро зиёд намуда, баъдтар мустақилона тараққӣ карданд (ҷадвали № 4.).

Ҷадвали № 4. Таъсири насли пӯшида ба оилаҳои камқувват ба қувватнокӣ то саршавии шаҳдҷудокунии асосӣ, n=10

Рӯзи назорат	Карпатӣ		Қавқозӣ		Бакфаст		Итолёвӣ		Занбӯрони маҳаллӣ (назоратӣ)	
	Қувват-нокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ	Қувват-нокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ	Қувват-нокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ	Қувва тнокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ	Қувва тнокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ
1.04 Қувватно	5,6±0,1	164,7	4,8±0,17	150,0	5,5±0,14	157,1	4,1±0,14	124,2	5,4±0,15	163,6

кии оилаи пурқувват										
1.04 Қувватнокии оилаи суст	3,4±0,15	100,0	3,2±0,11	100,0	3,5±0,16	100,0	3,0±0,13	100,0	3,3±0,15	100,0
12.04 Қувватнокии оилаи пурқувват	7,0±0,13	127,2	6,6±0,16	134,7	7,1±0,15	129,1	5,9±0,16	122,9	6,9±0,15	130,2
12.04 Қувватнокии оилаи суст	5,5±0,16	100,0	4,9±0,15	100,0	5,5±0,13	100,0	4,8±0,14	100,0	5,3±0,13	100,0
24.04 Қувватнокии оилаи пурқувват	7,8±0,17	108,3	7,1±0,14	112,3	7,8±0,13	109,8	6,8±0,18	117,2	7,5±0,2	110,3
24.04 Қувватнокии оилаи суст	7,2±0,2	100,0	6,3±0,15	100,0	7,1±0,14	100,0	5,8±0,15	100,0	6,8±0,15	100,0

Чи хеле, ки аз рақамҳои ҷадвали № 4. бармеояд, қувватнокии ҳамаи занбӯрони таҳқиқотӣ аз 4 то 5 байни шонро ташкил додааст.

Қувватнокии оилаи суст аз 3 байни шон иборат аст, ё ин ки 150-160% қувватнокии кам дорад.

Се маротиба: 1-уми апрел, 12-уми апрел ва 24-уми апрел аз оилаҳои боқувват насл гирифта шуда, ба оилаҳои камқувват дода шудааст.

Дар натиҷа ба ҳисоби миёна қувватнокии оилаҳои пурқувват ва сусти занбӯрони асали зоти карпатӣ то саршавии мавсими шаҳдудокунии асосӣ қариб якхела гардиданд.

Аз омори ҷадвали № 4. бармеояд, ки қувватнокии аз ҳама баланди оилаи пурқувват (карпатӣ) дар рӯзи 24-уми апрел ба 7,8 ва 7,2 байни чорчӯба баробар буда, дар ҷойи дуюм (бакфаст) қувватнокии 7,8 ва 7,1 байни чорчӯба қарор дошт.

Қувватнокии оилаи қавқозӣ дар рӯзи 24-уми апрел ба 7,1 ва 6,3 байни чорчӯба, итолёвӣ 6,8 ва 5,8 байни чорчӯба ва занбӯрои асали маҳаллӣ 7,5 ва 6,8 байни чорчӯба қарор дошт.

Аз омори ҷадвали дар боло дарҷшуда метавон ба хулосае омад, ки усули пурқувваткунии оилаҳои заиф тавассути интиқоли насли пӯшида ва насли кӯшодаи бозанбӯр аз оилаи бақувват ба оилаҳои камқувват ба зоти занбӯри асали карпатӣ ва бакфаст таъсири мусбӣ гузошта, ба занбӯрони асали маҳаллӣ ва зоти қавқозӣ таъсири миёна расонид. Аммо, ин усул ба занбӯрони зоти итолёвӣ қариб, ки ёрӣ расонида натавонист.

Баробаркунии қувватнокии оилаҳои занбӯри асал ба зоти занбӯр, модарзанбӯр ва тухмгузорӣ вобаста аст. Ҳамчунин, дар давраи таҳқиқотӣ оилаҳои занбӯри асали пурқувват ва камқуввате ба чашм расиданд, ки сатҳи муайяни қувватнокиро фарогир набуданд. Аз ин рӯ, ташкили оилаҳои хурд аз чунин оилаҳо ба роҳ монда нашуд.

Дар вақти иваз намудани ҷойи оилаи пуркувват ба оилаи камқувват, ки усули дуюми пуркувваткунии оилаҳо дониста шудааст, миқдори тухмгузории модарзанбӯрон кам гардид ва ин усул дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ натиҷаи дилхоҳ надод. Яке аз хусусиятҳои усули мазкур ворид кардани занбӯрони корӣ ба оилаҳо мебошад, ки ин таҷрибаро Перепелова Л.И. [4, с. 11- 15] гузаронида аст.

Таҷрибаҳои мо нишон додаанд, ки сабаби асосии тавассути ҳамин усул ба натиҷаи дилхоҳ ноил нагардидан дар он аст, ки занбӯрони кории якҷояшуда ҳамагӣ 20-25 рӯз фаъолият карда тавонистаанд. Ҳамчунин, модарзанбӯри ин оилаҳо миқдори тухмгузориро бо таври кофӣ зиёд карда натавонист.

Аз ин лиҳоз, пас аз 20-25 рӯз сатҳи қувватнокии оилаи камқувват, ки як муддат баланд рафта истода буд, боз ба паст рафт.

Марҳилаи сеюми таҷрибаҳои мо аз он иборат буд, ки аз оилаҳои занбӯри асали пуркуввате, ки рӯзи 1-уми апрел то 1,6 кг занбӯр доштанд, насли пӯшидаро гирифта ба оилаҳои камқуввате додан аст, ки ҳамагӣ 0,8 кг, ё ин ки 3 шон занбӯри асал доштанд (ҷадвали № 5).

Чуноне ки дар ҷадвали № 5. нишон дода шудааст, се маротиба (1-ум, 12-ум ва 24-уми апрел) насли пӯшидаи бозанбӯр аз оилаи пуркувват гирифта шуда, ба оилаи камқувват гузошта шудааст. Дар маротибаи якуми таҳқиқот оилаҳои сусти зоти карпатӣ 3,0 байни шон, зоти бакфаст 2,9 байни шон, занбӯрони маҳаллӣ 2,9 байни шон, қавқозӣ 2,8 байни шон ва итолёвӣ 2,5 байни шон занбӯри корӣ доштанд. Дар маротибаи якуми таҳқиқот оилаҳои пуркуввати зоти карпатӣ ва маҳаллӣ 5,8 байни шон, маҳаллӣ 5,1 байни шон, қавқозӣ 4,7 байни шон ва итолёвӣ 4 байни шон занбӯри корӣ доштаанд. Миқдори занбӯрони пуркувват назар ба занбӯрони камқувват 1,6-2 байни шон назар ба оилаҳои камқувват бартарӣ дошт.

Ҳамин тавр, дар ҳамаи давраи таҳқиқотӣ, дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ зотҳои карпатӣ, бакфаст ва занбӯрони маҳаллӣ динамикаи афзоиш ва инкишофи хубро нишон доданд. Инкишоф ва афзоиши занбӯрони қафқозӣ ва итолёвӣ нисбат ба занбӯрони гурӯҳҳои назоратӣ ба таври назаррас пасттар буд. Ҳарчанд ки занбӯрони итолёвӣ ба мисли занбӯронӣ карпативу бакфаст дар аввали июн қувваи максималӣ доштанд, аммо, асосан шумораи занбӯрон на барои шаҳдҷамъкунӣ, балки барои тарбияи насл истифода шудаанд.

Ҷадвали № 5. Таъсири гузаронидани насли пӯшидаи бозанбӯр аз оилаҳои пуркувват (1,6 кг занбӯр) ба оилаҳои камқувват (0,8кг занбӯр) то саршавии мавсими шаҳдҷудокунии асосӣ, шон, п=10

Рӯзи назорат	Карпатӣ		Қавқозӣ		Бакфаст		Итолёвӣ		Занбӯрони маҳаллӣ (назоратӣ)	
	Қувватнокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ	Қувватнокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ	Қувватнокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ	Қувватнокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ	Қувватнокӣ бо ҳисоби байни шон	Бо % назар бо назоратӣ
1.04 Қувватнокии оилаи пуркуввата т	5,8±0,14	193,3	4,7±0,16	167,8	5,8±0,17	187,1	4,0±0,13	160,0	5,1±0,16	175,8
1.04 Қувватнокии оилаи суст	3±0,15	100,0	2,8±0,14	100,0	2,9±0,14	100,0	2,5±0,15	100,0	2,9±0,17	100,0
12.04	8,6±0,13	159,3	7,2±0,1	150,0	8,5±0,16	160,4	6,6±0,	129,4	7,4±0,14	148,0

Қувватнокии оилаи пурқуввот			5				16			
12.04 Қувватнокии оилаи суст	5,4±0,15	100,0	4,8±0,15	100,0	5,3±0,17	100,0	5,1±0,15	100,0	5,0±0,14	100,0
24.04 Қувватнокии оилаи пурқуввот	13,6±0,16	154.5	12,4±0,13	147,6	13,6±0,16	152,8	11,7±0,16	146,2	12,2±0,14	143,5
24.04 Қувватнокии оилаи суст	8,8±0,15	100,0	8,4±0,15	100,0	8,9±0,16	100,0	8,0±0,14	100,0	8,5±0,15	100,0

Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки занбӯрони зоти карпатӣ нисбат ба зотҳои дигари занбӯри асал хубтар тараққӣ карда, то 24-уми апрел занбӯри кории оилаҳои пурқуввати ин зот ба 13,6 байни шон ва занбӯри кории оилаҳои камқуввати он аз 8,8 то ба 8,9 байни шон расиданд. Дар ҳамин вақт, оилаҳои занбӯрони пурқуввати зоти қавқозӣ 12,4 байни шон, оилаҳои занбӯрони маҳаллӣ 12,2 байни шон, оилаи занбӯрони зоти итолёвӣ 11,7 байни шон занбӯри корӣ доштаанд. Оилаи занбӯрони камқуввати зоти бакфаст 8,9 байни шон, зоти карпатӣ 8,8 байни шон, занбӯрони маҳаллӣ 8,5 байни шон, занбӯрони қавқозӣ 8,4 байни шон ва занбӯрони зоти итолёвӣ 8,0 байни шон занбӯри корӣ доштаанд.

Аз нишондодҳои ҷадвали № 5. бармеояд, ки дар ҳолати аз оилаҳои занбӯри пурқувват додани насли пӯшидаи бозанбӯр ба оилаҳои камқувват қувватнокии оилаи занбӯрон аз ҳисоби насли додашуда ва тухмгузории модарзанбӯрон зиёд мегардад.

Ҳамин тавр, метавон ба хулосае омад, ки истифодаи усули гирифтани насли пӯшидаи бозанбӯри дорои 1500-3000 дона лонача ва додани он ба оилаи камқувват, ки миқдори занбӯри он 0,8кг занбӯр ва насли кам дорад, барои тараққиёти оилаҳои заиф дуруст, пурсамар ва беҳтар ба ҳисоб меравад. Яке аз бартарии ин усул дар он аст, ки маҳсулоти иловагӣ ба даст омада, самараи иқтисодии хоҷагӣ баландтар мегардад. Усули додани насли пӯшида ба оилаҳои камқувват самараи миёна дорад. Усули ҷойивазкунии оилаҳои пурқувват ба оилаҳои камқувват дар аввал каме натиҷаи мусбат дода, баъдтар сатҳи тараққиёти ин оилаҳо пас аз ивази занбӯрони пир боз паст меравад.

Аз ин ҷо, усули хуб, ки дар шароити Тоҷикистони шимолӣ боиси тараққиёти занбӯрони асал мегардад, усули гирифтани насли пӯшидаи бозанбӯри дорои 1500-3000 дона лонача ва додани он ба оилаи камқувват буда, ба занбӯри асалпарварон истифодаи ҳамин усул тавсия карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар солҳои таҳқиқотӣ бо назардошти таҷриба, омӯзиш, мушоҳидаҳо, таҳқиқот ва нишондодҳои оморӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ зотҳои занбӯри асали карпатӣ, бакфаст ва занбӯрони маҳаллӣ тухми хуб ва босифат гузошта, инкишофи зуд ва пурсамар доранд. Ҷараёни инкишофи зотҳои қафқозӣ ва итолёвӣ нисбат ба зотҳои мазкур аз рӯйи ҳамин нишондод сусттар буд. Тухмгузории зоти занбӯри асали итолёвӣ дар моҳи июн ба монанди зоти карпатӣ пурсамар аст. Аммо миқдори зиёди занбӯрони кории зоти занбӯри асали итолёвӣ дар ин вақт на ба ҷаъмоварии маҳсулот, балки ба тарбияи кирминаҳо машғул мешаванд, ки дар натиҷа маҳсулнокиашон кам мегардад.

АДАБИЁТ

1. Бутлеров, А.М. Как водить пчел / А.М.Бутлеров. -Петроград, 1916. - С. 31.
2. Жилин, В.В. Комплексное использование ранневесенних отводков в условиях варроатозной инвазии: автореф. дисс. канд. с.-х. наук / В.В. Жилин. - Уфа, 2000. - 19 с.
3. Маннапов, А.Г. Рост, развитие и качество зимовки пчел различных пород / А.Г. Маннапов, О.С. Ларионова, Е.А. Смольников. - Саратов, 2011. - 111с.
4. Перепелова, Л.И. Приемы усиления пчелиных семей весной/ Л.И.Перепелова // Жур. Пчеловодства,1958. -№4. -С.11-15.

АФЗОИШУ РИВОҶИ ОИЛАИ ЗАНБӮР ВА ТУХМГУЗОРИИ МОДАРЗАНБӮР ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ

Афзоиш ва ривоҷ ёфтани зотҳои гуногуни занбӯри асал (карпатӣ, кавказӣ, Бакфаст (англисӣ) итолёви, таҳҷои (маҳаллӣ)) ва тухмгузории модарзанбӯрҳо вобаста ба мавсими сол ва дараҷаи қувватнокии онҳо дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ баррасӣ гардидааст. Тухмгузорӣ дар наслҳои кушода ва пӯшида байни чаҳорчӯбаҳо аз ҳама зоти беҳтарин дар афзоиш ва тухмгузорӣ ин зоти карпатӣ ва Бакфаст дониста шуд. Нигоҳдорӣ ва ривоҷ додани ин зотҳо дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ аз манфиат холӣ набуда, ба мақсад мувофик аст.

Калидвожаҳо: карпатӣ, кавказӣ, Бакфаст, итолёви, таҳҷои (маҳаллӣ), наслҳои кушода ва пӯшида.

УВЕЛИЧЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПЧЕЛИНЫХ СЕМЕЙ И КЛАДКА ЯИЦ ПЧЕЛОМАТКИ В УСЛОВИЯХ СЕВЕРНОГО ТАДЖИКИСТАНА

Отмечается увеличение и развитие разновидностей пчёл карпатского, кавказский, Бакфаст (английского) итальянский, местного вида и кладка яиц пчеломатки в зависимости от времени года и степени их силы (крепления) в условиях Северного Таджикистана. В кладке яиц открытого и закрытого потомства самой лучшей разновидностью является карпатская и Бакфаст. В условиях Северного Таджикистана целесообразно и доходно разводить именно эти виды пчёл.

Ключевые слова: карпатский, кавказский, Бакфаст, итальянский, местный, открытое и закрытое потомство.

THE QROWTH AND THE BEVELOPMENT OF THE HONEYDEE FAMILY AND THE MOTHERDEE EQQ LAYINQ IN SOUTH TAJIKISTAN CONDITIONS

The growth and the development of the different kinds of honeybee (carpat, caucasus, Backfast (english), Italian, local and the motherbee egg laying, according to the season of the year and their streng thening have been seen in the south Tajikistan Conditions. The best kinds of egglayers in the opened and closed generations between the frames were known the Carpat and Backfast. To keep and develop these kind of honeybees in south Tajikistan are very productive and matching.

Key words: Carpatian, Caucasin, Bakfast, Italian, local, open and closed qeneratons.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипов Абдуаҳад Раҳмонович*** **–**номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, МДТ «Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ», Телефон**: (+992) 92 868 39 70.**

Сведения об авторе: ***Шарипов Абдуахад Рахмонович*** **–** кандидат сельскохозяйственных наук, доцент. ГОУ «Матчинский педагогический колледж», Телефон**: (+992) 92 868 39 70.**

Information about the author: ***Sharipov Abduahad Rakhmonovich*** – Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor. GOU "Matchinsky Pedagogical College", Phone: (+992) 92 868 39 70.

УДК:582.736(575.3)

ТАҲҚИҚИ ЛӮБИЁГИҲОИ ХУДРӮЙИ НОДИР ВА КАМШУДАИСТОДАИ ТОҶИКИСТОН

Саидов М.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оилаи лӯбиёгиҳо яке аз оилаҳои калонтарини растаниҳои дараҷаи олӣ буда, бештар аз 700 авлод ва 7000 намудро дар бар гирифта, дар ҳамаи қитъаҳои олам аз ҷумла, дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ паҳн шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумотҳои [1], 54 авлод ва 550 намуди лӯбиёгиҳо ба қайд гирифта шудааст, ки дар байни онҳо растаниҳои ғизоӣ, хӯроки чорво, доругӣ, ороишӣ ва ғайра дида мешаванд. Таҳлили систематикии оилаи лӯбиёгиҳо нишон медиҳад, ки 24 – авлод -1 – намудӣ, 8 – авлод – 2 намудӣ, 5 – авлод – 3 намудӣ, 3-авлод – 4 намудӣ ва 1 авлод – 6 намудро дар бар мегирад. Авлоди аз ҳама калонтарин авлоди Astragalus (нахӯтак) буда, 274 намудро дар бар мегирад [2].

Дар Тоҷикистон дар асоси мушоҳидаҳои экологӣ мо муайян намудем, ки аҳолӣ 22 намуди лӯбиёгиҳоро ҳамчун манбаи ғизо истифода мебаранд, ки онҳо мансуби 11 авлод буда, муҳимтаринашон инҳо мебошанд: Lathyrus mukluk Lipsky – мулкак, Lathyrus tuberosus L. – мунгак, мунч, Lens orientalis (Boiss.) Schmalh. – наск, Vicia angustifolia Reichard – говмушунг; Vicia ervilia (L.) Willd. – ғомук; Vicia michauxii Spreng. – говмушунг; Vicia sativa L. – мунч, мушунг; Vicia peregrine L. - мунч, мушунг; Vicia tenuifolia Roth – мунчи говак ва ғ [6, с.7].

Дар асоси мушоҳидаҳои экологии ба сомон расонида ва маводҳои ба табъ расида, мо лӯбиёгиҳои худрӯйро, ки дар натиҷаи таъсири фаъолиятҳои хоҷагидории инсон ба монанди алафдаравии пеш аз муҳлат, чорвочаронии бенизом, ҷамъоварии бетартибона ва дигар фаъолиятҳои хоҷагидории инсон миқдоран кам ва баъзеяшон ба дараҷаи нестӣ расида, муҳтоҷи ҳифзи инсон мебошанд, таҳқиқ намудем [3, с. 5; 8, с.11].

Дар поён мо оид ба лӯбиёгиҳои худрӯйи фоиданоке, ки дар натиҷаи таъсири омили антропогенӣ майдонҳои сабзишашон то рафт кам шуда истодааст, маълумотҳои биологию экологӣ пешниҳод менамоем.

Шибоғнахӯдак - Astragalus artemisiformis Rassul. Буттачаи камёфт ва хосси ғарби Помиру Олой буда, 10-20см баландӣ дошта, онро фақат аз нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дар маҳалли тақсимгоҳи дарёҳои Хонақо ва Қаротоғ чида, онро дар ҳавзаи дарёи Ширкент низ пайдо кардаанд. Шибоғнахӯдак дар минтақаи ҷангалзори паҳнбарг бо арчазори термофилӣ (тақрибан дар баландии 2400 м аз сатҳи баҳр) мерӯяд. Моҳи июл гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Дар натиҷаи кӯҳкорӣ ва таъсири дигар омилҳои хоҷагидории инсон ба зудӣ аз байн рафтанаш мумкин аст. Маҳалли рушди онро қатъӣ муҳофизат кардан зарур аст.

Нахӯдаки бадахшӣ - Astragalus badachschanicus Boriss. Растани камёфт, кам тадқиқшуда ва хоси Помири Ғарбӣ аст. Пояҳои бисёр ва борик дошта, 10-30см баландӣ дорад. Нахӯдаки бадахшӣ дар якчанд маҳалли қаторкӯҳи Вахон (ағбаи Амғ, наздики деҳоти Зунг, Мулвоҷ ва Вранг) дар водии дарёҳо, таҳшинҳои алювиалӣ ва шағал, минтақаи даштҳои зӯлзада (трагакант) -зор (дар баландии 2700 - 3500 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Майдони сабзиш ва шумарааш хеле кам буда, моҳҳои июн, август гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Мунтаззам чарондани чорво дар маҳалли рушд, инчунин маҳдудии рушдгоҳ мумкин аст, боиси аз байн рафтани нахӯдаки бадахшӣ гардад. Маҳалли рушди онро муҳофизат карда, чорвочароиро дар рӯшдгоҳи он ба низом даровардан лозим аст.

Нахӯдаки дарвозӣ - Astragalus darwasicus N. Basil. Растани хеле камёфт ва хосси Тоҷикистон буда, 35-45 см баландӣ дошта, танҳо дар қаторкӯҳи Дарвоз, дар нишебиҳои санглох, минтақаи ҷангалзори гармсер — шибляк (дар баландии 1900 - 2100 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Майдонҳо сабзиш ва шумарааш хеле кам буда, моҳи июн гул карда, аз тухм зиёд шуда, сабабҳои тағйири шумора ва рушдгоҳаш маълум нест. Нахӯдаки дарвозиро фавран ҷустуҷӯй карда, маҳалли рушди онро ҳифз намудан лозим аст.

Хайришук - Astragalus insignis Gontsch. Буттачаи камёфт ва хосси ҷануби шарқӣ Помиру Олой буда, 35-60см баландӣ дорад. Онро танҳо ду маротиба аз атрофи шаҳраки Шӯробод ва байни деҳоти Турконию Навобод чидаанд. Хайришук дар минтақаи нимсаваннаҳои растаниҳои баланди хӯшадор ва ҷангалзори паҳнбарг (дар баландии 1500 - 2000 м аз сатҳи баҳр) мерӯяд. Майдонҳои сабзиш ва шумарааш ниҳоят кам буда, моҳҳои июн-июл гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Буттачаи қадимиест, ки хеле кам монда, ҳоло маҳалҳои рушди онро босуръат ба киштзори кишоварзӣ табдил дода истодаанд. Маҳалли рушди онро бо роҳи таъсис намудани парваришгоҳи наботот муҳофизат бояд кард.

Пуфакнахӯдак - Astragalus leptophysus Vved. Растани камёфти Тоҷикистони Шимолӣ буда, 10-30см баландӣ дошта, решаи калони ғафс дорад. Онро аз атрофи деҳоти Фатмев, Рарз, саргаҳи дарёҳои Кусавлисой ва Бурагансой чидаанд. Пуфакнахӯдак дар байни нахӯдакҳо мавқеи ҷудогона дорад ва намудҳои ба он шабеҳ нестанд. Дар нишебиҳои хушки санглоху шағал, серсангрезаи минтақаи ҷангалзори гармсер ва арчазор (дар баландии 1700 - 2400 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Моҳҳои июн-июл гулу мева карда, аз тухм ва қаламчаи гарданаи бех - каудекс (нашвӣ) зиёд мешавад. Сабабҳои тағйири шумора ва рушдгоҳаш маълум нест. Майдонҳои сабзиши пароканда ва мавқеи ҷудогонаи он дар байни авлоди нахӯдакҳо аз қадима будани ин растанӣ далолат мекунад. Эҳтимол қисме аз пуфакнахӯдакҳо ҳангоми чарондани чорво нобуд шавад. Онро парвариш ва маҳалли рушдашро ҳифз бояд кард.

Нахӯдаки даштӣ - Astragalus subspongocarpus Ovcz. et Rassul. Растании хеле камёфт ва хоси Тоҷикистони Марказӣ аст. Пояи баланди ғафс дошта, 50-90см баландӣ дорад ва онро фақат аз шимолтари шаҳри Душанбе (доманаи қаторкӯҳи Ҳисор) пайдо кардаанд. Нахӯдаки даштӣ дар талу теппаҳои зардхоки минтақаи ҷангалзори гармсер ва нимсаванна (дар баландии тақрибан 900 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Майдонҳо сабзишаш маҳдуд буда, шумарааш маълум нест. Моҳи июл гулу мева мекунад ва аз тухм зиёд мешавад. Сабабҳои тағйири шумора ва рушдгоҳ ин эҳтимол чарондани чорво ва таъсири омилҳои дигари фаъолиятҳои хоҷагидории инсон бошад. Нахӯдаки даштиро фавран ҷустуҷӯй ва маҳалли рушди онро ҳифз карда, чорвочарониро дар рӯшдгоҳи он ба низом даровардан лозим аст.

Нахӯдаки кӯҳӣ- Astragalus taschkutanus V. Nikit. Буттачаи камёфт ва хосси Тоҷикистони Марказӣ буда, 60-80см баландӣ дошта, фақат дар қаторкӯҳи Ҳисор (ҳавзаи дарёи Ширкент) дар нишебиҳои шағалдори минтақаи арчазори термофилӣ (дар баландии аз 2000 то 2300 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Майдонҳои сабзиш ва шумарааш кам буда, моҳҳои июн-июл гулу мева мекунад ва аз тухм зиёд мешавад. Сабабҳои тағйири шумора ва рушдгоҳаш маълум нест. Маҳалли рушди онро ҳифз бояд кард.

Кайим - Calophaca sericea B. Fedtsch. Буттаи камёфт ва хосси ҷануби Помиру Олой буда, фақат дар қаторкӯҳҳои Гарданиуштур, Ғозималик ва Сурхоб (Тоҷикистони Ҷанубӣ) дар минтақаи ҷангалзори гармсер ва арчазори термофилӣ (дар баландии 1200 - 1800 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Кайимзорҳои начандон калон дар қаторкӯҳҳои Ғозималик ва Гарданиуштур вомехӯранд. Моҳҳои май-июл гул

карда, моҳҳои август-сентябр мева мекунад ва аз тухм зиёд мешавад. Сокинони маҳалӣ онро барои ҳезум мебуранд, ки ин сабаби камшавии майдони сабзиши он гардидааст. Онро дар Боғи набототи Душанбе сабзондаанд, вале ба шароити парвариш тоб наовардааст. Маҳалли рушди онро ҳаматарафа бояд ҳифз карда шавад.

Чезнеяи неплӣ - Chesneya neplii Boriss. Растани хеле камёфт ва хосси чануби Помиру Олой буда, 10-20см баландӣ дорад ва фақат дар қаторкӯҳи Гардаништур мерӯяд. Дар минтақаи ҷангалзори гармсер ва арчазори термофилӣ, гаҷхок дар байни Gypsophila vedeneevae Lepesch., (дар баландии 2000 - 2200 м аз сатҳи баҳр) вомехурад. Майдони сабзиш ва шумарааш кам буда, онро фақат дар мавзеи Тираки қаторкӯҳи Гардаништур чидаанд, аммо дар қаторкӯҳи Ғозималик ва ноҳияҳои дигар ҳам вохӯрданаш мумкин аст. Моҳҳои май-июл гулу мева мекунад ва аз тухм зиёд шуда, сабабҳои тағйири шумора ва рушдгоҳаш маълум нест. Дар мавзеи Тирак, ки мунтазам чорво мечаронанд, майдонҳои сабзишаш маҳдуд шуда истодааст. Маҳалли рушди чизнеяро муҳофизат карда, кишти онро санҷидан лозим аст.

Чезнеяи Тоҷикистонӣ - Chesneya tadzhikistana Boriss. Растани хеле камёфт ва хосси ҷануби шарқи Помиру Олой буда, 15-30см баландӣ дошта, дар нишебиҳои Вахмикӯҳи нишебиҳои ҷануби қаторкӯҳи Дарвоз вомехӯрад. Чезнеяи Тоҷикистонӣ дар нишебиҳои рангон ва санглох, минтақаи нимсаваннаи алафаш паст ва ҷангалзори гармсер (дар баландии 650 - 1000 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Майдонҳои сабзиш ва шумарааш кам буда, моҳҳои апрел-июн гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Мунтаззам чарондани чорво сабаби асосии камшуморӣ ва маҳдудии рушдгоҳи он мегардад. Маҳалли рушди онро ҳифз кардан зарур аст.

Нахӯди хуросонӣ - Cicer chorassanicum (Bunge) M. Pop. Растани яксола буда, 8-15см баландӣ дошта, дар Тоҷикистон хеле камёфт аст. Дар нишебиҳои ҷануби қаторкӯҳи Туркистон (деҳаи Похуд) ва нишебиҳои шимоли қаторкӯҳи Зарафшон (дараи Пастигаф) мерӯяд. Нахӯди хуросонӣ дар нишебиҳои шағалдор ва хокӣ, минтақаи ҷангалзори гармсер ва арчазори термофилӣ (дар баландии 1700 - 2400 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Майдонҳои сабзиш ва шумарааш хеле кам буда, аз тухм зиёд шуда, моҳи июл гулу мева мекунад. Сабабҳои тағйири шумора ва рушдгоҳаш эҳтимол қатъ гардидани нахӯдкорӣ ва дар маҳалҳои рушди он чарондани чорво бошад. Нахӯди хуросониро дар Эрони Шарқӣ мекоранд ва эҳтимол аз он ҷо бо мақсади киштукор ба Тоҷикистон овардаанд. Маҳалли рушди онро ҳифз бояд кард. Нахӯди хуросониро, ки барои навърӯёнӣ аҳамияти калон дорад, дар боғҳои наботот кишт кардан лозим аст.

Эверсманияи суғдӣ - Ewersmannia sogdiana Ovcz. Растании нимбутагии хосси ғарби Помиру Олой буда, то 50-60см баландӣ дорад ва фақат дар қаторкӯҳи Зарафшон (атрофи деҳаи Ревад, дараи Испана) вомехӯрад Эҳтимол, дар кӯҳҳои Саритоғи Тоҷикистони Шимолӣ низ нумӯ ёбад. Эверсманияи суғдӣ дар нишебиҳои санглохи минтақаи ҷангалзори гармсер (дар баландии 1700 - 1800 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Моҳи июн гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Сабабҳои тағйири шумора ва рушдгоҳаш маълум нест. Эҳтимол, таъсири омилҳои гуногуни хоҷагидории инсон сабабҳои асосианд. Эверсманияи суғдиро фавран ҷустуҷӯй ва маҳалли рушди онро пурра муҳофизат карда, чун гули зебо парваридан зарур аст.

Тангагиёҳ - Hedysarum korshinskyanum B. Fedtsch. Растани хеле камёфт, кам тадқиқшуда ва хосси ғарби Помиру Олой аст. Пояҳои бисёр дошта, то 45 см баландӣ дорад. Тангагиёҳ фақат дар байни деҳоти Гузар ва Киштути нишебиҳои шимоли қаторкӯҳи Зарафшон дар нишебиҳои гилхоку сершағал (дар баландии 1000-1400 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Моҳҳои май-июл гулу мева мекунад ва аз тухм зиёд мешавад. Дар маҳалли рушди тангагиёҳ чарондани чорво ва таъсири омилҳои дигари

хоҷагидории инсон боиси нестшавии он мегарданд. Тангагиёҳро дар табиат ҷустуҷӯй карда, баъди онро пайдо намудан барои ҳифзаш парваришгоҳ таъсис додан лозим аст.

Тангагиёҳи моғиёнӣ - Hedysarum mogianicum B. Fedtsch. Растани хеле нодир, кам тадқиқшуда ва хосси қаторкӯҳи Зарафшон аст. Пояҳои бисёр дошта, 50-80см баландӣ дорад. Тангагиёҳи моғиёнӣ дар якчанд маҳалли қаторкӯҳи Зарафшон (деҳаи Моғиён; байни деҳоти Соя ва Шинг; байни деҳоти Заврон ва Киштут; дараи дарёи Обиборик; атрофи кӯли Ҳазорчашма) дар нишебиҳои шағалдору хокӣ (дар баландии аз 1300 то 2000 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Шумарааш кам буда, аз тухм зиёд мешавад ва моҳи июл гулу мева карда, хӯроки хуби чорво мебошад. Дар давраи гулшукуфт растании хеле зебост. Маҳалли рушди онро муҳофизат кардан зарур аст.

Булғор - Keyserlingia mollis (Royle) Boiss. Растании буттагӣ буда, 2-2,5м баландӣ дорад. Булғор растании Эрону Наздиҳимолоӣ аст ва дар собиқ давлати Советӣ онро фақат аз Тоҷикистони Ҷанубӣ пайдо кардаанд. Дар нишебиҳои қаторкӯҳи Дарвоз дар ҷойҳои рангони минтақаи ҷангалзори гармсер ва нимсаваннаи алафаш хӯшадорҳои баланд (дар баландии 1100 - 1500 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Майдонҳои сабзиш ва шумарааш кам буда, дар якчанд дараҳои паҳлӯи шохобҳои дарёи Панҷ булғорзорҳои хӯрд мавҷуданд. Моҳҳои апрел-июл гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Аз худ кардани маҳалли рушд, чарондани чорво аз тарафи сокинони маҳаллӣ барои эҳтиёҷи хоҷагӣ буридани он сабаби камшуморӣ ва нестшавии булғор мегардад. Маҳалли рушди онро дар Тоҷикистон муҳофизат ва булғорзорҳои масоҳаташон калонро ба мамнӯъгоҳи «Даштиҷум» ҳамроҳ кардан зарур аст.

Санглохгиёҳ - Onobrychis Gontscharovii Vass. Растани хосси Тоҷикистони Марказӣ буда, 20-25 см баландӣ дошта, фақат дар қаторкӯҳи Санглох вомехӯрад. Ин растанӣ дар нишебиҳои хокии ҷангалзори гармсер (бодомзор, туғзор) ва нимсаванна (гандумакзор) (дар баландии 1700 - 2000 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Майдони сабзиш ва шумарааш кам буда, паттазор ҳосил мекунад, баъзан тӯп-тӯп месабзад. Моҳҳои май-август гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Дар маҳалли рушди санглохгиёҳ аз ҳад зиёд ва бенизом чарондани чорво ва таъсири омилҳои дигари хоҷагидории инсон боиси камшумориву маҳдудии майдони сабзишаш мегардад. Барои ҳифзи он дар якҷоягӣ бо дигар растаниҳои камшудаистода парваришгоҳ барпо карда, чун растании хӯрокӣ чорво санглохгиёҳро парваридан лозим аст.

Нахӯдакгул - Oxytropis astragaloides Boriss. Растаниест хоси Помири Ғарбӣ (Бадахшон) ва 6-10см баландӣ дошта, фақат дар ду маҳалли қаторкӯҳи Язғулом (водии дарёи Панҷ байни Қалъаи Вамару Вооз ва дараи Шавуд) вомехӯрад. Нахӯдакгул дар нишебиҳои минтақаи бешазори гармсер (дар баландии 1800 - 2100 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Майдони сабзиш ва шумарааш кам буда, гурӯҳ-гурӯҳ, ки хурду камшумор аст ё тоқа-тоқа дида мешавад. Моҳҳои май-август гулу мева карда аз тухм зиёд мешавад. Дар маҳалҳои рушди нахӯдакгул чарондани чорво, таъсири омилҳои антропогенӣ боиси камшуморӣ ва маҳдудии рушдгоҳ мегардад. Маҳалҳои рушди маълуми онро ҳифз карда, парвариши нахӯдакгулро санҷидан лозим аст.

Гандамурч - Oxytropis hedinii Ulbrich. Растани хеле камёфт, кам тадқиқшуда ва хоси Осиёи Марказӣ буда, то 10см баландӣ дошта, фақат дар водии Шадпути Помири Шарқӣ вомехӯрад. Ғайр аз он дар Қошғар ва шимоли Тибет дида мешавад. Муҳити экологии сабзиши он нишебиҳои шағалдори минтақаи ҷангалзори гармсер (дар баландии тақрибан 4700 м аз сатҳи баҳр) мебошад. Моҳҳои июл-август гулу тухм карда, аз тухм зиёд мешавад. Мушоҳидаҳои экологӣ маълум менамоянд, ки аз таъсири тасодуфии омилҳои антропогенӣ нест шуданаш аз эҳтимол дур нест.

Гандамурчро ҷустуҷӯй карда, дар сурати дарёфтан маҳалли рушди онро ҳифз ва барои муҳофизати он парваришгоҳ барпо намудан лозим аст.

Кабкгиёҳ - Oxytropis kuramensis Abduss. Растани кам тадқиқшуда ва хосси Тоҷикистони Шимолӣ буда, 20-35см баландӣ дорад. Онро аз водии дарёи Понғози қаторкӯҳи Қурама дарёфт кардаанд. Кабкгиёҳ дар нишебиҳои хушки санглохи минтақаи нимсаваннаи алафаш баланди хӯшадор, ки қитъаҳои ҷангалзори гармсер дорад (дар баландии 1600 - 1800 м аз сатҳи баҳр) сабзиш мекунад. Шумарааш кам аст ва миқдори умумиаш маълум нест. Моҳҳои май-июл гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Бенизом чарондани чорво ва азхуд кардани доманакӯҳҳо сабаби камшавии майдонҳои сабзиши кабкгиёҳ мегарданд. Муҳофизат кардани маҳалли рушд ва ба зери назорат гирифтани ҷамоаҳои сабзишу шумораи он зарур аст.

Нахӯдаки ҷангалӣ - Oxytropis mumynabadensis B. Fedtsch. Растании хеле камёфт ва хосси Тоҷикистон буда, 25-30 см баландӣ дорад. Ин намудро фақат дар яке аз маҳалҳои қаторкӯҳи Ҳазратишоҳ (кӯҳи Каҷбандони атрофи Муъминобод) пайдо кардаанд. Нахӯдаки ҷангалӣ дар нишебиҳои хокии минтақаи ҷангалзори паҳнбарг (дар баландии 2300 - 2500 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Моҳи апрел гул карда аз тухм зиёд мешавад. Дар маҳалҳои рушди он аз ҳад зиёд ва бе низом чарондани чорво ва таъсири омилҳои дигари антропогенӣ сабаби асосии нестшавии он мегардад. Нахӯдаки ҷангалиро дар табиат ҷустуҷӯ карда, дар сурати пайдо намудан, маҳалли рушди онро муҳофизат кардан зарур аст.

Нахӯдаки кӯҳӣ - Oxytropis siomensis Abduss. Буттачаи хосси Тоҷикистони Марказӣ буда, 8-15см баландӣ дорад. Онро фақат аз дараи дарёи Сиомаи нишебиҳои ҷанубӣ қаторкӯҳи Ҳисор чидаанд. Нахӯдаки кӯҳӣ дар нишебиҳои саргаҳи минтақаи ҷангалзори паҳнбарг (дар баландии 1800 - 2400 м аз сатҳи баҳр) тӯп-тӯп ё тоқа-тоқа месабзад. Миқдори умумиаш дар табиат маълум набуда, моҳҳои май-июл гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Дар маҳалҳои рушди нахӯдаки кӯҳӣ аз ҳад зиёду бенизом чарондани чорво ва таъсири омилҳои дигари антропогенӣ боиси камшумориву маҳдудии рушдгоҳи он мегардад. Барои ҳифзи он маҳалҳои рушди онро ҳифз ва барои барқарор кардани ин намуд, дар якҷоягӣ бо дигар растаниҳои эндемикии Тоҷикистони Марказӣ парваришгоҳ ташкил кардан зарур аст. Сабзиши онро ба зери назорат гирифтан ва парваридан лозим аст

Зӯлзала - Tragacantha alexeenkoana (B. Fedtsch. et Ivanova) Boriss. Буттаи кам тадқиқшуда ва хосси Тоҷикистони Шарқӣ буда, қариб 50см баландӣ дорад. Ин растаниро аз қаторкӯҳи Дарвоз (атрофи деҳаи Кеврон; байни деҳоти Ҷирф ва Кеврон) чидаанд. Зӯлзала дар нишебиҳои санглох, арчазори термофилӣ (дар баландии 1400 - 2000 м аз сатҳи баҳр) месабзад. Шумарааш хеле кам буда, моҳҳои август-сентябр гулу мева карда, аз тухм зиёд мешавад. Таъсири омилҳои антопрогенӣ ва фаъолиятҳои хоҷагидори инсон боиси камшумории он мегардад. Ба таври қатъӣ муҳофизати маҳалли рушд, ташкили парваришгоҳ ва парвариши он зарур аст.

Сӯзанкаҳи дулона - Tragacantha dolona Rassul. et B. Scharip. Буттаи хеле камёфт буда, то 20см баландӣ дошта, кам тадқиқшуда мебошад. Ин растанӣ хосси Тиёншони Ғарбӣ буда, фақат дар қаторкӯҳи Курама (атрофи деҳаи Дулона) дар замини регсангдор (дар баландии 1000 - 1500 м аз сатҳи баҳр) мерӯяд. Моҳи август гулу мева карда, шумарааш кам аст. Аз ҳад зиёд ва бенизом чарондани чорво сабаби нестшавии он мегардад. Ҳифзи қатъӣ ва парваришгоҳ эълон намудани маҳалли рушди он лозим аст.

АДАБИЁТ

1. Флора Таджикской ССР. Ленинград, 1978. - Т.5. - С.273-637.
2. Флора Таджикской ССР. Ленинград, 1981. - Т.6. - С.9-339.
3. Валаматова С.М., Мадаминов А.А. Бобовые Северного Таджикистана и их кормовое значение. //Матер. 3-й межд. конф. «Экологическое особености биологического разнообразия». -Душанбе, 2002. - С.43-45.
4. Камелин Р.В. Флорогенетический анализ естественной флори горной Средней Азии / Р.В.Камелин. -Ленинград, 1973. - 355с.
5. Овчинников П.Н. Основные черты растительности и районы флори Таджикистана / П.Н.Овчинников // Флора Таджикской ССР. -Москва-Ленинград, 1957. - Т.1. -С.9-20.
6. Саидов М.К. Ресурсы дикорастущих пищевых растений Центрального Таджикистана. -Душанбе, 2002. - 236с.
7. Саидов М.К. Дикорастущие пищевые растения Таджикистана / М.К. Саидов. -Душанбе, 2004. - 64с.
8. Саидов М.К. Экологическое особенности биологического разнообразия дикорастущих пищевых растений Таджикистана / М.К. Саидов. -Костонай, 2011. - 66с.
9. Саидов М.К. Экологияи растаниҳои нодири Тоҷикистон / М.К.Саидов. -Душанбе, 2014. - 347с.
10. Китоби сурхи Тоҷикистон. –Душанбе: 1997. Нашри 1. - 336с.
11. Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2017. Нашри 2. - 552с.

ТАҲҚИҚИ ЛӮБИЁГИҲОИ ХУДРӮЙИ НОДИР ВА КАМШУДАИСТОДАИ ТОҶИКИСТОН

Оилаи лӯбиёгиҳо яке аз оилаҳои калонтарини растаниҳои дараҷаи олӣ буда, бештар аз 700 авлод ва 7000 намудро дар бар гирифта, дар ҳудуди Тоҷикистон 54 авлод ва 550 намуди лӯбиёгиҳо ба қайд гирифта шудааст, ки 22 намуди онҳоро аҳолии Тоҷикистон ҳамчун манбаи ғизо истифода мебаранд. Дар мақола оид ба 23 намуди лӯбиёгиҳо: Astragalus artemisformis, A. badachschanicus, A. darwasicus, A. insignis, A. leptophysus, A. subspongocarpus, A. taschkutanus, Calophaca sericea, Chesneya neplii, Ch. tadzhikistana, Cicer chorassanicum, Ewersmannia sogdiana, Hedysarum korshinskyanum, H. mogianicum, Keyserlingia mollis, Onobrychis Gontscharovii, Oxytropis astragaloides, O. hedinii, O. kuramensis, O. mumynabadensis, O. siomensis, Tragacantha alexeenkoana, T. dolona, ки растаниҳои хосси Тоҷикистон буда, дар натиҷаи таъсири омилҳои антропогенӣ ба монанди алафдаравии нодурусти пеш аз муҳлат, чорвочаронии аз ҳад зиёду бенизом, ва фаъолиятҳои дигари хоҷагидории инсон кам шуда истодаанд, маълумотҳои биологию экологӣ дода роҳҳои ҳифзи онҳо пешниҳод карда мешавад.

Калидвожаҳо: лӯбиёгиҳо, нодир, камшудаистода, авлод, намуд, флора, мушоҳидаҳои экологӣ, омили антропогенӣ, парвариштоҳ, мамнунгоҳ.

ИЗУЧЕНИЕ РЕДКИХ И ИСЧЕЗАЮЩИХ ДИКОРАСТУЩИХ БОБОВЫХ РАСТЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА

Семейство бобовых – одно из самых крупных семейств высших растений, включающее более 700 родов и 7000 видов. На территории Таджикистана выявлены 54 рода и 550 видов бобовых, из которых 22 вида используются населением Таджикистана в качестве источника пищи. В статье приведены результаты о 23 видах бобовых растений: Astragalus artemisformis, A. badachschanicus, A. darwasicus, A. insignis, A. leptophysus, A. subspongocarpus, A. taschkutanus, Calophaca sericea, Chesneya neplii, Ch. tadzhikistana, Cicer chorassanicum, Ewersmannia sogdiana, Hedysarum korshinskyanum, H. mogianicum, Keyserlingia mollis, Onobrychis Gontscharovii, Oxytropis astragaloides, O. hedinii, O. kuramensis, O. mumynabadensis, O. siomensis, Tragacantha alexeenkoana, Tr. dolona, которые являются типичными растениями Таджикистана. В результате влияния антропогенных факторов, таких как неправильное скашивание травы раньше срока, чрезмерность и неорганизованность выпаса скота и другая хозяйственная деятельность приводят к исчезновению видов бобовых растений. В статье приведены биологические и экологические данные и способы их охраны.

Ключевые слова: бобовые, редкие, сокращающиеся, роды, виды, флора, экологические наблюдения, антропогенный фактор, местообитание, заказник, заповедник.

STUDY OF RARE AND ENDANGERED WILD LEGUMINOUS PLANTS IN TAJIKISTAN

The legume family is one of the largest families of higher plants, including more than 700 genera and 7000 species. In the territories of Tajikistan, 54 genera and 550 species of legumes have been identified, of which 22 species are used by the population of Tajikistan as a source of food. The article presents the results of 23 species of leguminous plants: Astragalus artemisformis, A. badachschanicus, A. darwasicus, A. insignis, A. leptophysus, A. subspongocarpus, A. taschkutanus, Calophaca sericea, Chesneya neplii, Ch. tadzhikistana, Cicer chorassanicum, Ewersmannia sogdiana, Hedysarum korshinskyanum, H. mogianicum, Keyserlingia mollis, Onobrychis Gontscharovii, Oxytropis astragaloides, O. hedinii, O. kuramensis, O. mumynabadensis, O. siomensis, Tragacantha alexeenkoana, Tr. dolona, which are typical plants of Tajikistan. As a result of the influence of anthropogenic factors, such as improper mowing of grass ahead of time, excessive and disorganized grazing, and other economic activities lead to the disappearance of leguminous plant species. The article presents biological and environmental data and ways to protect them.

Key words: legumes, rare, declining, genera, species, flora, ecological observations, anthropogenic factor, habitat, reserve, reserve.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидов Мурод Қурбонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи экология. **Суроға:** 734025, Ҷмҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **937-93-86-66.**

Сведения об авторе: ***Саидов Мурод Курбонович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат биологических наук, доцент кафедры экологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **937-93-86-66.**

Information about author: ***Saidov Murod Kurbonovich*** **-** Tajik national university, candidate of biological sciences, Associate Professor of the Department of Ecology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **937-93-86-66.**

УДК: 633.863.(573.3)

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ МАҲСУЛНОКИИ МУШУНГ ВОБАСТА БА ТАЪСИРИ ЧУҚУРИИ КОРКАРДИ ХОК


Набиев Т.Н. Солиҳов М.М., Воҳидова К.А.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,
Институти зироаткории АИКТ

Таҷрибаҳои саҳроии мо дар хоҷагии таҷрибавии “Зироаткор”-и Институти зироаткории АИКТ тайи солҳои 2019-2021 дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини гузаронида шудааст. Ба сифати объекти таҳқиқотӣ навъи мушунги “Серҳосил”-ро истифода намудем.

Дар натиҷаи таҳқиқоти мо маълум гардид, ки марҳилаҳои пухтарасии дони мушунг дар варианти назоратӣ (бе коркарди хок) дар санаи 10 моҳи июн ба қайд гирифта шуд. Дар вақти гузаронидани коркарди хок дар чуқурии 20 см фарорасии давраи пухтарасиши дони мушунг – 13 июн, дар ҷуқурии - 25 см -15 июн; 30см -18 июн ва дар 35см – 20 июн мушоҳида карда шуд.

Давомнокии марҳилаҳои нашъунамои зироати мушунг аз пайдошавии майсаҳо то давраи гулкунӣ вобаста аз вариантҳои коркарди ҷуқурии хок – 138-140 рӯз, аз гулкунӣ то давраи ғилофакбандӣ – 12-15 рӯз ва давраи ғилофакбандӣ то давраи пухтарасиши дони мушунг – 32-34 рӯзро ташкил намудааст. Давраи тараққиёт ва нашъунамои мушунги навъи серҳосил дар таҷрибаҳои илмии мо, вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ аз 180 то 189 рӯзро ташкил намудааст.

Натиҷаи таҷриба нишон дод, ки дар вақти ченаки ниҳолҳои мушунг дар санаи 30 апрел баландии қади он дар варианти назоратӣ (бе коркард) – 66 см ва дар вариантҳои коркарди чуқурии хок аз 20 то 35 см аз 79-97 см ташкил намудааст (расми 1). Дар натиҷаи ченаки ниҳолҳои мушунг маълум гардид, ки аз ҳама растаниҳои қадбаланди мушунг дар даҳрӯзаи дуюми моҳи май мушоҳида карда шуд.



Расми 1. Таъсири чуқурии коркарди хок ба ҷараёни қадкашии мушунг, см (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021)


Дар ин давра, баландии қади растаниҳои мушунг дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см-120 см-ро ташкил намуд, ки ин нисбат ба варианти назоратӣ – 38 см, нисбат ба варианти коркарди хок дар чуқурии 20 см – 19 см, дар чуқурии 25 см – 14 см ва нисбат ба чуқурии 35 см – 5,0 см зиёд мебошад.

Ҷараёни ташаккулёбии вазни растанӣ, анбӯҳи сабз ва бедаи зироати мушунг дар давраҳои тараққиёт аз чуқурии коркарди хок вобаста аст (1-2). Коркарди босифати чуқурии хок ба зиёдшавии вазни ҳар як растанӣ ва болоравии ҳосилнокии массаи биологии сабз ва хушки мушунг таъсири худро расонидааст (3-4).

Дар ҷараёни инкишоф ва тараққиёти зироати мушунг аз 10 моҳи март то 20 моҳи май вазни ҳар як растанӣ, ҳосилнокии массаи сабз ва хушк хеле афзоиш ёфтааст. Аз ҳама нишондодҳои баланд дар давраи дуюми моҳи май ба қайд гирифта шудааст. Дар ин давра дар варианти назоратӣ вазни як растании мушунг – 67 г, ҳосили массаи сабз – 108 с/га ва хушк – 27 с/га- ро ташкил намудааст. Нишондодҳои баланд дар байни варианҳои омӯзишӣ доир ба вазни ҳар як растанӣ, ҳосилнокии массаи биологии сабз ва хушк дар варианти коркарди хок дар чуқурии – 30 см ба даст оварда шудааст. Фарқият нисбат ба варианти назоратӣ оид ба вазни ҳар як растанӣ – 55 г, ҳосили массаи сабз – 67 с/га ва массаи хушки мушунг – 26 с/га зиёд гардидааст.

Нишондодҳои баланди масоҳати сатҳи барг (расми 2.) дар байни вариантҳои омӯзишӣ дар давраи ғилофакбандӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар ин давра масоҳати сатҳи барг дар варианти назоратӣ ба 27,9 ҳаз. м²/га баробар шудааст. Дар варианти коркарди хок дар чуқурии 20 см масоҳати сатҳи барг нисбат ба варианти назоратӣ 6,2 ҳаз. м²/га ва дар ҳудуди чуқурии 25 см – 7,9; дар чуқурии 30 см – 11,4 ва дар чуқурии 35 см – 8,8 ҳаз. м²/га афзоиш ёфтааст.

Аз ҳама масоҳати сатҳи зиёди барг дар ҳама давраҳои нашъунамо дар байни вариантҳои омӯзишӣ дар варианти коркарди хок дар чуқурии – 30 см ба қайд гирифта шудааст.



Расми 2. Таъсири чуқурии коркарди хок ба ташаккулёбии масоҳати сатҳи барги мушунг, ҳаз. м²/га (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон дод, ки чуқурии коркарди хок ба нишондодҳои иқтидори фотосинтетикӣ таъсири худро расонидааст. Дар оғози давраи нашъунамои зироати мушунг фарқият байни вариантҳои омӯзишӣ на он қадар ба назар мерасид. Аммо, аз давраи шонабандӣ сар карда то ба давраи пухтарасиши дон фарқияти куллӣ дар байни вариантҳои омӯзишӣ оид ба нишондодҳои иқтидори фотосинтетикӣ мушоҳида карда шуд. Нисбат ба варианти назоратӣ, нишондоҳои иқтидори фотосинтетикӣ дар варианти коркарди хок дар чуқурии 20 см дар давраи шонабандӣ – 16,1; гулкунӣ – 38,2; ғилофакбандӣ – 159,8 ва дарваи пухтарасиши дон – 69,0 ҳаз. м^2/х рӯз зиёд гардидааст. Ин нишондодҳо мутаносибан дар варианти коркарди хок дар чуқурии 25 см – 18,4; 59,7; 230,2; 139,8; 30 см – 22,2; 86,4; 291,9; 206,3 ва 35 см- 20,7; 82,0; 270,0; 167,3 ҳаз. м^2 х рӯз ташкил кардааст.

Дар даврaҳои нашъунамои мушунг афзоиши зиёди иқтидори фотосинтетикӣ дар байни даврaҳои гулкунӣ – шонабандӣ ба вуҷуд омадааст. Афзоиши иқтидори фотосинтетикӣ дар варианти назоратӣ - 3,9; дар варианти дуюм (20см) – 3,9; сеюм (25см) – 4,1; чорум (30 см) – 4,3 ва панҷум (35 см) – 4,3 баробар зиёд мебошад.

Нишондоди иқтидори фотосинтетикӣ дар байни даврaҳои ғилофакбандӣ-гулкунӣ вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ мутаносибан 1,7; 2,1; 2,2; 2,3 ва 2,2 баробарро ташкил кардааст. Дар ҳамаи даврaҳои нашъунамо ва тараққиёти мушунг ҷамъи иқтидори фотосинтетикӣ вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ аз 807,7 то 1405,3 ҳаз. м^2 х рӯз ташкил кардааст. Ҳадди ниҳоии нишондоди иқтидори фотосинтетикии мушунг дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлили сохтори таркибии ҳосили зироати мушунг маълум намуд, ки бо мурури зиёд намудани чуқурии коркарди хок аз 20 то 30 см вазни ҳар як растанӣ, шумораи ғилофакҳо, миқдори дон ва вазни он, миқдори навдаҳо ва вазни 1000 дона хеле афзудааст. Аммо, вақте, ки чуқурии коркарди хокро то ба 35 см расонидан, нишондодҳои сохтори ҳосил нисбат ба варианти 4 – ум (30 см) коҳиш ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҷрибаи мо нишондод, ки дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см вазни як растании мушунг нисбат ба варианти назоратӣ – 16,2 г, миқдори ғилофакҳо 17 дона, шумораи дон – 52 дона вазни он – 8,2 г, шумораи навдаҳо – 3 дона ва вазни 1000 дона – 22 г зиёд шудааст.

Аз ҳама нишондодҳои босифати сохтори ҳосил, яъне вазни ҳар як растанӣ – 70,5 г, миқдори ғилофакҳо – 51 дона, шумораи дон – 189 дона вазни он 20,8 г, миқдори навдаҳо – 7 дона ва вазни 1000 дона – 147 г дар вақти чуқурии коркарди хокро ба 30 см расонидан ба қайд гирифта шудааст.

Дар варианти назоратӣ (бе коркарди хок) ҳосилнокии дони мушунг ба 12,4 с/га (мутаносибан вобаста ба солҳои омӯзишӣ аз 11,7 то 13,2 с/га) баробар шудааст (ҷадвали 2). Ҳосили баланди дони мушунг (18,1 с/га) дар вақти гузаронидани коркарди хок дар чуқурии 30 см бадастоварда шудааст. Фарқияти ҳосил дар ин ҳолат, нисбат ба варианти назоратӣ 5,7 с/га ё 31,5 % ва нисбат ба дигар вариантҳои коркарди хок 0,7 то 3, 3 с/га ё 4,0 то 22,3% зиёд мебошад.

Ҷадвали 1. Таъсири чуқурии коркарди хок ба ҳосилнокии дони мушунг (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021)

№	Чуқурии коркарди хок, см	Солҳои таҳқиқот			Ба ҳисоби миёна дар муддати 3-сол	Фарқият нисбат ба варианти назоратӣ	
		2019	2020	2021		с/га	%
1.	Бе коркарди хок (назоратӣ)	12,3	13,2	11,7	12,4	-	-
2.	20	14,8	15,9	13,7	14,8	2,4	16,2
3.	25	15,8	17,7	15,4	16,3	3,9	23,9
4.	30	18,2	19,2	17,0	18,1	5,7	31,5
5.	35	17,1	18,5	16,6	17,4	5,0	28,7

АДАБИЁТ

1. Корнеев Т.В. Нут, горох, чечевица, кормовые бобы, фасол, вика. К кн. Растениеводство с основами селекции и семеноводства / Т.В.Корнеев, П.И.Подгорный, С.Н.Щербак. 1990. -286 с.
2. Литвинов В.Н. Эспарцет. В кн. Кормовые культуры Таджикистана / В.Н. Литвинов. - Душанбе, 1978. - С. 203-207.
3. Имомов С.И. Зироати мушунг/ С.И. Имомов. -Душанбе, 2017. -256 с.
4. Макашева Р.Х. Горох / Р.Х. Макашева. -Москва, Колос, 1973. -306 с

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ МАҲСУЛНОКИИ МУШУНГ ВОБАСТА БА ТАЪСИРИ ЧУҚУРИИ КОРКАРДИ ХОК

Мақола мазкур барои омӯзиши хусусиятҳои нашъунамо ва ҳосилнокии мушунг вобаста аз чуқурии коркарди хок равона шудааст. Маълум гардид, ки коркарди чуқурии хок ба нишондодҳои фитометрӣ ва маҳсулнокии дони мушунг таъсири зиёд расонидааст. Дар варианти назоратӣ (бе коркарди хок) ҳосилнокии дони мушунг ба 12,4 с/га (мутаносибан вобаста ба солҳои омӯзишӣ аз 11,7 то 13,2 с/га) баробар шудааст. Ҳосили баланди дони мушунг (18,1 с/га) дар вақти гузаронидани коркарди хок дар чуқурии 30 см ба даст оварда шудааст. Фарқияти ҳосил дар ин ҳолат нисбат ба варианти назоратӣ 5,7 с/га ё 31,5 % зиёд мебошад.

Калидвожаҳо: мушунг коркарди хок, инкишоф, тараққиёт, масоҳати сатҳи барг, иқтидори фотосинтетикӣ, массаи биологии сабз ва хушк, ҳосили дон.

ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОДУКТИВНОСТИ ГОРОХА В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ГЛУБИНЫ ОБРАБОТКИ ПОЧВЫ

Данная статья посвящена изучению особенностей роста и формирования урожая зерна гороха, в зависимости от глубины обработки почвы. Результаты исследований показывают, что глубина обработки почвы оказала значительное влияние на фитометрические показатели растений и продуктивности гороха,. Наиболее высокий урожай зерна гороха, был получен при обработке почвы на глубине – 30см (18,1 ц/га.). При этом, прибавка урожая зерна, по сравнению с контролем, составляла - 5,7 ц/га, или 31,5 %.

Ключевые слова: горох, обработка почвы, рост, развитие, площадь листовой поверхности, фотосинтетический потенциал, биомасса, урожай зерна.

FEATURES OF PEA PRODUCTIVITY FORMATION DEPENDING ON THE DEPTH OF SOIL TREATMENT

This article is devoted to the study of the characteristics of the growth and formation of the pea grain yield, depending on the depth of tillage. The research results show that the depth of tillage had a significant impact on the phytometric parameters of plants and pea productivity. The highest grain yield of peas was obtained by tilling the soil at a depth of 30 cm (18.1 q/ha). At the same time, the increase in grain yield, compared with the control, was 5.7 c/ha, or 31.5%.

Key words: peas, tillage, growth, development, leaf surface area, photosynthetic potential, biomass, grain yield.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Набиев Толиб Набиевич*** **–** доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. **Телефон:** (+992) 935-03-52-18.

Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич **–** докторанти Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон баноми Ш. Шоҳтемур, **Суроға:**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. E-mail: salim.5555_s@mail.ru **Телефон:** (+992) 554-5555-19

Воҳидова К. А. **–** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур **Суроға:**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. **Телефон:** (+992) 919-72-38-48

Сведения об авторах: ***Набиев Толиб Набиевич***- доктор сельскохозяйственных наук, профессор Аграрного университета Таджикистана им. Шохтемур Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146. Телефон: (+992) 935-03-52-18.

Солихов Махмадсалим Махмадуллоевич – докторант Аграрного университета Таджикистана им. Шохтемур, Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146. E-mail: salim.5555_s@mail.ru Телефон: (+992) 554-5555-19.

Вахидова К. А. - кандидат сельскохозяйственных наук, доцент Таджикского аграрного университета имени Ш. Шохтемур Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146. Телефон: (+992) 919-72-38-48.

Information about the authors: ***Nabiev Tolib Nabievich*** - Doctor of Agricultural Sciences, Professor of the Agrarian University of Tajikistan. Shokhtemur Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 146. Phone: (+992) 935-03-52-18.

Solikhov Mahmadsalim Mahmadulloevich - doctoral student of the Agrarian University of Tajikistan named after. Shokhtemur, Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 146. E-mail: salim.5555_s@mail.ru Phone: (+992) 554-5555-19.

Vakhidova K. A. - Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shokhtemur Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Ave.

УДК:547.672.5

ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ АНТРОПОГЕНӢ, БИОТИКӢ ВА АБИОТИКӢ БА ЗАНБӮРИ АСАЛ

Саидзода И.М., Солиҳзода Д.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Занбӯрпарварӣ яке аз самтҳои афзалиятноки хоҷагии халқ ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати иқтисодӣ, экологӣ, тиббӣ ва ғайра рушд додани ин соҳа фоидаовар мебошад. Занбӯри асал дар экосистема яке аз ҳашаротҳое мебошад, ки ҷанбаҳои биологӣ, физиологӣ ва дигар омилҳои он хеле зиёд омӯхта шудаанд. Аммо, самти амсиласозии математикию компютерии занбӯри асал ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Дар раванди таҳқиқотҳои қабли [5,6, с.12-14] хусусиятҳои ҷинсӣ ва марҳилаҳои ҳаётии оилаи занбӯри асал мавриди амсиласозии математикӣ ва компютерӣ қарор дода шуд. Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки якчанд омилҳои таъсиррасони биотикӣ, абиотикӣ ва онтропогенӣ ба оилаи занбӯри асал ҷой доранд. Масалан, таъсиррасонӣ дар раванди ғизодиҳӣ, кимиёвӣ, зоотехникӣ ва ғайра.

Таъсиррасониҳои инсонро ба системаҳои экологӣ дар якчанд марҳилаҳо баррасӣ намудан мумкин аст. Инсон метавонад ба оилаи занбӯри асал, таъсири худро дар тамоми мавсими сол расонад. Масалан, дар раванди дорудармонӣ, зимистонгузаронӣ ва ғайра.

Дар ҷомеаи муосири имрӯза таъсиррасониҳои антропогенӣ ба муҳити зист хеле зиёд аст. Таҷрибаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки бе таъсири инсон соҳаи занбӯрпарвариро рушд додан ғайриимкон аст. Яке аз омилҳои муҳиме, ки бояд инсон ба оилаи занбӯр таъсир расонад, ин пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ аст. Агар бо таври фаврӣ ҳолати паҳншавии бемориҳоро пешгирӣ нанамоем, саршумори занбӯри асал кам шуда, рӯ ба нестӣ меорад.

Маҳсулнокии ҳар як оилаи занбӯр аз маҳал, номусоид омадани боду ҳаво ва омилҳои берунию дохилӣ вобастагии зиёд дорад. Ҳар як занбӯрпарвар бояд он омилҳое, ки ба маҳсулнокӣ ва қобилияти кории занбӯри асал таъсир мерасонанд омӯхта барои рушди оила чораи мушаххасро андешад. Омилҳои таъсиррасон ба оилаи занбӯри асал хеле зиёд аст. Масалан, таъсири омилҳои биотикӣ, абиотикӣ ва антропогенӣ.

Омилҳои биотикӣ (biotikos – ҳаёт). Ба омилҳои таъсиррасонии биотикии занбӯр, таъсири организмҳои зиндаи экосистема дар назар дошта шудаанд. Омилҳои биотикӣ метавонанд ба рушди оилаҳои занбӯр таъсир мусбат ва ё манфӣ расонида, қобилияти кории онҳоро тағйир диҳанд. Бояд қайд намуд, ки зараррасонҳои занбӯри асал хеле зиёд мебошанд. Масалан, намояндаи паразитҳо, ки онҳо метавонад ба рушди оилаҳои занбӯр таъсири манфии худро расонанд.

Дар ин бобат қайд намудан лозим аст, ки омилҳои таъсиррасони муҳити зист ба популятсияи занбӯри асал аз миқдори абиотикҳо хеле зиёд буда, дар байни онҳо аз ҳама бештар бемориҳои паразитиро вохӯрдан мумкин аст [4].

Барои баҳодиҳии омилҳои биотикӣ раванди таҳлил пеш аз ҳама, аз қувватнокӣ ва миқдори занбӯри дохили оила оғоз мешавад. Зеро, маҳз ҳамин омил метавонад таъсироти дигар организмҳоро ба оилаи занбӯр муайян кунад. Таҷрибаҳо нишон

медиҳанд, ки дар бисёр мавридҳо зараррасонҳо ба оилаҳои камқувват таъсири манфӣ мерасонанд. Яъне, миқдори занбӯри дохили қуттӣ нақши муҳимро дар таъсироти мутақобилаи омилҳои биотикӣ мебозад. Инчунин, микдори захиравии хӯроки хушсифат имкон медиҳад, то қобилияти муқовимат ба бемориҳо ва ҳашароти зараррасон дар оила таъмин карда шавад.

Аз таҳқиқотҳои илмии Строгов В.В. [15], бармеояд, ки мушкилоти норасоии ғизои занбӯри асал, махсусан, дар фасли зимистон метавонад, дар раванди рушди оила таъсири манфӣ расонад. Ғайр аз миқдори ғизои захирашуда сифати он ҳам бояд ба назар гирифта шавад. Зеро, дар раванди тафрибаҳо муайян карда шудааст, ки истеъмоли асали пастсифат метавонад боиси дарунравии ғайрисироятии занбӯр гардад. Дар раванди мушоҳида намудани ин ҳолат ба занбӯрпарварон тавсия дода мешавад, ки сари вақт бо шарбати шакар манбаи ғизоии оилаҳоро таъмин намоянд [15].

Тафрибаи хоҷагиҳои занбӯрпарвар нишон медиҳанд, ки рақобати байни организмҳо бо оилаи занбӯр аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад. Масалан, дар хоҷагиҳои занбӯрпарварӣ рақобати бевоситаи байниҳамдигарии занбӯрҳои асалро мушоҳида намудан мумкин аст. Ин рақобати байниҳамдигарӣ боиси талафёбии оилаҳои занбӯр мегардад. Чунки, занбӯрҳои оилаҳои пурқувват тамоми манбаи ғизоии оилаи камқувватро дуздида, ба қуттии худ интиқол медиҳанд, ки ҳолати норасоии манбаи ғизоӣ дар оилаи камқувват ба вуҷуд омада, тамоми занбӯрҳо дар фасли зимистон мефавтанд.

Омилҳои биотикии табиат ва таъсири онҳо ба оилаҳои занбӯри асал гуногунранг мебошанд. Ин омилҳо ба занбӯри асал якчанд намуди таъсиррасониро доранд, ки онҳоро ба фитогенӣ, зоогенӣ ва микрогенӣ ҷудо мекунанд.

1. Омилҳои фитогенӣ (таъсири растаниҳои шаҳддиҳанда). Ба омилҳои таъсиррасони фитогенӣ, асосан тамоми шаҳддиҳандаҳои занбӯри асал дохил мешаванд. Таркиби шаҳддиҳандаҳои муҳити атрофи занбӯр ва раванди гулкунии онҳо ба рушди оила мусоидат мекунад. Хоҷагиҳои занбӯрпарварро зарур аст, ки оид ба шаҳддиҳандаҳои занбӯр маълумоти кофӣ дошта бошанд. Зеро, шаҳддиҳандаҳо муҳимтарин омил дар рафти ҷамъоварии асали хушсифат ба ҳисоб мераванд.

Барои ташкил намудани пойгоҳи ғизоӣ ва бадастовардани асали хушсифат, талаботҳои зеринро бояд риоя намуд: қуттиҳои занбӯрро ба шаҳддиҳандаҳои сермаҳсул наздик гузоштан, дар атрофи қуттиҳои занбӯр парвариши шаҳддиҳандаҳо; ба назар гирифтани омилҳои иқлимӣ (ҳарорат, боришот, хокбориш ва ғайра) [3, с.5];

2. Омилҳои зоогенӣ (таъсири ҳайвонот). Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки занбӯри асал ва инкишофёбии зотҳои он ҳазорон солро дар бар мегирад. Ин раванд боиси пайдошавии як қатор зотҳои нави занбӯри асал гаштааст, ки дар табиат рӯ ба инкишофёбӣ қарор доранд. Барои занбӯр, чӣ тавре дар боло қайд намудем, якчанд гурӯҳи рақобатҳо ҷой дорад, ки рақобати байниҳамдигарӣ дар байни дигар рақобатҳо таъсири зиёдтарро дорад. Ин рақобатҳоро ҳангоми гирифтани шаҳд аз минтақаҳои муайян мушоҳида намудан мумкин аст. Ба сифати зараррасонҳои занбӯри асал паррандагон, даррандагон, хазандаҳо, канаҳо ва садҳо намуди организмҳоро мисол овардан мумкин аст;

3. Омилҳои микрогенӣ (таъсири микроорганизмҳо). Таъсири мутақобилаи микроорганизмҳо ба оилаи занбӯри асал хеле зиёд аст. Махсусан, пайдоиши

бемориҳои паразитӣ ва сироятӣ, ки сабаби пайдоишашон микроорганизмҳо ва бактерияҳо мебошанд.

Омилҳои абиотикӣ. Омилҳои абиотикӣ гуфта, он омилҳое дар назар дошта шудаанд, ки табиатан беҷон буда, ба оламу набототу ҳайвонот таъсир мерасонанд. Ба ин омилҳо хок, ҳарорат, обу ҳаво ва дигар омилҳои табииро дохил намудан мумкин аст. Омилҳои абиотикӣ барои рушди олами набототу ҳайвонот нақши басо муҳимро мебозанд. Инкишофёбии оилаҳои занбӯри асал ҳам аз омилҳои абиотикӣ вобастагии зич доранд. Масалан, аз ҳарорат, рӯшноӣ, намнокӣ, хокбориш, шамол ва ғайра.

Ба ақидаи О.К. Нужнова [9], таъсири омилҳои абиотикӣ дар афзоишёбии популятсияи динамикаи занбӯри асал нақши муҳим бозида, омӯзиши хусусиятҳои биологӣ ва экологии занбӯр ва мутобиқсозии он ба иқлим боиси рушдёбии фаъолияти оилаҳои занбӯр мегардад [9].

Ҳарорат. Яке аз омили муҳимтарин дар раванди ташкил намудани оилаҳои занбӯри асал ҳарорат мебошад. Ҳарорат дар раванди инкишофёбии занбӯри асал, махсусан, аз ҷиҳати физиологӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Масалан, тағйирёбии ҳарорати дохили қуттӣ ба рафти инкишофёбии занбӯрҳои болиғи корӣ, модарзанбӯр ва нарзанбӯрҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар вобастаги аз ҳарорат инкишофёбии марҳилаҳо аз тухм то ба занбӯри болиғ расиданро ҳам, мушоҳида намудан мумкин аст.

Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки бо ҳисоби миёна давомнокии инкишофёбӣ аз марҳилаи тухм то ба кирмина, дар ҳарорати +38°С 70 соат, яъне тақрибан 3 рӯз ва дар 30°С 115 соат, тақрибан 5 рӯзро дар бар мегирад. Инчунин, дар ҳарорати +36°С, 92%, дар +30°С, 85% ва дар + 29°С танҳо 5% тухми боровардаи модарзанбӯр, ба ҳолати кирмина мубаддал мегарданд [3].

Муҳаққиқ М.А. Проскуряков [11], дар таҳқиқотҳои илмии худ қайд менамояд, ки маҳсулнокии растаниҳои шаҳддиҳанда аз ҳарорати ҳаво, сатҳи рӯшноӣ, намнокӣ ва таркиби хок вобастагӣ доранд. Ин гуфтаҳоро бевосита дар табиат пай бурдан мумкин аст. Масалан, ҳангоми шукуфтани гулҳо шамоли хушк ва ё шамоли хунук вазида борон борад, ин ҳолат ба тамоми шаҳддиҳандаҳои занбӯр таъсири манфӣ мерасонад, зеро раванди шаҳдҷудокунӣ якчанд рӯз дер сурат мегирад.

Намнокии ҳаво. Занбӯри асал ҳашароте мебошад, ки монанди дигар организмҳои зинда танҳо дар ҳолати иқлими мувофиқ рушд менамояд. Барои рушди ин ҳашароти фоидаовар дар баробари ҳарорат, намнокии ҳаво ҳам таъсиррасон аст. Дар раванди ташаккулёбии фаъолияти ҳаёти оилаи занбӯр, намии нисбии ҳаво аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад, ки дар байни онҳо намнокии беруна, намнокии маводи ғизоӣ, миқдори занбӯр ва ғайра ҳамчун омилҳои асосӣ ҳисобида мешаванд. Намнокии зиёд дар зери таъсири ҳарорати баланд метавонад занбӯри асалро аз овардани ғизои зарурӣ ва истеъмоли он маҳрум созад.

Сабабҳои асосии намнокӣ аз ҳисоби бухоршавии об ва омилҳои физикию биотехникӣ вобаста мебошанд. Махсусан, дар мавсими тобистон сатҳи намнокии ҳаво аз 25 то 100 %-ро ташкил медиҳад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки тағйирёбии ҳаррӯзаи ҳарорат боиси нобаробарии он дар дохили қуттии занбӯр мегардад, ки ин ҳолат боиси номунтазам рушд ёфтани оилаҳо мешавад. Мувофиқи таҳқиқотҳои

илмӣ, барои занбӯри асал намнокии оптималии дохили қуттӣ, барои мавсими зимистон 80-85% муайян карда шудааст [1].

Дар ҳолати намнокии зиёди ҳаво таркиби асал ғафс шуда, намии зиёдатӣ аз он берун мебарояд. Аз сабаби он ки, занбӯри асал низ мисли дигар организмҳои зинда ба об ниёз дорад, дар сурати нокифоя будани намии ҳаво ба истеъмоли асал шӯруъ мекунанд ва ин раванд боиси бемориаш мегардад.

Занбӯрпарварони ҳирфаӣ ҳолати ташнагии занбӯрро тез дарк мекунанд, чунки дар ҳолати ташнагӣ аз дохили қуттӣ садои баланд баромада, як гурӯҳи занбӯрҳо аз қуттӣ хазида ба берун мебароянд.

Шамол. Яке аз омилҳои дигари таъсиррасон ба оилаи занбӯри асал шамол ба ҳисоб меравад. Ҳангоми вазиши шамол имконияти парвози занбӯр маҳдуд мешавад. Яке аз омилҳои хеле муҳим барои рушди оилаи занбӯри асал ин раванди тухмгузории модарзанбӯр мебошад. Дар ҳолати ҳавои номусоид ва вазиши шамол модарзанбӯр барои ҷуфтшавӣ ба берун баромада наметавонад, ки ин ҳолат боиси афзоишёбии тухми нарзанбӯрҳо дар оила мегардад. Зеро, агар ҷуфтшавӣ сурат нагирад, тухмҳои боровардаи модарзанбӯр ҳама нарзанбӯр мешаванд.

Раванди ҷуфтшавии модарзанбӯр дар ҳолате сурат мегирад, ки суръати вазиши шамол на бештар аз 18 км/соат (5 м/с) бошад [3].

Дар маҷмуъ, таъсири шамол ба оилаи занбӯри асалро, ки бо роҳҳои гуногун пайдо мешавад, якчандҷониба баҳодиҳӣ намудан мумкин аст. Аз як тараф омили манфӣ, ки ба парвози занбӯр монеа эҷод мекунад, аз тарафи дигар бошад, омили мусбат, ки бо вазиши шамол дар ҳавои гарм занбӯрҳо аз растаниҳои шаҳддиҳанда огоҳ мешавад, зеро шамол бӯйи растании шаҳддиҳандаро ба занбӯрҳо меорад. Агар шамол сахт бошад, ба нашъунамои шаҳддиҳандаҳои занбӯр таъсири манфӣ расонида, боиси кам гардидани ҳосилнокии асал мешавад.

Об дар табиат маъмултарин пайвастагӣ ба ҳисоб рафта, бидуни он ҳаётро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Занбӯри асал ҳам монанди дигар мавҷудоти зинда ба об эҳтиёҷи зиёд дорад. Занбӯр дар тамоми мавсими сол ба об ниёз дошта, истеъмоли зиёди он ба фасли баҳор рост меояд. Ин фасли сол мавсиме мебошад, ки дар оилаҳои занбӯр популятсияи наслҳо зиёд мешавад. Аз ин лиҳоз, барои ғизодиҳии кирминаҳои рушдёбанда таъминоти об дар оила масъалаи аввалиндараҷа ҳисобида мешавад.

Раванди ғизодиҳии кирминаҳо ба ҳисоби миёна шаш рӯз давом мекунад. Аз ин ҳисоб, тақрибан барои 1000 сар кирмина, дар як шабонарӯз 5,5 грамм об лозим мешавад. Агар раванди тухмгузории ҳаррӯзаи модарзанбӯр тақрибан 1200-1600 дона тухмро дар бар гирад, пас занбӯрҳоро зарур аст ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз 7200-9600 тухм ва кирминаро бо 40-50 грамм об таъмин намоянд [2].

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки занбӯри асал нисбат аз оби ширин ба оби шӯр ниёзи бештар дорад. Масалан, агар дар фасли баҳор дар ду зарфи якхела, дар дохили яке оби ширин ва дар дохили дигар оби шӯр ҷойгир намоем, пас бо осонӣ дидан мумкин аст, ки ба ҳисоби миёна зиёда аз 50% занбӯрҳо оби шӯрро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Гуфтаҳои болоӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки занбӯрҳо нисбат аз оби ширин ба оби шӯр эҳтиёҷи бештар доранд. Дар раванди парвариши занбӯр барои рушдёбии оилаҳоро тезонидан дар оби борон ё дарё, ки консентратсияи намакашон паст аст,

бояд 7гр намаки ошӣ дар 1 литр об илова намоем. Агар об аз чоҳ бошад, 5гр намак дар як литр об ҳамроҳ намудан лозим аст [2].

Боришот. Боришоти борону жола ва таъсири мусбату манфии онро ба оилаи занбӯри асал бевосита мушоҳида намудан мумкин аст. Таъсири манфии боришот дар он аст, ки ҳангоми боришоти давомнок имконияти парвози занбӯрҳо маҳдуд мешавад, ки ин ҳолат ба норасоии маводи ғизоӣ дар оила боис мегардад. Боридани жола бошад, ба бисёр растанӣ ва буттаҳои шаҳддиҳандае, ки дар ҳолати гулкунианд, таъсири манфӣ мерасонад. Ин ҳолат норасоии шаҳдро ба вуҷуд меорад, ки барои рушди оилаи занбӯр таъсири ҷиддӣ мерасонад. Зарари аз ҳама калон дар фасли тобистон, дар натиҷаи жолаи сахт ба амал меояд. Он гурӯҳи занбӯрҳои корие, ки барои ҷамъоварии шаҳд аз қуттӣ берун мондаанд, аз зарбаи жолаи сахт қисман мефавтанд.

Бояд гуфт, ки таъсири мусбати боронҳои кӯтоҳмудатро ҳам мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, пас аз хокбориши тӯлонӣ имконияти ҷамъоварии шаҳд мушкил мешавад. Боронҳои кӯтоҳмуддат метавонанд тамоми растаниҳоро аз чангу хок пок намоянд, ки ин раванд шаҳдҷамъоварии занбӯрҳоро осон мегардонад.

Омилҳои антропогенӣ. Таъсири инсон ба олами набототу ҳайвонот дар ҳамаи самтҳо амалӣ карда мешавад. Инсон ва чораҷӯйиҳои он боиси паҳншавӣ ва нашъунамои олами наботот ва мавҷудоти зиндаи табиат гардидааст.

Дар раванди рушдёбӣ ва парвариши самараноки занбӯри асал таъсири инсон ниҳоят зиёд аст. Масалан, татбиқи усулҳои сунъии бордоркунӣ, дорудармонӣ, таъсир ба манбаи ғизоӣ ва ғайра. Аз сабаби он ки, дар оилаи занбӯри асал зуд-зуд тағйиротҳои ғайричашмдошт рӯх медиҳад, инсон барои бартарафсозии мушкилотҳои бавуҷудомада тадбирҳои мушаххасеро андешида метавонад.

Маҳз робитаи ҳамаҷонибаи байни инсон ва занбӯри асал боиси хеле зиёд рушд намудани ин ҳашароти фоидаовар гардидааст. Роҳҳои гуногуни зиёд намудани оилаҳои занбӯри асал мавҷуд мебошанд. Барои афзоиш додани оилаҳои занбӯр пеш аз ҳама бо таври зарурӣ парвариши зироатҳои шаҳддиҳандаро ба роҳ мондан лозим аст. Инчунин, бо таври мавсимӣ оилаҳои занбӯрро аз як минтақа ба минтақаи дигар кӯчонидан манфиатовар мебошад. Масалан, аз минтақаҳое, ки аллакай мавсими шаҳдҷудокунии растаниҳо ба охир расидааст ба минтақаҳои дигаре, ки дар он ин раванд нав оғоз меёбад (аз минтақаҳои ҳамвор ба доманакӯҳҳо).

Таъминоти ғизоӣ. Манбаи ғизоӣ барои тамоми мавҷудоти зинда нақши муҳим бозида, барои ташаккулёбии организмҳо нақши аввалиндараҷаро мебозад. Занбӯри асал ҳамчун дигар мавҷудоти зиндаи табиат ба ғизо эҳтиёҷ дошта, ғизои он бо роҳҳои махсус ба шароити дохили оила мутобиқ карда мешавад. Занбӯр асосан гарди гул ва шаҳдро истеъмол мекунад. Ин ҳашарот, гарди гулро бо асал ҳамроҳ намуда, барои давраи зимистонгузаронӣ ҳамчун манбаи ғизоӣ захира мекунад.

Аз ҷониби инсон ҳам бо якчанд усулҳо манбаи ғизоии занбӯрро таъмин намудан мумкин аст. Масалан, агар норасоии манбаи ғизоӣ эҳсос шавад, ба оилаҳои занбӯр шарбати шакарро ба сифати ғизо таъмин намудан мумкин аст.

Барои тайёр намудани шарбат аз шакар, 1 кг шакарро дар 1 литр оби ҷӯшон омехта намудан лозим аст. Бисёр занбӯрпарварон шарбатро бо таносуби 1,5 кг ва ё 2 кг шакар дар 1 литр об маҳлул намуда, ҳамчун манбаи ғизоӣ истифода мебаранд [7].

Ҳангоми норасоии ғизо худи асал низ ҳамчун манбаи ғизоӣ истифода мешавад. Асал яке аз ғизоҳои карбогидратдор ва сермаҳсул буда, ба занбӯрпарварон тавсия дода мешавад, ки барои зимистонгузаронии оилаҳо миқдори кофии онро захира намоянд.

Бемориҳо ва роҳҳои пешгирии онҳо. Яке аз омилҳои асосие, ки монеаи рушди оилаҳои занбӯри асал гардидааст, ин бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятии занбӯр мебошанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳама вақт оилаҳои солими занбӯр нисбат ба оилаҳои бемор маҳсулнокии бештар доранд. Бемориҳо ба хоҷагиҳои занбурпарварӣ зарари калон мерасонад. Бемориҳои занбӯри асалро ба садҳо намуд ҷудо мешаванд. Ҳамаи бемориҳоро дар намуди умумӣ таснифбандӣ намудан мумкин аст. Барои пешгирӣ намудани бемориҳои занбӯр чунин тадбирҳоро бояд андешид:

1. Андешидани чораҳои дизинфексионии давомнок ва тадбирҳои солимгардонӣ;
2. Оилаҳои сироятшуда ба пуррагӣ нест карда шаванд ва ба ҷойи онҳо занбӯри нав ворид карда шавад. Инчунин, бояд дар дохили қуттӣ ягон манбаи сироятӣ намонад;
3. Раванди солимгардонӣ, яъне табобат бояд дар ҳафтаҳои аввали мавсими баҳор анҷом дода шавад;
4. Ғайр аз табобат, бояд роҳҳои безараргардонӣ гузаронда шаванд. Масалан, бо роҳи сӯзондан, дезинфексиия намудан ва ғайра;
5. Оилаҳои пуркувватро нигоҳ дошта, оилаҳои заифро нест намудан;
6. Ҳар сол на камтар аз 50%-и модарзанбӯрро иваз намудан ва ғайра [8].

Тамоми он тадбирҳое, ки ҷиҳати пешгирии оилаҳои занбӯри асал аз бемориҳо дар боло оварда шудаанд, барои пешгирии ҳамаи намуди бемориҳо фоидаовар мебошанд. Ҳол он ки ҳар як бемории занбӯр ба худ роҳҳои махсуси безараргардонӣ ва табобатро дорад. Мо танҳо ҳолатҳои умумиро барои ҳамаи намуди бемориҳо, дар намуди мушаххас пешниҳод намудаем.

Омилҳои заҳролудшавӣ. Ҳангоми дар табиат истифода намудани маводҳои кимиёвӣ барои безараргардонии ҳашаротҳои зараррасон таъсири ин маводоҳои кимиёвӣ ба оилаҳои занбӯри асал хеле хатарнок мегардад. Зеро, тамоми он растаниҳое, ки заҳролуд шудаанд, ҳамчун манбаи ғизоии занбӯр ба ҳисоб мераванд.

Омилҳои заҳролудшавиро асосан омилҳои пеститсидӣ ҳам мегӯянд. Пеститсидҳо гуфта, моддаҳои заҳролудшуда дар назар дошта шудаанд, ки барои безараргардонии табиат аз ҳашаротҳои зараррасон ва дигар микроорганизмҳо, ба монанди паразитҳо истифода мешаванд.

Омилҳои асосии заҳрноки пеститсидҳо барои занбӯри асал инҳоянд:

- ✓ хосияти физикӣ-кимиёвӣ;
- ✓ роҳҳои воридшавии маводи заҳролуд ба бадани занбӯр;
- ✓ иртиботи мутақобилаи занбӯр бо дигар ҳашаротҳо;
- ✓ якҷоя истифода намудан аз як манбаи ғизоӣ (аз як растанӣ шаҳд гирифтани занбӯри заҳролудшуда бо занбӯри солим);
- ✓ ҳолатҳои физиологӣ [10].

Омилҳои зикршуда сабабгори нестшавии занбӯрҳои асал гаштаанд. Аз ин лиҳоз, ба хоҷагиҳои занбӯрпарвар тавсия дода мешавад, ки ҳангоми ба дарахтон ва

дигар зироатҳои хоҷагидорӣ гузаронидани корҳои дизинфексионӣ ҷиҳати нестсозии ҳашаротҳои зарраррасон ба муддати як ё ду рӯз роҳҳои қуттиро, ки занбӯр тавассути он ба берун мебарояд, маҳкам намоянд.

Бояд қайд намуд, ки хавф барои занбӯри асал аз растаниҳои заҳролудшуда давомнокии 1-3 ва ё 3-4 рӯзаро дорад. Инчунин, ёдовар шудан бамаврид аст, ки баъзе растаниҳои кишоварзӣ ба монанди офтобпараст, растаниҳои лӯбиёгӣ ва ғайра, ҳангоми заҳролуд шуданашон, дар тамоми давраи гулкунӣ барои занбӯри асал хатарнок шуда метавонанд [10].

Дар раванди таҳқиқотҳои илмии худ Осинтсева Л.А. [10], миқдори маводҳои заҳрнокро дар бадани занбӯри асал, ки тавассути лаборатория муайян шудаанд, пешниҳод намудааст. Муҳаққиқ чунин қайд менамояд, ки ҳангоми заҳролудшавии руда ва даҳон дору мутаносибан бо арзиши LD_{50} (SD_{50}), мкг дар як занбӯри асал муайян мешавад. Дар ин ҷо LD (SD) - миқдори вояи заҳронок мебошанд, ки боиси марги занбӯр мегардад [10].

Вояҳои заҳролудро барои ҳар як фарди оилаи занбӯри асал муайян намудан ғайриимкон аст. Онҳоро танҳо бо ҳисоби миёна арзёбӣ мекунанд.

Барои муайянсозии марги занбӯри асал аз ҳисоби заҳролудшавӣ, зарурати санҷиши озмоишии лабораторӣ пеш меояд. Барои дар намуди умумӣ муайян намудани марги занбӯр, вариантҳои назоратӣ ва таҷрибавиро бо воситаи формулаи Аббота ҳисоб намудан мумкин аст, ки намуди зеринро дорад:

$$S = \frac{A_0 + A_k}{100 - A_k} * 100,$$

дар ин ҷо: S – марги занбӯрҳо дар ҳолати таҷрибавӣ, A_0 – марги занбӯр зери таъсири маводи кимиёвӣ, A_k – марги занбӯри дар ҳолати назоратӣ [16].


Барои муайянсозӣ ва баҳодиҳии ҳолатҳои марги занбӯри асал зери таъсири маводҳои кимиёвии заҳролудшуда, ғайр аз формулаи Аббота садҳо метод ва усулҳои гуногуни математикӣ ва компютериро истифода намудан мумкин аст, ки дар оянда оид ба онҳо бо таври муфассал маълумот медиҳем.

Барои пешгирӣ намудани фавти занбӯри асал аз раванди заҳролудшавӣ, бояд боғбонҳо, хоҷагиҳои зироатпарвар ва хоҷагиҳои занбӯрпарварӣ дар якҷоягӣ чораҳои қатъии зеринро андешанд:

1. Боғбонҳо ва хоҷагиҳои зироатпарвар, пеш аз гузаронидани корҳои дизинфексионӣ ҷиҳати безараргардонии ҳашаротҳои зарраррасон, занбӯрпарваронро огоҳ намоянд;
2. Муҳлати таъсиррасонии маводҳои қимиёвии истифодашаванда бояд муайян карда шавад, то хоҷагиҳои занбӯрпарвар чораҳои дахлдорро дар муҳлатҳои пешбинишуда андешанд. Масалан, ба ҷойҳои бехавф кӯч додани оилаҳо ё маҳкам намудани роҳҳои баромад то муҳлати муайяншуда.

Дар сурати андешидани чораҳои мазкур, имконияти зиндамонӣ ва дар оянда рушд додани оилаҳои занбӯри асал пайдо мегардад.

Тамоми омилҳои биотикӣ, абиотикӣ ва онтропогении таъсиррасон ба оилаи занбӯри асалро дар маҷмӯъ тавассути болок-нақшаи расми 1 пешниҳод менамоем.



Расми 1. Омилҳои таъсиррасон ба оилаи занбӯри асал

Хулоса. Дар раванди таҳқиқотҳои илмии қаблӣ [5,6,12-14] барои баҳодиҳӣ ва таҳқиқи динамикаи оилаи занбӯри асал, аз марҳилаи тухм то ба занбӯри болиғ табдил ёфтан, амсилаҳои консептуалӣ, математикӣ ва компютерӣ таҳия намуда шуд.

Аз сабаби он ки омилҳои таъсиррасони биотикӣ, абиотикӣ ва антропогенӣ дар раванди рушди оилаҳои занбӯр нақши муҳимро мебозанд, дар ин таҳқиқот зарурати омӯзиши онҳо пеш омадааст. Дар ҳолати ба амсилаҳои математикӣ ва компютерӣ ворид намудани омилҳои мазкур раванди омӯзиши динамикаи оилаи занбӯри асал ва дурнамои рушди онро баҳо додан имконпазир мегардад.

АДАБИЁТ

1. Влажность воздуха в жизни пчёл [Электронный ресурс] http://apiary.su/biologiya-pchelinoj-semi/vlazhnost-vozduha-v-zhizni-pchyol (Дата обращение: 01.11.22).
2. Вода и пчелы [Электронный ресурс] https://beejournal.ru/razvedenie-i-soderzhanie-lubitel/4185-voda-i-pchely (Дата обращение: 01.11.22).
3. Воробьева, С.Л. Характеристика экологических факторов, влияющих на жизнедеятельность пчелиных семей в природно-климатических условиях среднего предуралья: дисс... докт... сельск. Наук / С.Л.Воробьева. – Ижевск, 2015.
4. Значение биотических факторов для медоносной пчелы [Захираи электронӣ] https://beejournal.ru/biologiya-pchelinoj-semi/652-znachenie-bioticheskikh-faktorov-dlya-medonosnoj-pchely (Дата обращение: 31.10.22).
5. Комилиён Ф. С. Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёти популятсияи оилаи занбӯри асал/ Ф.С. Комилиён, И.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. – №2-1 (96). – С. 17-21.
6. Комилиён, Ф. С. Таҳлили математикии амсилаи марҳилаҳои ҳаёти оилаи занбӯри асал аз рӯйи хусусиятҳои ҷинсӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, И.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои таббӣ. – 2022. – № 3. – С. 99-104.
7. Кормление пчел. Виды кормов и способы их приготовления. [Электронный ресурс] https://studfile.net/preview/6018833/page:6 (Санаи муроҷиат: 01.11.22).
8. Лечение и профилактика болезней пчёл [Электронный ресурс] https://studfile.net/preview/6331186/page:51 (Дата обращение: 01.11.22).

9. Нужнова, О.К. Влияние климатических факторов на активность лета Pieris Napi (Lepidoptera, Pieridae) / О.К. Нужнова // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. –2009. – № 3. – С. 35-40.
10. Осинцева, Л.А. Экология медоносной пчелы, Apis mellifera L. (влияние пестицидов и других антропогенных факторов) / Л.А.Осинцева // Учеб. Пособие. – Новосибирск, 2000. – 42с.
11. Проскуряков, М.А. Мониторинг медоносной базы и изменения климата / М.А. Проскуряков // Пчеловодство. – 2007. – № 4. – С. 19-21.
12. Саидзода, И. М. Компьютерное моделирование популяции медоносной пчелиной семьи методом Рунге-Кутта / И.М. Саидзода, Ф.С. Комилиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2022. – № 2. – С. 26-42. – EDN QFYLAI.
13. Саидзода, И.М. Амсиласозии математикии популятсияи оилаи занбӯри асал / И.М.Саидзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 2(41). – С. 215-220.
14. Саидов, И. Тадқиқи компютерии динамикаи популятсияи занбӯри асал / И. Саидов, М.Ёров, А. Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши илмҳои физика ва метематика. №1-2(9-10). –Душанбе, 2021. -С. 81-85. ISSN 2707-9996.
15. Строгов В.В. Фармако-токсикологические свойства минеральной подкормки дафс-25 и ее применение в пчеловодстве: автореф. дисс …канд. биол. наук / В.В.Строгов. – Краснодар, 2012.
16. Эффективность защиты растений [Электронный ресурс] https://po-teme.com.ua/rastenievosdstvo/stati-po-rastenievodcheskim-temam/1919-effektivnost-zashchity-rastenij.html (Дата обращение: 02.11.22).

ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ АНТРОПОГЕНӢ, БИОТИКӢ ВА АБИОТИКӢ БА ЗАНБӮРИ АСАЛ

Дар мақолаи мазкур омилҳои муҳимтарини таъсиррасони оилаи занбӯри асал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқотҳои пешин хусусиятҳои ҷинсӣ ва марҳилаҳои ҳаётии оилаи занбӯри асал мавриди амсиласозии математикӣ ва компютерӣ қарор дода шуд. Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки омилҳои таъсиррасони биотикӣ, абиотикӣ ва онтропогенӣ ба оилаи занбӯри асал ҷой доранд. Таъсиррасониҳои инсонро ба системаҳои экологӣ дар якчанд марҳилаҳо баррасӣ намудан мумкин аст. Инсон метавонад ба оилаи занбӯри асал, таъсири худро дар тамоми мавсими сол расонад. Масалан, дар раванди дорудармонӣ ва зимистонгузаронӣ. Дар ҷомеаи муосири имрӯза таъсиррасониҳои антропогенӣ ба муҳити зист хеле зиёд аст. Таҷрибаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки бе таъсири инсон соҳаи занбӯрпарвариро рушд додан ғайриимкон аст. Яке аз омилҳои муҳиме, ки бояд инсон ба оилаи занбӯр таъсир расонад, ин пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ аст. Агар бо таври фаврӣ ҳолати паҳншавии бемориҳоро пешгирӣ нанамоем, саршумори занбӯри асал кам шуда, рӯ ба нестӣ меорад. Аз сабаби он, ки омилҳои таъсиррасони биотикӣ, абиотикӣ ва антропогенӣ дар раванди рушди оилаҳои занбӯр нақши муҳимро мебозанд, дар ин таҳқиқот зарурати омӯзиши онҳо пеш омадааст. Дар ҳолати ба амсилаҳои математикӣ ва компютерӣ ворид намудани омилҳои мазкур раванди омӯзиши динамикаи оилаи занбӯри асал ва дурнамои рушди онро баҳо додан имконпазир мегардад.

Калидвожаҳо: омилҳои биотикӣ, антропогенӣ, омилҳои абиотикӣ, система, маҳсулнокӣ, занбӯр, организм, манбаи ғизоӣ, динамика, таъсиррасонӣ, гурӯҳ, зироат, заҳролудшавӣ.

ВЛИЯНИЕ АНТРОПОГЕННЫХ, БИОТИЧЕСКИХ И АБИОТИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ НА ПЧЕЛ

В данной статье исследованы важнейшие влияющие факторы пчелиной семьи. В предыдущих исследованниях разработаны математические и компьютерные модели с учетом половых признаков и этапы жизни пчелиной семьи. Исследование показывает, что на пчелиную семью влияют биотические, абиотические и антропогенные факторы. Воздействие человека на экологические системы можно рассматривать в несколько этапов. Человек может воздействовать на пчелиную семью в течение всего года, например, в процессе лечения и зимнего периода. В современном обществе наблюдается множество антропогенных воздействий на окружающую среду. Опыт последних год показывает, что развитие пчеловодческой отрасли невозможно без влияния человека. Одним из важных факторов, который человек должен воздействовать на пчелиную семью, является профилактика инфекционных заболеваний. Если мы немедленно не предотвратим распространение болезней, популяция пчел уменьшится, и им грозит исчезновение. В связи с тем, что биотические, абиотические и антропогенные воздействующие факторы играют важную роль в процессе развития пчелиных семей, в данном исследовании необходимо их изучение. В случае введения этих факторов в математические и компьютерные модели появляется возможность оценить процесс изучения динамики пчелиной семьи и перспективы его развития.

Ключевые слова: биотические факторы, антропогенные, абиотические факторы, система, продуктивность, пчела, организм, источник питания, динамика, влияние, группа, урожай, токсичность.

INFLUENCE OF ANTHROPOGENIC, BIOTIC AND ABIOTIC FACTORS ON BEES

This article explores the most important influencing factors of the bee colony. In the previous studies, mathematical and computer models have been developed, taking into account sexual characteristics and life stages of a bee colony. The study shows that biotic, abiotic and anthropogenic factors influence the bee colony. Human impact on ecological systems can be considered in several stages. A person can influence a bee colony throughout the year, for example, during treatment and during the winter period. In modern society, there are many anthropogenic impacts on the environment. The experience of recent years shows that the development of the beekeeping industry is impossible without human influence. One of the important factors that a person should influence on a bee colony is the prevention of infectious diseases. If we do not immediately prevent the spread of disease, the bee population will decrease and they are in danger of extinction. Due to the fact that biotic, abiotic and anthropogenic influencing factors play an important role in the development of bee colonies, it is necessary to study them in this study. In the case of introducing these factors into mathematical and computer models, it becomes possible to evaluate the process of studying the dynamics of a bee colony and the prospect of its development.

Key words: biotic factors, anthropogenic, abiotic factors, system, productivity, bee, organism, food source, dynamics, influence, group, yield, toxicity.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Саидзода Исроил Маҳмад*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи информатика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 904485555**, E-mail**: isroil-84@list.ru.**
Солиҳзода Диловари Имомалӣ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи информатика. . **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: **(+992) 900242293**, E-mail: **dilo1991dil@mail.ru.**

Сведения об авторах: ***Саидзода Исроил Махмад*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат технических наук., доцент кафедры информатики. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, городДушанбе, проспект Рудаки 17. Телефон**: 904485555**, E-mail: **isroil-84@list.ru.**
Солихзода Диловари Имомалӣ **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры информатики. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, городДушанбе, проспект Рудаки 17. Телефон : **(+992) 900242293**, E-mail: **dilo1991dil@mail.ru.**

Information about the authors: Saidzoda Isroil Mahmad - Tajik National University, Candidate of Technical Sciences., Associate Professor of the Department of Informatics. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **904485555,** E-mail: **isroil-84@list.ru.**
Solihzoda Dilovari Imomali - Tajik National University, assistant of the Department of Informatics. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 900242293,** E-mail: **dilo1991dil@mail.ru.**.

УДК: 581.19+547:541

МУАЙЯН НАМУДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ФИЗИКИИ РАВҒАНҲОИ ГЛИСЕРИДӢ

Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Иброгимов Ф.Д., Назаров Ф.Х.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

Барои таҳлили сифати миқдори равғанҳо, пеш аз ҳама нишондиҳандаи физикию химиявии онҳоро муайян намудан зарур мебошад. Ин нишондиҳандаро ба инобат гирифта, як зумра собитаҳои физикии равғани таҳқиқшавандаро аз қабили зичӣ, нишондиҳандаи шикасти рӯшноӣ, ҳарорати лахтбандӣ ва ҳарорати гудозиши онҳо муайян карда шуд.

Зичӣ, яке аз хосиятҳои физикие мебошад, ки он нисбати масса ба ҳаҷми моддаи таҳлилшаванда муайян карда мешавад.

Дар раванди таҳлил ва омӯзиши равғанҳо асосан аз ду усули муайян намудани зичӣ истифода менамоянд. Яке аз усулҳои муайян намудани зичи ин истифодабарӣ аз асбоби ариометр мебошад. Дар ин усули таҳлил асосан аз ариометрҳое истифода менамоянд, ки нишондиҳандаҳои зичии он 0,7 то ба 1см^3 баробар мебошад.

Барои иҷрои ин амал равғани таҳлилшаванда дар силиндри ғунҷоиши ҳаҷмаш 250мл-а ҷойгир карда мешавад ва сипас ба дохили равған ариометрро ғӯтонида аз рӯйи ченаки он зичии он муайян карда мешавад [1].

Дар муайян намудани зичии липидҳои таҳқиқшаванда мо аз пикнометрҳо истифода намудем. Барои гузаронидани ин таҳлил пикнометрҳои ғунҷоиши ҳаҷмиашон 2см^3-ро интихоб намуда, бо истифода аз сӯзандору (шпритс), равғанро то ченаки ҳаҷмии пикнометр баробар намудем. Пикнометри равғандошта дар оби ҳарорати 20^{o}C муддати 15-20 дақиқа нигоҳ дошта шуд.

Чуноне, ки маълум аст равғанҳо чун аксари дигар моддаҳои моеъ аз таъсири ҳарорат метавонанд ҳаҷмашонро тағйир диҳанд.

Баъд аз муайян намудани ҳаҷми равғани таҳлилшаванда массаи онро бо истифода аз тарозуи аналитикӣ муайян намудем.

Зичии равғанҳои таҳлилшударо бо истифода аз формулаи зерин муайян намудем.

$$[\rho]^{20} = \frac{(G - G_0) + 0.0012}{V}$$

Дар формула

$[\varrho]^{20}$ – зичии равған дар ҳарорати 20^{o}C, (г/см^3);

G – массаи равған бо пикнометр, (г);

G_o – массаи пикнометри холӣ, (г);

V – ғунҷоиши ҳаҷмии пикнометри истифодашуда см^3;

0,0012 – фактори ба инобатгирандаи массаи ҳавои дохили пикнометр.

Натиҷаҳои бадастовардашуда оид ба зичии липидҳои таҳлилшаванда дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст;

Барои муайян намудани нишондиҳандаи шикасти рӯшноӣ аз асбоби рефрактометри типи РФ-56М истифода намудем. Натиҷаҳои ин таҳлил низ дар ҷадвали 1 баррасӣ гардидааст.

Яке аз хосиятҳои физикии дигаре, ки ба липидҳо ва равғанҳо хос аст, ин ҳарорати гудозиш ва лахтбандии онҳо мебошад.

Ҳарорати гудозиш собитаи физикие мебошад, ки дар як ҳарорати муайян гузаштани моддаро аз ҳолати сахт ба ҳолати моеъ нишон медиҳад. Ҳарорати лахтбандии равғанҳо бошад, ҳолати баръакси ҳарорати гудозишро нишон медиҳад [3, с.5].

Аксари равғанҳо дар ҳарорати хонагӣ моддаҳои моеъ мебошанд. Намунаи равғанҳои таҳлилшуда аз қабили намунаи равғани пахта, равғани АТМ, равғани AVB, ва равғани ВР рағанҳое мебошанд, ки дар ҳарорати хонагӣ ҳолати агрегатии моеъро доранд. Аз ҳамин лиҳоз, барои муайян намудани ҳарорати гудозиши ин номгӯйи равғанҳо онҳоро дар колбачаҳои махсус гирифта, бо истифода аз яхдон дар ҳарорати (+3) - (+1)^{o}C муддати 3-4 соат хунук намудем. Дар чунин шароит нигоҳ доштани онҳо боиси ба ҳолати сахт табдил ёфтани онҳо гардид. Сипас, бо истифода аз термометр қисми болоии шарики термометрро бо ин равған рӯйпуш намудем. Шарики термометрро ба электроплитка наздик намуда, онро оҳиста – оҳиста гарм намудем.

Ҳангоми гармкунӣ бо танзим нишонаҳои баландшавии ҳарорат дар ҳароратсанҷ мушоҳида карда шуд. Ҳангоми гудохташавии қисми поёнии равған дар шарики термометр ҷойгиршуда лағжиш хурда ҷудо гардид. Дар ин лаҳза ҷаҳиши ҳароратро дар ҳароратсанҷ мушоҳида намудем. Аз рӯйи ин ҷаҳиш ҳарорати гудозиши равғанҳои таҳқиқшаванда муайян карда шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 1-4 пешниҳод карда шудааст.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои физикии равғани тухми ARCTIUM TOMENTOSUM MILL

Намунаҳои равған	Нишондиҳандаҳои физикӣ			
	Зичӣ (г/см^3)	$[n]^{20}$	t. гуд. ^{o}C	t. лахт. ^{o}C
Равғани АТМ (экстрагент хлороформ)	0,785	1,1845	9-11	6-8
Равғани АТМ (экстрагент этилатсетат)	0,790	1,4842	9-11	6-8
Равғани АТМ (экстрагент гексан)	0,823	1,4843	12-13	9-11
Равғани АТМ (экстрагент гептан)	0,830	1,4843	12-13	9-11
Равғани АТМ (экстрагент эфири диэтил)	0,865	1,4840	13-14	10-12
Равғани АТМ (фазаи пеш аз пухтарасии тухм, экстрагент хлороформ)	0,72	1,4775	7-9	5-7
Равғани АТМ (фазаи тухмбандӣ, экстрагент хлороформ)	-	1,4686	28-32	24-27
Равғани АТМ (фазаи пас аз пурра пухтарасии тухм равған бо усули ҷаббиш ҳосилкардашуда)	0,930	1,4800	14-16	11-13

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои физикии равғани тухми пахта бо усули ҷаббиш ва экстраксия (экстрагент хлороформ) ҳосилкардашуда

Намунаҳои равған	Нишондиҳандаҳои физикӣ			
	Зичӣ (г/см^3)	$[n]^{20}$	t. гуд. ^oC	t. лахт. ^oC
Равғани ядрои тухми пахтаи навъи Меҳргон	0,887	1,4842	6-8	3-5
Равғани ядрои тухми пахтаи навъи Ҳисор	0,885	1,4840	7-9	4-6
Равғани ядрои тухми пахтаи навъи 65/30	0,840	1,4846	7-9	4-6
Равғани ядрои тухми пахтаи навъи L – 53	0,890	1,4852	6-8	3-5
Равғани ядрои тухми пахтаи навъи L – 15	0,870	1,4849	7-9	4-6
Равғани тухми чигити пахтаи бо усули ҷаббиш (пресс) ҳосилкардашуда	0,925	1,4850	5-7	3-5

Ҷадвали 3. Собитаҳои физикии равғани AMPELOPSIS VITIFOLIA (BOISS) бо усули экстраксия ва ҷаббиш ҷудокардашуда

Намунаҳои равған	Нишондиҳандаҳои физикӣ			
	Зичӣ (г/см^3)	$[n]^{20}$	t. гуд. ^oC	t. лахт. ^oC
Равғани AVB бо экстраксияи хлороформ ҳосилкардашуда	0,870	1,4747	13-15	10-12
Равғани AVB бо усули экстраксияи гексан ҳосилкардашуда	0,863	1,4745	14-16	11-13
Равғани AVB бо усули экстраксия ҳосилкардашуда, экстрагент CH_3CI:CH_3-OH (1:1)	0,960	1,4742	12-14	9-11
Равғани AVB бо усули экстраксияи C_2H_5-O-C_2H_5 ҳосилкардашуда	0,905	1,4740	15-17	11-13
Равғани AVB бо усули ҷаббиш ҳосилкардашуда	0,933	1,4735	9-11	7-10

Аз натиҷаҳои хосияти физикии равғанҳои таҳлилшуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки таркиби химиявии липидҳои навъҳои таҳлилкардашуда аз якдигар фарқ менамоянд.

Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳои дар ҷадвали 1 дарҷгардида аён аст, зичии намунаҳои равғани АТМ ба 0,72-0,93г баробар мебошад. Фарқияти зичӣ дар байни намунаҳои таҳлилшаванда хело назаррас мебошад (ҷадвалҳои 1-4).

Таҳлилҳо дар ҷодаи омӯзиши динамикаи равғанҳосилшавӣ дар тухми растаниҳо нишон дод, ки дар раванди биохимиявии ҳосилшавии равған аввал моддаҳое ҳосил мегарданд, ки зичии онҳо аз зичии триглисеридҳое, ки асоси равғанҳоро ташкил медиҳанд камтар аст. Сипас, ин компонентҳо тавассути реаксияҳои биохимиявӣ ба пайвастагиҳое табдил меёбанд, ки зичиашон нисбатан зиёдтар мебошад. Ин тағйирёбиро дар намунаи равғанҳои АТМ, AVB ва BP мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҷадвали 4. Собитаҳои физикии равғани BUNIUM PERSICUM усули экстраксия ва ҷаббиш ҷудокардашуда

Намунаҳои равған	Нишондиҳандаҳои физикӣ			
	Зичӣ (г/см^3)	$[n]^{20}$	t. гуд. ^oC	t. лахт. ^oC
Равғани тухми ВР бо усули экстраксияи хлороформ ҳосилкардашуда	0,860	1,4770	9-11	7-9
Равғани тухми ВР бо усули экстраксияи этилатсетат ҳосилкардашуда	0,875	1,4773	9-11	7-9
Равғани тухми ВР бо усули экстраксияи гексан ҳосилкардашуда	0,880	1,4748	8-10	5-7
Равғани тухми ВР бо усули эфири диэтил ҳосилкардашуда	0,892	1,4749	7-9	4-6
Равғани тухми ВР бо усули ҷаббиш ҳосилкардашуда	0,905	1,4805	12-14	9-11
Равғани тухми ВР дар фазаи пеш аз пурра пухтарасии тухм ҷамъоваришуда (экстрагент хлороформ)	0,760	1,4827	18-20	15-17
Равғани тухми ВР дар фазаи тухмбандӣ ҷамъоваришуда	-	1,4845	29-34	26-28

Дар ин ҷо қайд намудан бамаврид аст, ки бинобар сабаби ҳолати ширешмонанд доштани намунаи равғанҳои тухми растаниҳои дар фазаи тухмбанди ҷамоваришуда мо натавонистем, ки зичии онҳоро муайян намоем.

Яке аз хосиятҳои муҳимми физикии дигари равғанҳо ин хосиятҳои оптикии онҳо мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, ҳангоми таҳқиқ ва тавсифи ҳама гуна равған, таҳлили муайян намудани нишондиҳандаи шикасти рӯшноӣ гузаронида мешавад [6, с.10].

Ин таҳлил дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ рефрактометрия низ номида мешавад. Сабаби рефрактометрия ном гирифтани ин тариқаи таҳлил дар он аст, ки ҳангоми иҷрои ин кор аз асбоби рефрактометр истифода менамоянд. Ифодаи математики хосияти нишондиҳандаи шикасти рӯшноӣ бо формулаи $n=\frac{sin\alpha}{sin\alpha}$ асоснок карда шудаст. Дар формула Sinα- нури ба маводи таҳқиқшаванда таъсиркунанда ва Sinβ- нури инъикосшуда мебошад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон дод, ки дар қимати зичии пайвастагиҳои химиявӣ бо қимати нишондиҳандаи шикасти рӯшноӣ мутаносиби роста мебошад. Чӣ тавре, ки аз натиҷаҳои бадастовардашудаи илмӣ (ҷадвалҳои 1-4) бармеояд, дар аксари ҳолатҳо қимати муайянкардашудаи зичӣ бо қимати нишондиҳандаи шикасти рушнои дар мутаносибии роста қарор надорад.

Барои муайян намудани сабаби ин ҳодисаи ғайричашмдошт як зумра тадқиқот гузаронида шуд. Тавассути тариқаҳои физикию химиявӣ муайян гардид, ки ба ин қонуният баъзе равғанҳо итоат наменамоянд, яъне зичии онҳо бо қимати нишондиҳандаи рӯшноӣ дар мутаносибии роста қарор надорад. Муайян гардид, ки чунин хосият бештар ба равғанҳое хос мебошад, ки онҳо пайвастагиҳои носерро бештар доранд. Дар мувофиқа ба хосиятҳои химиявии пайвастагиҳои органикии

банди дучандадори ғайрисикли ба хулосае омадан мумкин аст, ин пайвастагиҳо метавонанд як қисми нурҳои таъсиркардашударо фурӯ баранд. Ин хосият метавонад боиси коҳиши ёфтани қимати нишондиҳандаи шикасти рӯшнои гарданд.

Дар баробари ин тавассути таҳлилҳои экспериментали муайян карда шуд, ки бо усули ҷаббиш ҷудо карда мешаванд, нисбат ба равғанҳои бо усули экстраксия ҷудокардашуда зичии зиёдтарро доранд.

Ҳамин таркиқ, аз хосиятҳои физикии муайяншуда бармеояд, ки ҷузъҳои таркибии тухм дар ҳалкунандаҳои истифодашуда ҳалшавандагии гуногун доранд.

Аз ҳамин лиҳоз, консентратсияи компанентҳо дар таркиби липидҳо гуногун мебошанд. Гуногун будани таркиб бевосита ба тағйир ёфтани якхела нагардидани хосиятҳои физикии онҳо мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Омӯзиши ҷанбаҳои физикию химиявии реаксияи ҳидролизи ишқории эфирҳои мураккаби таркиби равғанҳои эфирии PELARGONIUM ROSEUM WILLD / Маҳмудова Т.М. //Паёми донишгоҳи технологии Тоҷикистон №3 (46) 2021.-Душанбе: ДТТ, 2021.- С71-76. ISSN-2707-8000.
2. Арасимович В.В. Методы биохимического исследования растений / В.В.Арасимович, А.И.Ермаков и др. – Л.: Агропромиздат. Ленинград, 1978.– 430 с.
3. Ульченко Н.Т., Хушбактова З.А., Беккер И.П., Кидисюк Е.Н. и др. Липиды цветков и листьев Artemisia Annua и их биологическая активность / Н.Т.Ульченко, З.А.Хушбактова, И.П.Беккер, Е.Н. Кидисюк и др. Химия природных соединений. – Ташкент, № 3, 2005.– С. 226-229.
4. Дурмишидзе С.В. Методы биохимических исследований растений/ С.В. Дурмишидзе. - Тбилиси:Мецниереба,1983.-156с.
5. Юсупова Н.А., Нажбудинов С., Иброгимов Д.Э. и др. // Земледелец№2, -Душанбе: Кишоварз, 2014. - С.7-11. ISBN 2074-5435.
6. Иброгимов Д.Э. Таъсири ҳалкунандаҳои истифодашуда ба суръати реаксияи ҳидролизи ишқории эфирҳои мураккаби таркиби равғанҳои эфирӣ / Д.Э.Иброгимов, Т.Н.Зайниддинов, М.А.Зокирова, Ш.Х. Усмонова //Илм ва иноватсия Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (ISSN-2312-3648) -2020.№4. - С.256-261.
7. Иброҳимзода Д.Э. Таъсири омилҳои экологӣ ба биохимияи ҳосилшавии равғанҳо / Д.Э.Иброҳимзода, Т.М.Маҳмудова, Ф.Ҳ. Юсупова, М.И.Саидаминова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои табиӣ) №1, 2022. - Душанбе: ДМТ, 2022.- С.115-123.ISSN-2413-452X.
8. Иброгимов Ф.Д. Таъсири партовҳои газӣ ба биохимияи ҳосилшавии кислотаҳои карбонӣ дар таркиби растаниҳо / Ф.Д. Иброгимов, Маҳмудова Т.М.// Илм ва фановарӣ №2, 2022 . - Душанбе: ДМТ, 2022.- С.144-1149.ISSN-2312-3648.
9. Новый метод определения кислотного числа в маслах и экстрактах / Д.Э. Иброгимов, Ш.Х. Усмонова, Ш.Х. Халиков // Научная перспектива (научно-аналитический журнал). – Россия: Химия, 2010, №9.- С.84-86.
10. Иброгимов, Д.Э. Эффективный способ определения содержания кислот в составе растительных масел / Д.Э. Иброгимов, Х.Ш., Гулахмадов, Т.М. Махмудова, И.Э. Иброгимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук -2020.-№3. - С.221-226.

МУАЙЯН НАМУДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ФИЗИКИИ РАВҒАНҲОИ ГЛИСЕРИДӢ

Дар мақолаи мазкур нишондиҳандаҳои физикии равғанҳои глитсеридӣ аз қабили зичӣ, нишондиҳандаи шикасти рӯшноӣ, ҳарорати лахтбандӣ ва ҳарорати гудозиши онҳо муайян карда шудаанд. Намунаи равғанҳои таҳлилшуда аз қабили намунаи равғани пахта**,** равғани Arctium tomentosum Mill (ATM), равғани Ampelopsis Vitifolia (boiss) (AVB), ва равғани Bunium Persicum (BP) мебошанд.

ОПРЕДЕЛЕНИЕ ФИЗИЧЕСКИХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ ГЛИЦЕРИДОВ ЖИРОВ

В данной статье определены физические показатели глицеридных масел, такие как плотность, показатель преломления, температура застывания и температура плавления. Объектами исследований были хлопковое масло, масло Arctium tomentosum Mill (ATM), масло Ampelopsis Vitifolia (boiss) (AVB) и масло Bunium Persicum (BP).

DETERMINATION OF PHYSICAL INDICATORS OF FAT GLYCERIDES

This article defines the physical characteristics of glyceride oils, such as density, refractive index, pour point and melting point. The subjects of study were cottonseed oil, Arctium tomentosum Mill (ATM) oil, Ampelopsis Vitifolia (boiss) (AVB) oil and Bunium Persicum (BP) oil.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Иброҳимзода Дилшод Эмом*** - доктори илмҳои химия, и.в. профессори кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru

Маҳмудова Таҳминаи Муминҷон - номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 005-88-51-00. E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru

Иброгимов Фируз Дилшодович - ассистенти кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту газ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru

Назаров Фирдавс Хоркашевич - ассистенти кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту газ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо 10, e-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru

Сведения об авторах: ***Ибрахимзода Дилшод Эмом*** **–** доктор химических наук, и.о. профессор кафедры переработка энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими,. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Махмудова Тахминаи Муминджон - кандидат технических наук, и.о.дотсента кафедры переработка энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. Телефон: (+992) 005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Иброгимов Фируз Дилшодович **–** ассистент кафедры переработка энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Назаров Фирдавс Хоркашевич **–** ассистент кафедры переработка энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Information about the authors: ***Ibrahimzoda Dilshod Emom*** - Doctor of Chemistry, acting. Professor of the Department of Energy Recycling and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi,. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. Phone:(+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Makhmudova Takhminai Mumindzhon - Candidate of Technical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Energy Resources Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University. acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. Phone: (+992) 005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Ibrogimov Firuz Dilshodovich - assistant of the department of energy processing and oil and gas service of the Tajik Technical University. acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.

Nazarov Firdavs Khorkashevich - Assistant of the Department of Energy Resources Processing and Oil and Gas Service of the Avicenna Tajik Technical University acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

УДК: 631 33.(573.3)

НАШЪУНАМО ВА МАҲСУЛНОКИИ ЗАҒИР ВОБАСТА БА ТАЪСИРИ ЧУҚУРИИ КОРКАРДИ ХОК

Набиев Т.Н. Солиҳов М.М., Воҳидова К.А.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Зағир аз зироатҳои муҳимми равғандор ба шумор рафта, дар ҷумҳурӣ асосан дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор, минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва ноҳияҳои кӯҳии вилояти Суғд парвариш карда мешавад. Роҳҳои асосии зиёд намудани истеҳсол ва баланд бардоштани ҳосилнокии зағир тавассути истифодаи намудани навъҳои нави серҳосил ва мукаммалгардонии технологияи парвариши он амалӣ гардонида мешавад [1, с.3]. Дар ҷараёни технологияи парвариши зироатҳои саҳроӣ яке аз усулҳои асосӣ ва муҳимтарин ин коркади хок ба шумор меравад. Бо сифати баланд гузаронидани коркарди хушсифати тирамоҳӣ ҳосилхезии зағирро хеле зиёд менамояд.

Аз ин лиҳоз, корҳои илмию таҳқиқотии мо доир ба таҳия намудани технологияи самараноки захираҳои намӣ бо воситаи истифода намудани коркарди босифати чуқурии хок дар заминҳои лалмии Тоҷикистони Марказӣ барои рӯёнидани ҳосили фаровони зағир равона гардидааст.

Таҷрибаҳои саҳроӣ дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии “Зироаткор”-и Институти зироаткории АИКТ тайи солҳои 2019-2021 гузаронида шудааст. Ба сифати объекти таҳқиқотӣ навъи зағири маҳаллии минтақабобгардидаи Ҳисор 10-ро истифода намудем.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ-илмӣ нишон дод, ки тараққиёт ва нашъунамои зироати зағир аз чуқурии босифати коркарди хок вобаста мебошад. Санаҳои фарорасӣ ва давомнокии давраҳои тараққиёт ва нашъунамо маълум менамояд, ки пайдоиши майсаҳои зағир дар ҳамаи вариантҳои омӯзишӣ дар як вақт – 16 моҳи март пайдо гардидаанд (ҷадвали 1).


Вале, давраи гулкунии зағир дар варианти назоратӣ – 25 моҳи апрел ва дар вариантҳои коркарди чуқурии хок аз 20 то 35 см – аз 26 то 29 моҳи апрел ба қайд гирифта шудааст.

Давраи тараққиёт ва нашъунамои мушунг аз пайдоиши майсаҳо то пухтарасиши дон дар варианти назоратӣ 96 рӯз ва дар вариантҳои коркарди хок – аз 98 то 102 рӯз, яъне аз 2 то 6 рӯз тӯл кашидааст. Давомнокии давраи нашъунамои навъи зағири маҳаллии Ҳиссор-10 дар заминҳои лалмии водии Ҳисор вобаста аз чуқурии коркарди хок аз 98 то 102 рӯз ташкил кардааст.

Таҷрибаҳои илмии мо нишон дод, ки ҷараёни афзоиши биомассаи зағир ба чуқурии коркарди хок алоқамандии зич дорад. Бо мурури зиёд намудани чуқурии коркарди хок аз 20 то 30 см ҳосилнокии массаи хушки зағир аз давраи шонабандӣ сар карда то давраи пухтарасиши зағир зиёд гардидааст. Ҳосилнокии зиёди массаи биологии хушки зағир ҳар як гектар дар ҳама марҳилиҳои нашъунамо дар вақти коркарди хок дар чуқурии 30 см рӯёнида шудааст (расми 1).

Ҷадвали 1. Санаҳои фарорасӣ ва давомнокии давраҳои нашъунамои зироати зағир вобаста аз чуқурии коркарди хок (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021)

№	Чуқурии хок, см	Санаҳои фарорасии давраҳои нашъунамо				Давомнокии давраҳои нашъунамо, рӯз			
		Пайдоиши майсаҳо	Гулкунӣ	Пайдоиши ғӯзача	Пухтара-сиши дон	Пайдоиши майсаҳо - гулкунӣ	Гулкунӣ - пайдоиши ғӯзача	Пайдоиши ғӯзача - пухта расидани дон	Давомнокии давраҳои нашъунамо
1.	Назоратӣ (бе коркарди хок)	16.03	25.04	19.05	20.06	40	24	32	96
2.	20	16.03	26.04	21.05	22.06	41	25	32	98
3.	25	16.03	27.04	22.05	23.06	42	25	32	100
4.	30	16.03	29.04	24.05	26.06	44	25	33	102
5.	35	16.03	29.04	24.05	26.06	44	25	33	102



Расми 1. Ҷараёни афзоиши массаи хушки зағир вобаста аз чуқурии коркарди хок, с/га (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021)

Натиҷаи таҷрибаҳои саҳроии мо нишон медиҳад, ки дар ҳамаи давраҳои нашъунамо зағир ташаккулёбии масоҳати зиёди баргро дар вариантҳои коркарди чуқурии хок, нисбат ба варианти назоратӣ (бекоркард) мушоҳида карда шудааст (ҷадвали 2). Фарқият масоҳати барги вариантҳои коркарди чуқурии хок дар давраи гулкунӣ нисбат ба варианти назоратӣ аз 2,7 то 5,3; дар давраи пайдоиши ғӯзача аз 3,2 то 7,3 ва дар давраи пухтарасиши дони зағир аз 3,1 то 6,8 ҳаз.м²/гектарро ташкил кардааст.

Масоҳати аз ҳама зиёди сатҳи барги зағир дар байни вариантҳои омӯзиш ва дар ҳамаи давраҳои нашъунамо дар вақти гузаронидани коркарди хок дар чуқурии 30 см бадастоварда шудааст. Нишондоҳои бештари масоҳати сатҳи барги зағир дар давраи пайдоиши ғӯзача ба вуҷуд омадааст. Вобаста ба вариантҳои омӯзишӣ дар ин давра масоҳати барги зағир нисбат ба давраи гулкунӣ аз 14,9 то 17,4 ва ба давраи пухтарасиши дон аз 1,7 то 3,5 ҳаз.м^2/га зиёд шудааст.

Ҷадвали 2. Ташаккулёбии масоҳати сатҳи барги зағир вобаста аз чуқурии коркарди хок, ҳаз.м^2/га (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021)

Чуқрии коркарди хок, см	Давраҳои нашъунамо			
	Шонабандӣ	Гулкунӣ	Пайдоиши ғӯзача	Пухтарасиши дон
Назоратӣ (бе коркарди хок)	3,1	8,6	23,5	20,9
20	3,7	11,3	26,7	24,0
25	4,1	12,5	28,3	25,8
30	4,4	13,9	30,8	27,7
35	4,4	13,1	29,5	27,0

Истифодаи коркарди босифати хок ба ташаккулёбии сохтори таркибии ҳосили зағир таъсири зиёд расонидааст. Натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидаи мо исбот намудааст, ки бо мурури зиёд намудани чуқурии коркарди хок нишондоҳои асосии таркиби ҳосили растанӣ беҳтар гардидааст. Дараҷаи ҳосилнокии зироатҳои саҳроӣ аз нишондодҳои сохтори ҳосил: пеш аз ҳама аз баландии қади ниҳолҳо, вазни ҳар як растанӣ, шумораи ғӯзачаҳо дар як растанӣ ва дар умум, миқдори дон дар ғӯзача, вазни дони як растанӣ ва массаи 1000 дона вобастагии зич дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки дар вақти гузаронидани коркарди хок дар чуқурии аз 20 то 35 см нисбат ба варианти назоратӣ қади ниҳолҳои зағир аз 2 то 5 см; вазни ҳар як растанӣ аз 0,6 то 1,7 г; шумораи ғӯзача дар растанӣ аз 3 то 7 дона; миқдори умумии дон дар растанӣ аз 30 то 74 дона; вазни дони як растанӣ аз 0,17 то 0,41г. ва массаи 1000 дона аз 0,20 то 0,70 г.зиёд шудааст (ҷадвали 3).

Натиҷаи таҷрибаи саҳроии мо маълум менамояд, ки сохтори босифати таркибии ҳосил дар байни вариантҳои омӯхташуда дар варианти коркарди чуқурии хок дар ҳудуди 30 см бадастоварда шудааст.

Ҳосили дони зағир дар варианти коркарди хок дар чуқурии 20 см ба ҳисоби миёна дар се сол ба 8,7 ва мутаносибан ба солҳо 2019 – 9,0; 2020 – 9,8 ва 2021 – 7,3 с/га; дар варианти чуқурии 25 см ба ҳисоби миёна – 8,0 ва ба солҳо 2019 – 10,7; 2020 – 11,0; 2021 – 8,0 с/га баробар шудааст. Ҳосили ниҳоии дони зағир дар вақти коркарди хок дар чуқурии 30 см рӯёнида шудааст. Дар ин сурат, нисбат ба варианти назоратӣ – 5,6 с/га ва нисбат ба вариантҳои коркарди чуқурии хок 1,7 то 3,4 с/га ҳосили дон зиёд ба даст оварда шудааст (ҷадвали 4).

Ҷадвали 3. Нишондодҳои сохтори таркибии ҳосили зағир вобаста аз таъсири чуқурии коркарди хок (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021)

Чуқрии коркарди хок, см	Баландии қади растанӣ, см	Вазни як растанӣ, гр	Шумораи ғӯзачаҳо дар 1 растанӣ, дона	Миқдори дон дар ғӯзача, дона	Шумораи умумии дон дар як растанӣ, дона	Вазни дони як растанӣ, гр	Вазни 1000 дона, г
Назоратӣ (бе коркарди хок)	58	3,3	11	8	88	0,55	4,6
20	60	3,9	14	9	126	0,67	4,8
25	60	4,2	16	9	144	0,82	5,0
30	63	4,7	18	9	162	0,91	5,5
35	62	4,5	17	9	153	0,85	5,3

Ҷадвали 4. Таъсири чуқурии коркарди хок ба ҳосили дони зағир дар заминҳои лалмӣ, с/га (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019-2021)

Чуқурии коркарди хок, см	Солҳо			Ба ҳисоби миёна дар се сол	Бартарӣ нисбат ба варианти назоратӣ	
	2019	2020	2021		с/га	%
Назоратӣ (бе коркарди хок)	7,4	6,9	5,2	6,5	-	-
20	9,0	9,8	7,3	8,7	2,2	25,3
25	10,7	11,0	8,0	9,9	3,4	34,3
30	13,1	12,4	10,8	12,1	4,9	42,9
35	12,0	10,7	9,4	10,7	4,2	39,3

АДАБИЁТ

1. Лавронов Г.А. Опыты по агротехники масличных культур. В кн. Полевые культуры на богаре Узбекистана / Г.А.Лавронов. -Ташкент, 1948. – С.129 - 132.
2. Норов М.С. Рекомендации по возделыванию льна масличного на богарных землях Республики Таджикистан / М.С.Норов, С.И.Имамов, Т.С.Нарзулоев. - Душанбе, 2001. - 20с.
3. Солиҳов М.М. Маҳсулнокии зағир вобаста аз коркарди хок ва захираи намӣ дар заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор / М.М.Солиҳов, Ш.А.Оқилова // Маводҳои конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ, “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илмӣ кишоварзӣ”. -Душанбе, 2017. – С. 109 – 113.

НАШЪУНАМО ВА МАҲСУЛНОКИИ ЗАҒИР ВОБАСТА БА ТАЪСИРИ ЧУҚУРИИ КОРКАРДИ ХОК

Дар мақола мазкур инкишоф, тараққиёт ва ташаккулёбии маҳсулнокии зағир вобаста аз таъсири чуқурии коркарди хок омӯхта шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ба мо маълум гардид, ки коркарди чуқурии хок ба нишондодҳои биометрӣ ва маҳсулнокии дони зағир таъсири зиёд расонидааст. Ҳосилнокии баланди дони зағир дар байни вариантҳои омӯзишӣ, дар вақти гузаронидани коркарди хок дар чуқурии 30 см гирифта шудааст. Дар ин сурат, ҳосили иловагии дони зағир аз ҳар як гектар нисбат ба варианти назоратӣ – 5,6 с. ва нисбат ба вариантҳои коркарди чуқурии хок аз 1,7 то 3,4 с. бадастоварда шудааст.

Калидвожаҳо: зағир, мушоҳидаҳои фенологӣ, қади растанӣ, массаи биологии сабз ва хушк, масоҳати сатҳи барг, иқтидори фотосинтетикӣ, сохтори ҳосил ва ҳосили дон.

РОСТ, РАЗВИТИЕ И ПРОДУКТИВНОСТЬ ЛЬНА МАСЛА ЛЬНА В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ГЛУБИНЫ ОБРАБОТКИ ПОЧВЫ

Данная статья посвящена изучению особенностей роста, развития и формирования продуктивности льна масличного в зависимости от глубины обработки почвы. Результаты исследований показывают, что глубина обработки почвы оказала значительное влияние на биометрические показатели и продуктивность льна масличного. Высокий урожай зерна льна масличного, среди изучаемых вариантов формировался при обработке почвы на глубине – 30см. Прибавка урожая зерна, по сравнению с контролем, составляла - 5,6 и, по сравнению с другими вариантами обработки почвы, от 1,7 до 3,4 ц/га.

Ключевые слова: лён масличный, фенологические наблюдения, высота растений, зеленая и сухая биомасса, площадь листовой поверхности, фотосинтетический потенциал, структура урожая и урожай зерна.

GROWTH, DEVELOPMENT AND PRODUCTIVITY OF OIL-BEARING DEPENDING ON THE DEPTH OF SOIL PROCESSING

This article is devoted to the study of the characteristics of the growth, development and formation of the productivity of oil flax, depending on the depth of tillage. The research results show that the depth of tillage had a significant impact on the biometric indicators and productivity of oil flax. A high yield of oilseed flax grain, the medium of their studied variants, was formed during tillage at a depth of 30 cm. The increase in grain yield, compared with the control, was 5.6 and compared with other tillage options from 1.7 to 3.4 c/ha.

Key words: oil flax, phenological observations, plant height, green and dry biomass, leaf surface area, photosynthetic potential, crop structure and grain yield.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Набиев Толиб Набиевич*** **–** доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. **Телефон:** (+992) 935-03-52-18.

Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич **–** докторанти Донишгоҳи арарии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. E-mail:salim.5555_s@mail.ru **Телефон:** (+992) 554-5555-19.

Воҳидова К. А. – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. **Телефон:** (+992) 919-72-38-48.

Сведения об авторах: ***Набиев Талиб Набиевич***- доктор сельскохозяйственных наук, профессор аграрного университета Таджикистана им. Ш. Шотемура. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 935-03-52-18.

Солихов Махмадсалим Махмадуллоевич - докторант Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемура. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. E-mail:salim.5555_s@mail.ru Телефон: (+992) 554-5555-19.

Вахидова К. А. - кандидат сельскохозяйственных наук, доцент Аграрного университета Таджикистана им. Г. Шотемура, **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 919-72-38-48.

Information about the authors: **Nabiyev Talib Nabievich** - Doctor of Agricultural Sciences, Professor of the Agricultural University of Tajikistan named after Sh. Shotemur. Address: 146 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734003, Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 935-03-52-18.

Solikhov Makhmadsalim Makhmadulloevich-doctoral student of the Tajik Ararat University named after Sh. Shotemura, address: 146 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734003, Republic of Tajikistan. E-mail:salim.5555_s@mail.ru Phone: (+992) 554-5555-19.

Vakhidova K. A. - Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Agrarian University of Tajikistan named after G. Shotemur, Address: 146 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734003, Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 919-72-38-48.

УДК: 581.19+547:541

ДИНАМИКАИ ТАҒЙИРЁБИИ МИҚДОРИ КИСЛОТАҲОИ КАЛОНМОЛЕКУЛАИ КАРБОНӢ ДАР РАВАНДҲОИ ГУЗАРИШИ МАВСИМИИ АФЗОИШ ВА ИНКИШОФИ РАСТАНИҲО

Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Абдураҳмонзода А.Х.,Гиёев П.Р.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ,
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асоси равғани растаниҳоро глисеридҳо ташкил медиҳанд. Глисеридҳо мутааллиқ ба эфирҳои мураккаби глитсерин бо кислотаи карбонӣ мебошанд. Аз ҳамин лиҳоз, барои биосинтези онҳо дар растаниҳо глитсерин ва кислотаҳои карбонӣ нақши муҳимро мебозанд.

Метаболизми ҳосилшавии равғанҳоро дар шакли нақшаи зерин таҳлил намудан мумкин аст [1].

глитсерин
Глюкоза хлорофилл + липаза ва ферментҳои дигар **равған**

кислотаҳои ҳаднок ⇄ кислотаҳои беҳад

$C_nH_{2n}O_2$ $C_nH_{2n}O_2$·$CnH_{2n-4-6-8}O_2$

Чӣ тавре ки аз метаболизми ҳосилшавии равғанҳо бармеояд, маҳсулоти ниҳоии асоси ин глюкоза мебошад. Таҳти таъсири биокатализаторҳо аз глюкоза метавонад глитсерин ва кислотаҳои калонмолекулаи ҳаднок ва беҳадди карбонӣ ҳосил гардад. Ин ду моддаи ҳосилшуда ба ҳам таъсири мутақобила намуда, глитсеридҳоро ҳосил менамояд. Ин ҳодисаи биохимиявиро бо муодилаи зерин асоснок намудан мумкин аст.


$$\xrightarrow{\text{хлорофилл}} \begin{array}{l} CH_2-O-CO-C_nH_{2n+1} \\ CH-O-CO-C_nH_{2n-1}+3H_2O \\ CH_2-O-CO-C_nH_{2n-3} \end{array}$$

$$CH_2(OH)-CH(OH)-CH_2(OH) + C_nH_{2n+1}-COOH + C_nH_{2n-1}-COOH + C_nH_{2n-3} \xrightarrow{\text{липаз}}$$

Тавассути пажуҳиш ва тадқиқот олимони соҳа муайян намудаанд, ки дар маҳсулнокии биологии растаниҳо, хлорофилл нақши хело муҳимро мебозад. Хлорофилл дар раванди фотосинтез фаъолияти хосса дорад. Оид ба омӯзиши вобастагии раванди фотосинтез ба маҳсулнокии биологӣ аз ҷониби олимон ва мутахассисони Тоҷикистон як қатор корҳои назаррас ба сомон расидаанд.


Дар мувофиқа бо дастовардҳои илмии муҳаққиқони соҳа ба хулосае омадан мумкин аст, ки аксари равандҳои метаболитикӣ, аз ҷумла ҳосилшавии равғанҳо низ ҷабҳаҳои биохимиявии хусусӣ доранд. Ин ҷодаро ба инобат гирифта АК – и узвҳои вегетативии растаниҳои равғандиҳанда, ки ҳадафи омӯзиш қарор доранд, дар мувофиқа ба метод ва методологияи таҳлили тавсияшуда [2, с.3] муайян карда шуд.

Натиҷаҳо дар расмҳои 1,2 пешниҳод гардидааст.



Расми 1 - Тағйирёбии АК дар марҳилаҳои афзоиш ва пухтарасии тухми ATM ва BP

Эзоҳ: ATM - ARCTIUM TOMENTOSUM MILL, BP - BUNIUM PERSICUM; A – фазаи тухмҳосилшавӣ дар растанӣ; B – фазаи пеш аз пухтарасии тухм; C – фазаи пас аз пурра пухтарасии тухм.



Расми 2 - Тағйирёбии АК дар марҳилаҳои афзоиш ва пухтарасии тухми GOSSIPIUM HIRSITUM L навъи меҳргон ва AMPELOPSIS VITIFOLIA (BOISS)

Эзоҳ: AVB - AMPELOPSIS VITIFOLIA (BOISS), GhL – ядрои тухми GhL-и Меҳргон, A, B, C – фазаҳои мавсимӣ.

Тавре ки аз натиҷаҳои пешниҳодшуда аён аст, дар ҳама ҳолатҳо дар таркиби узвҳои вегетативии равғандиҳандаи растаниҳои омӯхташаванда АК қимати максималиро дорад. Дар рафти гузариши фазавӣ ҳангоми пухтарасии тухм қимати АК коҳиш меёбад.

Ин натиҷаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар фазаи тухмҳосилшавӣ миқдори кислотаҳои озоди калонмолекулаи карбонӣ нисбат ба ду фазаи дигари пухтарасии тухм хело зиёд мебошад. Сабаби коҳишёбии қимати АК дар он аст, ки ин кислотаҳо бо глитсерини таркиби тухм таҳти таъсири ферменти липаза ба реаксия дохил шуда, глисеридҳоро биосинтез менамоянд. Дар глисеридҳо кислотаҳои карбонӣ дар ҳолати пайваст қарор доранд. Аз ҳамин лиҳоз, дар раванди муайян намудани АК онҳо

наметавонанд чун кислотаҳои озод бо титрант бевосита таъсири мутақобила намоянд.

Ҳамин тариқ, бо истифода аз тариқаҳои таҳлили физикию химиявӣ ва методҳои пажуҳиши биохимиявӣ динамикаи тағйирёбии кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ омӯхта шуд. Муайян гардид, ки дар узвҳои вегетативии растаниҳои равғанҳосилкунанда маҳсулоти ниҳоӣ дар ҳосилшавии глисеридҳо ин глюкоза мебошад. Аз глюкоза глитсерин ва кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ биосинтез мегардад. Пас аз ин, ҳодисаи биохимиявӣ кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ бо глитсерин ба реаксия дохил шуда, сабаби пайдошавии равғанҳо дар узвҳои вегетативии растаниҳо мегарданд. Ин реаксия каталитикӣ буда, дар иштироки ферменти липаза мегузарад.


Адади собунонӣ нишондиҳандаи химиявӣ буда, ҳадафи асосии он муайян намудани миқдори умумии эфирҳои мураккаби глитсерин (глисеридҳо) ва кислотаҳои карбонмолекулаи карбонӣ аз рӯйи мг КОН дар 1г равғани таҳлилшаванда мебошад.


Барои муайян намудани ин собита аз намунаҳои равғане, ки ҳадафи омӯзиш ва тадқиқот қарор доранд, ба миқдори 1г дар се намуна гирифта шуд ва он бо истифода аз маҳлули спирти 0,2н КОН- и дар изопропанол тайёркардашуда ҳидролиз гардид. Реаксияи мазкур дар дохили колба (V ғунҷоиш=500см^3)–и бо хунуккунаки баргаранда муҷаҳҳазонида гузаронида шудааст.

Таҳлили корҳои илмии як қатор муҳаққиқон ва мутахассисони соҳа нишон дод, ки дар иҷрои ин амал аксари онҳо аз маҳлули КОН-и дар этанол ва ё метанол тайёркардашуда истифода намудаанд. Мо низ барои муқоиса намудани натиҷаҳо, ҳидролизи ишқориро дар маҳлули метанол, этанол ва изопропанол гузаронидем.

Дар рафти техникаи иҷроиши ин таҳлил бо ҳисоби миёна ба 0,2г равған, 20см^3 маҳлули 0,2н КОН таъсир карда шуд. Ин миқдор дар реаксияи таъсири КОН ба триглисеридҳо дар мувофиқа бо назария зиёд мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, барои муайян намудани изофаи КОН чунин миқдор ҳаҷм, ки барои ҳидролизи ишқории равғанҳо гирифта шуда буд, онро низ дар алоҳидагӣ гирифтем. Миқдори изофаи КОН – ро дар реаксия бо усули титронидани баръакс бо истифода аз маҳлули 0,1н HCl муайян намудем.

Химизми раванди муайян намудани адади собуниро бо муодилаи химиявии зерин асоснок намудан мумкин аст.





Адади эфирӣ нишондиҳандаи химиявие мебошад, ки он миқдори умумии эфирҳои мураккаби глитсеринро бо кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ (C_{12}-C_{24}) аз рӯйи миқдори КОН бо ҳисоби милиграм дар 1г равғани таҳлилшаванда нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда ба натиҷаҳои АС ва АК хеле ҳам вобаста мебошад, зеро АЭ аз рӯйи формулаи АЭ=АС-АК муайян карда мешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки барои муайян намудани АЭ ягон кори таҷрибавӣ гузаронида намешавад ва он аз рӯйи фарқи АС ва АК муайян мегардад. Натиҷаҳои таҳлили муайян намудани оид ба АС ва АЭ дар ҷадвали 1 пешниҳод карда шудааст.

Ҷадвали 1. АС ва АЭ – и намунаҳои равғани ATM, AVB, BP ва GhL

Намунаҳои равған	АС (мг КОН/г), (қимати миёна)			АЭ (мг КОН/г), (қимати миёна)		
	C_2H_5-OH	CH_3-OH	CH_3-CH-(OH)-CH_3	C_2H_5-OH	CH_3-OH	CH_3-CH-(OH)-CH_3
ATM - 1	253	276	280	213,95	236,95	240,0
ATM - 2	232	254	259	200,94	222,94	227,4
ATM - 3	236	258	263	232,98	254,89	259,9
ATM - 4	245	266	271	242,50	263,5	268,5
ATM - 5	256	278	284	254,27	276,27	282,27
AVB - 1	251,3	269	274,4	245	262,7	268,1
AVB - 2	256	274	283	247,6	265,6	274,6
AVB - 3	246,6	263	269,2	243,8	260,2	266,8
AVB - 4	263,2	281,5	287,7	260,83	279,13	285,33
BP - 1	133	146	152	130,54	143,54	149,54
BP - 2	131	149	150	128,63	146,66	147,66
BP - 3	128	144	148	126,05	142,05	146,05
BP - 4	127	142	149	125,46	140,46	147,46
GhL - 1	171,7	183,0	186,5	167,84	179,14	182,64
GhL - 2	173,5	186,6	189,3	169,61	182,71	185,41
GhL -3	172,0	187,2	190,6	168,16	183,36	186,76
GhL - 4	174,3	188,4	192,3	170,42	184,52	188,42
GhL - 5	174,0	185,5	194,5	172,49	184	152

Эзоҳ: ATM -1, ATM -2, ATM -3, ATM -4, ATM -5, AVB -1, AVB -2, AVB -3, AVB -4, BP -1, BP -2, BP -3, BP -4, GhL -1, GhL -2, GhL -3, GhL -4, GhL -5, нигаред ба ҷадвали 56.

Тавре, ки аз натиҷаҳои бадастовардашуда бармеояд, вобаста ба технологияи ҷудо намудани равғанҳо АС ва АЭ қимати худро тағйир додаст. Ин тағйирёбӣ нишонаи он аст, ки новобаста аз оне ки равған аз як навъи растанӣ ҷудо карда шудааст, он таркиби якхела надорад. Ин тавр тағйир ёфтани натиҷаҳо дар муайян намудани собитаҳои физикӣ ва химиявии дигар низ мушоҳида карда шудаст.


Инчунин, дар асоси ин натиҷаҳо муайян гардид, ки маҳсулнокии реаксияи ҳидролизи равғанҳои таҳқиқшуда ба табиат ва таркиби спиртҳои истифодашуда метавонанд вобастагии хосса дошта бошанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки маҳсулнокии реаксия ҳангоми истифодаи пропанол 2 нисбат ба метанол ва этанол зиёдтар аст. Дар реаксияи ҳидролизи ишқорӣ баромади аз ҳама камтар дар ҳолати истифодаи этанол мушоҳида гардид.

Тадқиқот нишон дод, ки изопропанол, нисбат ба метанол ва этанол дар таркиби худ обро камтар дорад. Метаноли истифодагардида нисбат ба этанол то 2% - обро камтар дорад. Маълум карда шуд, ки дар рафти иҷрои ин амал маҳз мавҷуд будани об боиси баргарданда гаштани реаксия мегардад. Об бо қисме аз намакҳои калийгии ҳосилшуда ба реаксия дохил гардида, онро ҳидролизи обӣ менамояд. Дар натиҷа КОН-и ҳосилшуда ҳангоми титронидан бо HCl ба реаксия дохил мегардад, яъне ишқори барқароршуда, ҳамчун изофа ҳисобида мешавад. Ин омил ба камшавии қимати нишондиҳандаи АС мусоидат менамояд. Дақиқ набудани қимати АС бевосита ба дақиқияти қимати нишондиҳандаи АЭ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, бо истифода аз тариқаҳои таҳлили физикию химиявӣ муайян карда шуд, ки дар раванди ҳидролизи ишқории липидҳо ва равғанҳо истифодаи изопропанол нисбат ба метанол ва этанол як зумра афзалиятҳоро дорад.


Бо мақсади омӯзиши динамикаи равғанҳосилшавӣ дар растаниҳои равғандиҳанда дар се марҳилаи фазавии афзоиши растанӣ, узви вегетативии равғандиҳандаи онҳо ҷамъоварӣ гардид. Аз намунаҳои таҳқиқшаванда равғанҳо бо усули экстраксияи гарм бо истифода аз CH_3Cl, ҷудо карда шуд ва собитаҳои АС, АК

ва АЭ-и онҳо дар мувофиқа бо адабиёт муайян карда шуд [4, с. 6]. Натиҷаҳо дар расми 3 пешниҳод гардидааст.



Расми 3 - Динамикаи тағйирёбии эфирҳои мураккаб ва кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ дар фазаҳои мавсимии пухтарасии тухм

Эзоҳ: A – ATM; B – BP; V – AVB; A – фазаи тухмбандӣ; B – фазаи пеш аз пурра пухтарасии тухм; C – фазаи пас аз пурра пухтарасии тухм.



Расми 4 - Динамикаи ҷамъшавии глисеридҳо дар тухми растаниҳо вобаста ба марҳилаҳои пухтарасии тухм

Эзоҳ: A – A, A – B, A – C, B – A, B – B, B – C, V – A, V – B, V – C тағйирёбии мавсимӣ (нигаред ба расми 3).

Тавре, аз натиҷаҳои илмии оид ба динамикаи ҷамъшавӣ ва эфирҳои мураккаб (глисеридҳо), кислотаҳои калонмолекулаи озоди карбонӣ аён аст, марҳилаи фазаи тухмбандӣ ғализати кислотаҳои карбонӣ зиёд буда, дар марҳилаҳои афзоиши минбаъда миқдори онҳо коҳиш меёбанд.

Миқдори глисеридҳо бошад, баръакси динамикаи ҷамъшавии кислотаҳои карбонӣ дар фазаи тухмбандӣ ғализати камтарро дошта, дар марҳилаҳои пеш аз пурра пухтарасӣ ва пас аз пухтарасӣ ғализаташон меафзояд. Ин тағйирёбӣ нишонаи он аст, ки кислотаҳои карбонӣ бо глитсерин таъсири мутақобила намуда, ба глисеридҳо табдил меёбанд. Дар раванди ин табодулоти биохимиявӣ бо мурури замон ғализати кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ коҳиш ёфта, ғализати эфирҳои мураккаб меафзояд.

АДАБИЁТ

1. Махмудова Т.М. Физико-химические аспекты экстракции липидного состава растений ARCTIUM TOMENTOSUM MILL, BUNIUM PERSICUM, AMPELOPSIS VITIFOLIA (BOISS) / Т.М.Махмудова, А.Ш.Махмудов, И.Э.Иброгимов // Вестник технологического университета Таджикистана №2 (45) 2021.- Душанбе: ТУТ, 2021.- С70-79. ISSN-2707-8000.
2. Иброгимов Д.Э. Экологические аспекты преспективы применения альтернативных топлив в транспорном секторе Республики Таджикистан / Д.Э. Иброгимов, А.С.Фохаков, Т.М.Махмудова // Вестник Таджикского национального университета - 2019. -№2 -С.86-93.
3. Иброгимов Д.Э. Физико-химические аспекты технологии получения биодизеля на основе масла семян Eruca sativa Mill/ Д.Э. Иброгимов, Т.М.Махмудова, Ф.Д.Иброгимов, Дж.Н.Ахмад, М.Р.Абдул, Дж. Некмухаммад // Вестник Таджикского национального университета -2019. -№3 -С.202-208.
4. Иброгимов Д.Э. Характеристика фенольных соединений состава масла семян Arctium tomentosum Mill / Д.Э. Иброгимов, Г.М. Муллоева, Ш.Х. Халиков, А.Х. Зумратов // Научно-медицинский журнал Вестник Авицены. – 2011. Т.1. -№4. -С.118-123.
5. Иброгимов Д.Э. Таҳлили хроматографии глитсеридҳои таркиби як қатор равғанҳои ядрои тухми навҳои гуногуни пахта / Д.Э.Иброгимов, С.И.Иброгимова, Ш.Х. Усмонова // Илм ва иноватсия Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-2020.№4. -С.268-274.
6. Иброгимов, Д.Э., Характеристика физико-химических константов хлопкового масла некоторых сортов хлопчатника выращиваемых в Таджикистане / Д.Э. Иброгимов, А.Ш.Махмудов, Т.М. Махмудова // Политехнический Вестник серия: интеллект, инновации, инвеститсия –2018.- №1(41) – С.28-36.

ДИНАМИКАИ ТАҒЙИРЁБИИ МИҚДОРИ КИСЛОТАҲОИ КАЛОНМОЛЕКУЛАИ КАРБОНӢ ДАР РАВАНДҲОИ ГУЗАРИШИ МАВСИМИИ АФЗОИШ ВА ИНКИШОФИ РАСТАНИҲО

Дар мақолаи мазкур маълумот дар бораи динамикаи тағйирёбии миқдори кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ дар равандҳои гузариши мавсимии афзоиш ва инкишофи растаниҳо оварда шудааст. Муайян карда шуд, ки дар ҳама ҳолатҳо дар таркиби узвҳои вегетативии равғандиҳандаи растаниҳои омӯхташаванда адади кислотагӣ қимати максималиро дорад. Дар рафти гузариши фазавӣ ҳангоми пухтарасии тухм қимати адади кислота коҳиш меёбад. Муайян гардид, ки дар узвҳои вегетативии растаниҳои равғанҳосилкунанда маҳсулоти ниҳоӣ дар ҳосилшавии глисеридҳо ин глюкоза мебошад. Аз глюкоза глитсерин ва кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ биосинтез мегардад. Пас аз ин, ҳодисаи биохимиявӣ кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ бо глитсерин ба реаксия дохил шуда, сабаби пайдошавии равғанҳо дар узвҳои вегетативии растаниҳо мегарданд.

Калидвожаҳо: кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ, растанӣ, глюкоза, глитсерин, биосинтез, равған, адади кислотагӣ, адади собунонӣ, адади эфирӣ.

ДИНАМИКА ИЗМЕНЕНИЯ КОЛИЧЕСТВА ВЫСОКОМОЛЕКУЛЯРНЫХ КАРБОНОВЫХ КИСЛОТ В СЕЗОННЫХ ИЗМЕНЕНИЯХ РАЗВИТИЯ РАСТЕНИЙ

В данной статье представлена информация о динамике изменения количества высокомолекулярных карбоновых кислот в сезонных изменениях развития растений. Установлено, что во всех случаях в составе вегетативных маслосодержащих частей изучаемых растений кислотное число имеет максимальное значение. При фазовом переходе при созревании семян значение кислотного числа уменьшается. Установлено, что в вегетативных частях масличных растений конечным продуктом образования глицеридов является глюкоза. Глицерин и биомолекулы углерода биосинтезируются из глюкозы. После этого биохимического явления высокомолекулярные карбоновые кислоты реагируют с глицерином, что является причиной образования масел в вегетативных частях растений.

Ключевые слова: высокомолекулярные карбоновые кислоты, растения, глюкоза, глицерин, биосинтез, масло, кислотное число, число омыления, эфирное число.

DYNAMICS OF CHANGES IN THE AMOUNT OF HIGH MOLECULAR CARBOXIC ACIDS IN SEASONAL CHANGES AND PLANT DEVELOPMENT

This article provides information on the dynamics of changes in the amount of high molecular weight carboxylic acids in seasonal changes and plant development. It has been established that in all cases, in the composition of the vegetative oil-containing parts of the studied plants, the acid number has a maximum value. During the phase transition during seed maturation, the value of the acid number decreases. It has been established that in the vegetative parts of oil plants, the final product of the formation of glycerides is glucose. Glycerol and carbon biomolecules are biosynthesized from glucose. After this biochemical phenomenon, high molecular weight carboxylic acids react with glycerol, which is the cause of the formation of oils in the vegetative parts of plants.

Key words: high molecular weight carboxylic acids, plants, glucose, glycerol, biosynthesis, oil, acid number, saponification number, ester number.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Иброҳимзода Дилшод Эмом*** - доктори илмҳои химия, и.в. профессори кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75. E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Маҳмудова Таҳминаи Муминҷон - номзади илмҳои техники, и.в. дотсенти кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: (+992) 005-88-51-00. E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.
Абдураҳмонзода Абдулвосит Холиқ – н.и.х., и.в.дотсенти кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсолии маҳсулоти хӯрокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо 10, e-mail: abdulvosid65@mail.ru.
Гиёев П.Р.- магистри курси 2 кафедраи “Биохимия”-и Донишгоҳи милии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17, Телефон: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Сведения об авторах: Ибрахимзода Дилшод Эмом – доктор химических наук, и.о. профессора кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими,. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Махмудова Тахминаи Муминджон **-** кандидат технических наук, и.о.доцента кафедры переработки энергоносителей и нефтегазового сервиса Таджикского технического университета им. акад. М.С. Осими. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. Телефон: (+992)005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.
Абдурахмонзода Абдулвосит Холик – к.т.н., и.о.доцента кафедры машин и аппаратов промышленности пищевых продуктов Таджикского технологического университета **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект акад. Раджабовых,10. E-mail: abdulvosid65@mail.ru.
Гиёев П.Р – магистр 2-го курса кафедры “Биохимия” Таджикского национального университета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91 @mail.ru.

Information about the authors: ***Ibrohimzoda Dilshod Emom*** - Doctor of Chemical Sciences, Acting Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Services, Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi ,. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabovs, 10. Phone: (+992) 905-22-44-75 E-mail: ibrogimov_75@mail.ru.
Makhmudova Takhminai Muminjon - Candidate of Technical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. Phone: (+992) 005-88-51-00 E-mail: Poshokulzoda91 @ mail.ru.
Abdurakhmonzoda Abdulvosit Kholik **-** Candidate of Chemical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Machinery and Apparatus for the Food Industry of the Tajik Technological University Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. E-mail: **abdulvosid65@mail.ru.**
Giyoev P.R. - Master of the 2nd year of the Department of Biochemistry, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 005-88-51-00, E-mail: Poshokulzoda91@mail.ru.

УДК:616.133.286(575.3)

МАНБАҲОИ АСОСИИ СИРОЯТЁБИИ ХУҶАИНИ МОБАЙНИИ ЭХИНОКОККОЗИ АЛВЕОЛАРӢ

Пирова Ш.Қ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Муҳиммияти мавзӯъ. Эхинококкози алвеолярӣ (*Echinococcus multilocularis*) яке аз бемориҳои паразитии (муфтхӯр) одам ва ҳайвон ба шумор меравад, ки мушкилоти ҷиддиро ҳам дар илми бойторӣ ва ҳам дар саломатии инсон ба миён гузоштааст [1].

Гельминтозҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок – зоонозҳо, ки ангезандаи онҳо метавонанд аз ҳайвоноти хоҷагӣ ба одамони синусолашон гуногун гузарад ва боиси аз даст додани саломатӣ гардида ба маюбӣ оварда расонад, яке аз проблемаҳои муҳими саломатии аҳолӣ ва тибби байтории тамоми кишварҳои ҷаҳон мебошад [2].

Эхинококкози алвеолярӣ ё эхинококкози бисёркамерагӣ - як намуди бемории ҳайвоноти хоҷагӣ ва одамон мебошад, ки барангезандаи он марҳилаи кирминагии муфтхури сестодҳои оилаи Taeniidae аз зергурӯҳи Taeniata мебошад. Кирминаҳои он метавонанд асосан дар рӯдаи саг, гург, рубоҳ, шағол дар натиҷаи истифодаи гушти сироятдида ҷой гиранд. Лавросистаҳо бошад инчунин метавонанд дар ҷигар, шуш, майнаи сар низ ҷойгир шаванд. Тухмҳои кирминаи эхинококки алвеолярӣ дар бадани ин ҳайвонотҳо ҷойгир шуда метавонад ҳамроҳи наҷосат дар ҳамаи ҷойҳои гаштугузоркунандаи онҳо (дар чарогоҳ, дар рӯи замин, дар ҷойи истифодаи оби нӯшокии умумии одамон ва ҳайвонот) афтанд. Кирминаи паразит дар навбати худ ҳароҳи ғизо дар бадани хуҷаинҳои мобайнӣ (гӯспанд, бӯз, гов, асп, хар, хук ва дигар ҳайвонҳои гуногуни ваҳшӣ) инкишоф меёбад. Одамон низ барои ин намуди паразит хуҷаини мобайнӣ ба ҳисоб мераванд. [3].

Зарари солонаи ин намуди паразит ба одамон ва ҳайвоноти хоҷагӣ дар аксар кишварҳои эндемикӣ метавонад аз даҳҳо миллион то ду миллиард долларро ташкил диҳад [4]. Ҳангоми омӯзиши зарари иҷтимоию иқтисодии эхинококкози алвеолярӣ маълум гардидааст, ки шумораи талафот, ки ба давомнокии беморӣ алоқаманд аст, ҳамасола дар рӯи замин дар байни одамон аз 1 то 3 миллион нафарро ташкил медиҳад [5]. Тибқи маълумоти Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ), барои табобати як бемори гирифтори эхинококкози алвеолярӣ бинобар сабаби давомнок будани давраи беморӣ (аз 10 то 15 сол) тақрибан наздикии то 10 ҳазор доллараи ИМА сарф карда мешавад [5,6].

Одамон асосан ҳангоми истеъмоли ғизо ва оби аз тухми эхинокок сироятёфта заҳролуд мегардад. Эхинококоз бемории музмин буда пайдоиши клиникии муайян надорад. Баъзан аломатҳо ба монанди аллергия –эозонофилия мушоҳида мешавад. Суръати муайяншавии аломатҳо бештар аз ҷойгиршавии эхинококк дар узвҳои бадани одам вобастагӣ дорад. Беморӣ баъзан солҳои дароз давом мекунад ва дар баъзе ҳолатҳо якбора муайян мегардад. Баъди марг ҳангоми ташхис кардан эхиноккококоз дар ҷигар, шуш, майнаи сар ва дигар узвҳо муайян мегардад.

Тибқи сарчашмаҳои илмӣ бемории эхинококкоз аз ҷумла эхинококкози алвеолярӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон байни ҳайвоноти хоҷагӣ ва аҳолӣ ба назар мерасад, ки омӯзиши манбаҳои асосии сироятшавии одамон муҳимияти омӯзишии худро дорад.

Мақсади тадқиқот: Омухтани манбаи асосии сироятшавии хӯҷаини мобайнии эхинококкози алвеолярӣ дар ноҳияҳои тобеъи Тоҷикистони Марказӣ.

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Маводҳои дар ин тадқиқот истифодашуда асосан маълумотхои шуъбаҳои ветеринарии шахру ноҳияҳои Тоҷикистони марказӣ мебошанд.

Дар тадқиқот усулҳои умумии кабулгардидаи тадқиқотии гелминтологӣ истифода бурда шуданд. Хуҷаинҳои мобайнии эхинококкози альвеолярӣ омухта шуд.

Натиҷаи тадқиқот. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки манбаи асосии сироятёбӣ аз эхинококози алвеолярӣ ва хуҷаини мобайнии он дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони марказӣ асосан сагҳои бесоҳиби дайду ва чупонӣ мебошанд. Ин хатар бо сабаби зиёд будани шумораи ҳайвоноти бесоҳиб ва беназорат метавонад якчанд маротиба зиёд шавад. Дар байни гелминтозҳо эхинококкози алвеолярӣ бо хосияти патогении махсус фарқ мекунад. Ээхинококкози алвеолярӣ дар организми доираи васеи хӯҷаин (зиёда аз 70 намуд) ва одамон паразити карта, ба саломатии хуҷаинашон зарар ва ба соҳаи чорводорӣ зарари калони иктисодӣ мерасонад.

Беморшавии сагҳои чӯпонӣ аз гурӯҳи намояндаи сестодҳо аз 9 до 42 фоиз, сагҳои бесоҳиб аз 12 то 45 фоиз ва сагҳои соҳибдори беназорат дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои ин минтақаҳо аз 5 до 12 фоизро ташкил медиҳад.

Сабаби ин ҳолати ғайриқаноатбахши байторӣ аз набудани назорати санитарию эпидимологӣ дар фермаҳои чорвопарварӣ, ва ҷойҳои махсуси забҳи чорво дар хоҷагиҳо ва минтақаҳои гуногуни зисти аҳолӣ вобастагӣ дорад. Дар шаҳрҳои калон набудани ҷойи махсуси забҳи чорво ва ташкил накардани ҷойи махсус барои ҷамъкардани маҳсулоти баъди забҳи чорво пайдошуда махсусан аз кирмҳои паразитии дар қисмҳои узвҳои бадани чорвои забҳшуда пайдошуда аз ҷумла; ҷигар, шуш, мушак, майнаи сар, бофтаҳо вағ., аз эхинококк зарардида мебошад. Тадқиқотҳо муфйян кард, ки ҳамаи ин қисмҳои зарардидаи бадани чорвои забҳшуда дар ҳама ҳолатҳо тӯъмаи сагҳои хонагии беназорат, бесоҳиб ва чупонӣ ҳангоми забҳи чорво дар назди хонаҳои истиқоматӣ ва дигар ҷойҳои номуайяни шаҳрҳо мегардад.

Натиҷаҳои тадқиқотҳо нишон доданд, ки умуман дегелминтизатсияи сагхо дар ин минтақаҳо ҳам дар ноҳияҳо ва ҳам шаҳрҳо гузаронда намешавад. Маълум гардид, ки сабаби паҳншавии бемории эхинококкоз пеш аз ҳама аз паст будани сатҳи саводнокии байтории аҳолӣ, чорводорон ва шахсони забҳкунандаи чорво низ вобастаги дорад, ки бо гуноҳи онҳо сагҳо ва дигар ҳайвоноти гӯштхӯр дар ҳама ҳолат маҳсулоти забҳкардаи сироятдоштаи беназоратмондаи онҳоро истеъмол мекунанд. Тадбирҳои иловагии танзимкунандаи нигоҳубини сагҳо дар хонаҳои истиқоматӣ, ба қайд гирифтани сагҳои ҳарҷогарди бесоҳиб, ва реҷаи муайяни ғизодиҳӣ ба сагҳои чупонӣ умуман вуҷуд надорад.

Дар солҳои охир новобаста аз он, ки таваҷҷӯҳи одамон ба сагҳо махсусан ба хотири муҳофизати хонаҳои зист ва рамаҳо афзоиш ёфтааст, масъулияти нигоҳубин, ҷойи нигоҳдош ва аз гизоҳои зарурӣ таъмин намудани онҳо назорати қатъиро талаб мекунад, риоя карда намешавад. Ҳифзи ҳайвонҳо махсусан сагҳо дар ин шаҳру ноҳияҳо назорати ҷиддӣ карда намешавад ва барои сагҳои бесоҳиб паноҳгоҳ ва ҷойҳои махсуси нигоҳдорӣ умуман мавҷуд нест.

Тавассути матбуот, радио ва оинаи нилгун дар бораи мухофизати ҳайвонҳои бесоҳиб аз ҷумла сагҳо ташфиқоти зарурӣ бурда намешавад. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар натиҷаи дуруст ба роҳ намондани тадбирҳои муайян шумораи сагҳои бесоҳиб ва беназорат шумори онҳо дар ин шаҳру ноҳияҳо сол аз сол дар афзоишаст. Ба гуфтаи коршиносон, танҳо дар пойтахт шаҳри Душанбе шумораи сагҳои бесоҳиби ҳарҷогард аз 1000 зиёд гардидааст.

Баъзан дар матбуотҳои даврӣ оиди ҳамлаи сагҳои бесоҳиб ба одамон хабарҳо пешниҳод мегарданд, аммо роҳҳои ҳалли дурусти масъала аз тарафи мутахасисон ва масулон пешниҳод намегардад. Ҳамасола садҳо нафар махсусан кудакон пас аз газидани сагҳои бесоҳиб ба марказҳои табобатӣ мурочиат мекунанд.

Баъди соли 2010 то мнрӯз тибқи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ беш аз 30 ҳолати гирифторӣ одамон ба бемории саггазидаи ҳорӣ ба қайд гирифта шудааст, ки оқибаташ марговар мебошад. Шумораи шахсоне, ки мавриди ҳамлаи сагони ҳарҷогард қарор мегиранд, мунтазам меафзояд. Сагон ба гайр аз касалии ҳорӣ, гузаронандаи бисьёр бемориҳои барои одамон хавфнок ба монанди: язваи сибирӣ,

бруселлёз, сил, туляремия, салмонеллез, бемориҳои хоришак; аз чумла демодекоз, лейшманиоз, описторхоз, дипилидиоз, токсакороз, трихиноз ва албатта эхинококкоз мебошанд. Аз ин ру, сагон, ки мегуянд ба одамон вафодоранд ва дӯсти чорпойи одамон ба ҳисоб мераванд, душмани ашаддии санитарӣ барои одамон шуда метавонад, махсусан сагони бесоҳиб.

Зиёдшавии шумораи одамон ба бемории эхинококкоз сабаби афзоиши алоқаи одамон ва сагҳо мебошад, ки он интиқолдиҳандаи асосии ин бемории хатарнок аст. Бо максади таъмини бехатарии саломатии одамон аз сагҳои бемори бесоҳиб, соҳибдори беназорат ва сагҳои чупонӣ ташкил намудани бригадаҳои махсус барои несту нобуд кардани онҳо зарур аст.

Дар хочагиҳои чорводорӣ ба рамаҳои алоҳидаи гову гуспандҳо миқдори муайяни саршумори сагҳо муайян карда шавад ва миқдори онҳо бояд аз 2то3 адад зиёд набошад. Ҳамаи сагҳои хонагиро аз ҷумла сагҳои муҳофизатиро аз огилхонаҳо, партовҷойҳо, назди хонаҳои забҳи чорво, дур нихох додта шавад. Гаштугузори онҳоро дар ҷойи назди истифодаи оби умумӣ, парвариши зироятҳои хоҷагӣ, нигоҳдошти маҳсулоти ғизоӣ, ошхонаҳо, ҷойҳои махсуси нигоҳдоши маҳсулоти хурокаи чорво, нуқтаҳои савдо ва бозорҳо ва ҷойҳои серодам назорат кардан зарур аст. Сагҳои чупонӣ дар вақти берун будани рамаҳо аз чарогоҳ бояд баста нигоҳ дошта шавад. Дар ҷойҳое, ки сагҳо нигоҳ дошта мешаванд, наҷосати онҳоро мунтазам ҷамъ карда, сӯзондан ё дар чуқурии замин гӯр кардан зарур аст. Бакайдгирӣ ҳамаи сагҳои хонагӣ, чупониро ҷорӣ намуда, онҳоро дегельмизасия кардан зарур аст. Сагхои бесоҳибро мунтазам назорат карда барои пешгирӣ аз зиёдшавии онҳо чораҳои несту нобудсозиро ҷорӣ намудан зарур аст. Бо ин мақсад дар ин шаҳру ноҳияҳо гуруҳҳои махсуси доимии назораткунанда аз болои ҳайвоноти бесоҳиб ва беназорат бояд ташкил карда шавад.

Дар фермаҳои чорводорӣ ва нуқтаҳои аҳолинишин корҳои ободонию санитарӣ ба монанди тоза кардани поруи ҳайвонот бо максади пешгирӣ намудани сироятёбӣ аз пашшаю магазҳо ва дигар хашарот бо гузаронидани чорабиниҳои интексикатсионӣ ҳатмӣ мебошад. Ба ҳама сагҳои аз 2 моҳа калон тавсия дода мешавад, ки мунтазам ба дегелминтизатсияи профилактикӣ гузаронида шавад.

Дар хочагихо дегелминтизации сагҳоро дар минтақаҳои алохидаи махсуси чиҳозонидашуда аз руи технологии парвариши чорво ҳамасола на кам аз 4 маротиба гузаронда шавад. Дар ин чо технологии парвариши чорво ва давраҳои хавфи сироятёбии ҳайвонот аз ларвосистаи тениид-ро низ бояд ба назар гирифт.

Аммо бояд қайд кард, ки дар давоми 2 соли омӯзиш ба мо маълум гардид, ки дар ягон ноҳия ва шаҳрҳои Тоҷикистони марказӣ деминтизатсияи ҳайвонот ба таврӣ кофӣ ташкил карда нашудааст. Дар баъзе хоҷагиҳои ноҳияи Ҳисор деминтизатсияи ҳайвонот характери махаллӣ дорад ва он масоҳати калонро дарбар намегирад, хол он ки сагҳои инвазии бемор аз фермаҳо ва пунктҳои аҳолинишин метавонистанд озодона гашту гузор намоянд ва минтақаҳои аҳолинишинро сироят кунанд. Бинобар ин, бо ба таври зарури ташкил накардани дегелминтизатсия дар ин хочагҳои солимгардонӣ гусфандон ба касалии эхинококкоз ва сенероз доимо аз нав сироят медиданд.

Дар қатори дигар минтақакуҳҳо, доманакуҳҳо махсусан барои паҳншавии бемории эхинококоз хело мусоид мебошанд. Аксар вақт кистаҳои гитадидии эхинококҳо дар кудакони ин минтақаи аз 6 то 15 сола (2,9 ба 100 ҳазор аҳолӣ) ҳангоми ҷарроҳӣ намудан ва муоинаи рентгенӣ кардан мушоҳида гардидааст.

Дар одамони калонсоли ин минтақаҳо бемории эхинококкоз аз 100 ҳазор нафар аҳолӣ 0,7 нафарро ташкил медиҳад. Аз соли 2015 до 2022 дар байни аҳолиҳои ин минтақаҳо наздикии аз 105 до 150 ҳолати сироятёбӣ аз ин намуди беморӣ ошкор гардидааст.

Ҳамин тавр натичахои муоинаи эпизоотологӣ нишон доданд, ки дар аксари хочагиҳои гусфандпарварӣ ва чорводории ин минтақаҳо дегелминтизатсияи сагҳои

чупонӣ низ ба роҳ монда намешавад ва ҳолати санитарӣ-гигенӣ дар ин хоҷагиҳо ба талаботи байторӣ ҷавоб дода наметавонад. Ҳамчунин мониторинги эпизоотикии эхинококкози сагҳо гузаронида намешавад. Шиддати баланди ҷараёни эпизоотию эпидемии эхинококкоз на танҳо бо гардиши интенсивии микроорганизм дар байни сагҳо (ЭИ = 36—45%), ҳайвоноти ваҳшӣ, балки бо нокифоя будани корҳои тарбиявӣ, ташвиқотию тарғиботӣ байни одамони ин минтақаҳо шарҳ додан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Абуладзе К.И. Паразитология и инвазионные болезни сельскохозяйственных животных/ К.И. Абуладзе и др//.- М.:Агропромиздат, 2016.
2. Бессонов, А.С. Цистный эхинококкоз и гидатидоз / А.С. Бессонов. – Москва : Локус Станди, 2007. – 672 с.
3. Василевич, Ф.И. Общая паразитоло-гия : учеб. пособие / Ф.И. Василевич, А.С. Донченко, И.М. Зубарева. – Москва : Изд-во МГАВМиБ, 2013. – 173 с.
4. Емец, А.М. Роль диких хищных животных в распространении эхинококкоза в условиях Северо-Востока Украины / А.М. Емец // Теория и практика борьбы с паразитарными болезнями : материалы докл. науч. конф. – Москва, 2010. – Вып. 11. – С. 176-178.
5. Муминов А. Распространение, диагностика и специфическая профилактика эхинококкоза животных в РТ/ А. Муминов., К.Б Махмудов., Х.Э. Назаров // Сб. статей междунар. научнопракт. семинара, посвященного 90-летию академика Мустакимова Р.Г. «Обеспечение национальной системы биологической безопасности: практика, концепция, программы».Душанбе, 2014.-С. 93-96.
6. Новак, М.Д. Паразитарные болезни животных : учеб. пособие / М.Д. Новак, А.И. Новак. – Изд-во РГАТУ. - Рязань, 2012. - 214 с.

МАНБАҲОИ АСОСИИ СИРОЯТЁБИИ ХУҶАИНИ МОБАЙНИИ ЭХИНОКОККОЗИ АЛВЕОЛАРӢ

Эхинококкози алвеолярӣ бемории ҳайвонот ва одамон мебошад, ки дар натиҷаи паразити марҳилаи кирми сестодҳои оилаи Taeniidae аз зергурӯҳи Taeniata ба вуҷуд меояд. Кирминаҳои он метавонанд асосан дар рӯдаи саг, гург, рубоҳ, шағол ҷой гиранд. Лавросистаҳо бошад инчунин метавонанд дар ҷигар, шуш, майнаи сар низ ҷойгир шаванд. Тухмҳои кирминаи эхинококки дар бадани ҳайвоноти гуногун ҷойгир шуда метавонад ҳамроҳи наҷосат дар ҳамаи ҷойҳои гаштугузоркунандаи онҳо (дар чарогоҳ, дар рӯи замин, дар ҷойи обнӯшии умумии одамон ва ҳайвонот) афтанд. Паразит дар навбати худ дар бадани хуҷаинҳои мобайнӣ (чорвои майдаи хонагӣ, гов, асп, хар, хук ва дигар ҳайвонҳои гуногуни ваҳшӣ) инкишоф меёбад. Одамон низ барои ин намуди паразит хуҷаини мобайнӣ хуҷаини мобайниand.Манбаи асосии сироятёбӣ аз эхинококози алвеолярӣ ва хуҷаини мобайнии он дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони марказӣ асосан сагҳои бесоҳиби ҳарҷогард ва чупонӣ мебошанд. Ин хатар бо сабаби зиёд будани шумораи ҳайвоноти бесоҳиб ва беназорат метавонад якчанд маротиба зиёд шавад. Дар байни гельминтозҳо эхинококкози альвеолярӣ бопатогении махсус фарқ мекунад. Вай доираи васеи хӯҷаин (зиёда аз 60 намуд) ва одамон паразити карта, ба саломатии хуҷаинашон зарар ва ба чорводорӣ зарари калони иктисодӣ мерасонад. Бемории сагҳои чӯпонӣ бо гуруҳи намояндаи сестодҳо аз 9 до 42 фоиз, сагҳои бесоҳиб аз 12 то 45 фоиз ва сагҳои соҳибдори ноҳияҳо шаҳрҳои ин минтақаҳо аз 5 до 12 фоизро ташкил медиҳад

Калидвожаҳо: манбаъ, сироятёбӣ, эхинококкоз, хуҷаин, беморӣ, одам, ҳайвонот, рӯдаҳо, саг, наҷосат.

ОСНОВНЫЕ ИСТОЧНИКИ ЗАРАЖЕНИЯ ПРОМЕЖУТОЧНОГО ХОЗЯИНА АЛЬВЕОЛЯРНОГО ЭХИНОКОККОЗА

Альвеолярный эхинококкоз — заболевание животных и человека, вызываемое паразитом личиночной стадии цестод семейства Taeniidae из подгруппы Taeniata. Его личинки можно найти в основном в кишечнике собак, волков, лисиц и шакалов. А еще лавроцисты могут располагаться в печени, легких, головном мозге. Яйца личинок эхинококков находятся в организме различных животных и могут попадать вместе с фекалиями во все места, где они гуляют (на пастбище, на землю, в общую поилку людей и животных). Паразит, в свою очередь, развивается в организме промежуточных животных (домашнего скота, коров, лошадей, ослов, свиней и других диких животных). Человек также является промежуточным хозяином для этого вида паразита.Основным источником заражения альвеолярным эхинококкозом и его промежуточным хозяином в различных районах центрального Таджикистана являются бездомные собаки и овчарки. Этот риск может возрасти в несколько раз из-за большого количества бродячих и безнадзорных животных. Среди гельминтозов особой патогенностью отличается альвеолярный эхинококкоз. Является паразитом широкого круга кур (более 60 видов) и человека, нанося ущерб здоровью кур и большой экономический ущерб животноводству. Болезни овчарок с репрезентативной группой цестод составляют от 9 до 42%, бродячих собак - от 12 до 45%, а служебных собак районов и городов этих областей - от 5 до 12%.

Ключевые слова: источник, заражение, эхинококкоз, хозяин, заболевание, человек, животные, кишечник, собака, фекалии.

THE MAIN SOURCE OF INFECTION OF THE INTERMEDIATE HOST IS ALVEOLAR ECHINOCOCCOSIS

Alveolar echinococcosis is a disease of animals and humans caused by a parasite of the larval stage of cestodes of the family Taeniidae from the subgroup Taeniata. Its larvae can be found mainly in the intestines of dogs, wolves, foxes and jackals. Laurocysts can also be located in the liver, lungs, and brain. The eggs of echinococcus larvae are in the body of various animals and can get along with feces into all places where they walk (on pasture, on the ground, in a common drinking bowl for people and animals). The parasite, in turn, develops in the body of intermediate animals (livestock, cows, horses, donkeys, pigs and other wild animals). Humans are also intermediate hosts for this species of parasite.The main source of infection with alveolar echinococcosis and its intermediate host in various regions of central Tajikistan are stray dogs and sheep dogs. This risk can increase several times due to the large number of stray and neglected animals. Among helminthiases, alveolar echinococcosis is particularly pathogenic. It is a parasite of a wide range of chickens (more than 60 species) and humans, causing damage to the health of chickens and great economic damage to livestock. Diseases of shepherd dogs with a representative group of cestodes range from 9 to 42%, stray dogs - from 12 to 45%, and service dogs of districts and cities of these regions - from 5 to 12%.

Key words: source, infection, echinococcosis, host, disease, human, animals, intestines, dog, feces.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Пирова Шаҳодат Қуввatовна***– Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино, Тоҷикистон, унвонҷӯии кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетика. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳриДушанбе, хиёбони Рӯдакї, 139.
E-mail: **SH.Pirova@mail.ru.**

Сведения об авторе: ***Пирова Шаходат Куввatовна*** – Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино, соискатель кафедры медицинской биологии с основами генетики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 139. E-mail: **SH.Pirova@mail.ru.**

Information about the author: Pirova Shakhodat Kuvvatovna - Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino, applicant for the Department of Medical Biology with the basics of genetics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 139. E-mail: **SH.Pirova@mail.ru**

УДК:619.15

РИОЯИ РЕҶАИ ВЕТЕРИНАРИЮ САНИТАРӢ ДАР ФЕРМАИ ХАРГУШПАРВАРӢ

Умарова О.У.
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Муҳиммияти тадқиқот. Эймериоз (коксидиоз) як бемории протозои дар ҳама ҷо паҳншудае мебошад, ки бо камғизоӣ ва вайроншавии кори меъдаву рӯда ва ҷигарро ҳамроҳӣ мекунад. Сироятёбии харгӯшҳо ба бемории эймериоз дар баъзе ҳолатҳо то ба 100% -ро метавонад ташкил диҳад. Бемории эймериозро якчанд намуди коксидҳо ба вуҷуд меоранд, ки дар рӯдаҳо ва ҷигари харгӯшон ҳаёти муфтхӯриро аз сар мегузаронанд. Ҳар як намуди коксидия вобаста аз ҷойгиршавӣ метавонад дар узв ё қисмати мушаххаси рӯдаи харгӯш ҷойгир шавад. Аксар вақт коксидҳо бештар дар луобпардаи танаи рӯдаҳо ва бофтаҳои ҷигар ҳаёти муфтхӯрӣ мегузаронанд. Коксидияҳои рӯда метавонанд боиси бемории коксидиози рӯда ва коксидияҳои ҷигар боиси бемории коксидиозии ҷигар мегардад. [1].

Одатан ба харгӯшҳо ҳам барангезандаҳои коксидҳои рӯда ва коксидҳои ҷигар боиси сироятёбӣ мегарданд. Харгушпарварӣ яке аз шаклҳои ояндадори хоҷагидорӣ барои истеҳсоли маҳсулоти хочагӣ ба монанди гӯшти парҳеӣ ва пӯст дар замони имрӯза ба шумор меравад. Чи тавре, ки аз маълумотҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии Тиҷорат, меъёри истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ба ҳар сари аҳолии рӯи замин дар як сол то 65-70 килограммро ташкил медиҳад. Гӯшти парҳезӣ дар ғизои шабонарӯзии ҳар як одам бояд на камтар аз 6 фоизи ҳаҷми умумии истеъмоли маҳсулоти гӯштиро ташкил диҳад. Дар истеъмоли гӯшти парҳези аҳолии кишварҳои пешрафтаи Аврупо миқдори истифодаи гӯшти харгуш ба ҳисоби миёна то 8 фоизи умумиро ташкил медиҳад, ки дар муқоисаи ин дар баъзе кишварҳои ин минтақа истифодаи ин гӯшт аз 1 фоиз беш нест. [2,3].

Тибқи пешгӯиҳои Созмони байналмилалии ғизо истемоли гушти парҳезии харгӯш дар ратсиони хӯроки инсон дар солҳои наздик ҷойгоҳи муҳимро бояд ишғол кунад. Ин аллбата бо зиёдкардани саршумори онҳо бо таъсиси корхонаҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ алоқамандии зич дорад. Айни ҳол дар давлатҳои тараққикардаи рӯи олам аз ҳисоби харгушпарварӣ кариб -9 фоизи махсулоти зоотехники истеҳсол карда мешавад, ки он баъд аз чорвои калон, парранда ва хук ҷои чорумро ишгол мекунад. [4,5].

Харгушҳо ҳайвоноте мебошанд, ҳангоми таваллуд хамагӣ 35-75 грамм вазн дошта дар охири ҳафтаи чорум вазни зиндаи онҳо то 8 баробар меафзояд. Дар сурати истеъмоли хӯрокаҳои сергизо ва ташкили чораҳои зидди эпидемикӣ, дар синни семохагӣ вазни кушташуда онҳо то ба 2,5-3,0 килограмм мерасад, ки ин назар ба вазни зиндаи харгуши навзод то ба 40 баробар зиёд аст. [6]

Гӯшти харгӯш аз ҷиҳати таркиби витамину минералаш дар байни ҳамаи навъҳои гӯшт яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад. Аз сабаби дар таркибаш кам будани нахҳои коллаген ва эластин, гӯшти харгӯш ба бадани инсон тезтар ва осонтар ҷаббида мешавад. Аз ин рӯ, мутахасисони соҳаи ғизо тавсия медиҳанд, ки гӯшти харгӯшро одамоне, ки дар минтақаҳои зисти заминаи радиатсионидошта ва беморони саратонӣ муолиҷаи химиотерапия гирифта бояд бештар истифода баранд. [7,8].

Сироятёбии харгӯшҳо аз бемориҳои гуногун бештар тавассути ғизо, об, шир ва ҷойи зисти сироятёфта рух медиҳад. Харгушхо аз рузҳои аввали ҳаёт — ҳангоми макиданн шир аз пистони модар, ки бо оотситхои коксидия захролуд шудаанд ва баъд ба воситаи хурок, об, ва ҷойи зисте, ки барангезандаи коксидиоз доранд бештар гирифтор мешаванд.

Ҳамин тавр, бинобар сабабе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар корҳонаҳои хусусӣ, коллктивӣ ва хонаҳои шахсӣ харгушпарварӣ ташкил гардидааст, омӯзиши солим нигоҳдоштан ва бештар фоидаовар будани харгушпарварӣ, омӯзиши ин проблемма актуалӣ мебошад.

Мақсади омӯзиш. Омӯзиши реҷаи тадбирҳои ветеринарию санитарӣ дар фермаҳои харгушпарварӣ.

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Тадқиқот дар нимаи якуми соли 2022 дар хоҷагии хусусии харгӯшпарвории ҶДММ деҳаи Парчасойи ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон гузаронида шуд. Дар хоҷагӣ аз рӯи саршумор зиёда 300 харгӯши зоти гӯштии Фландрил парвариш карда мешавад. Мавҷудияти коксидҳо дар таркиби саргинҳои харгӯшони таҷрибави дар лабораторияи кафедраи паразитология ва фармокологияи ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур гузаронида шуд. Саргини харгӯшони таҷрибавиро ба пробиркаи махсус гирифта ба он маҳлули 2 %-и дихромиди калий илова намуда онро ба косачаи бактериологӣ гирифта ба тертмостат барои афзоиши коксидҳо дар ҳарорати 27-28^{0}С дар муддати 12 рӯз гузоштем. Барои омӯзиши намудҳои эймериоз ҷадвали Э.М.Кейсин (1967) истифода карда шуд. Дар таркиби саргин мавҷудияти коксидияҳо бо усули Котельников-Хренов муайян карда шудааст. Дар вақти омӯхтани оотситҳои коксидҳо аломатҳои клиникӣ нишондодҳо бо усули капрологӣ ошкор карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо. Дар фермаҳо умуман сар задани инвазия дар натиҷаи вайрон кардани коидахои ветеринарию санитарей ва вайрон шудани талаби нигоҳдорӣ ва хурокдиҳии харгушҳо ба амал меояд: дар вақти дар ҷойи серодам нигоҳдоштани қафаси харгушҳо, дар як кафас нигоҳдоштани харгушҳои синну соли гуногундошта; риояи қоидаҳои тозагӣ дар қафасҳо аз сернамӣ; мутавозунии ғизо барои маводи ғизоӣ, витаминҳо (А, В, С, D) ва минералҳо; ба ратсиони хӯроки харгӯшон дохил кардани хуроки дорӣ биосҳои коксид (шири хушкидашуда ё равган, юнуча ва гандум); вайрон кардани коидаҳои санитарию гигиении хурокдиҳӣ, додани хуроки пастсифат, гузаронидани якбора аз як хурок ба хуроки дигар.

Махсулнокии хайвоноти хочагии кишлок 50—55 фоиз ба хуроки дуруст, 20—25 фоиз ба хусусиятхои генетикй ва дарачаи кори селекцияю зотпарварй, 20—30 фоиз ба шароити микроклим вобаста аст. Дар шароити мусоиди микроиклим махсулнокии потенциалсиалии хайвонот хамагй 20—30 фоиз истифода шуда, мухлати парвариш ва истифодаи сермаҳсули онҳо кам мешавад.

Хоҷагиҳои харгушпарварии ҶДММ деҳаи Парчасойи ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон дар таҳти режими корхонаи пушида кор мекунад, ки он аз минтақаи гирду атроф пурра чудо буда майдони истеҳсолии хочагӣ таъмин мебошад. Даромад ба он бояд танҳо тавассути гузаргоҳи байрӣ-санитарӣ ва вуруди воситаҳои нақлиёт тавассути садди дезинфекция сурат мегирад. Пунктдои ветеринарно-санитарӣ ба сифати обектдои ветеринарии сархаддӣ хизмат мекунанд. Ба ферма омадани шахсони бегонае, ки бо просесси истехсолии он алокаманд нестанд, катъиян манъ мебошад. Дар хар як ферма вобаста ба саршумори хайвонот, технологияи истехсолот, таҷхизоти техникӣ графики ҳарруза тартиб дода мешавад, ки онро роҳбар ферма тасдиқ намуда, ба диққати ҳамаи кормандон мерасонад. Тартиби иҷроиши ҳама намудҳои кори икрокардаи кормандони хоҷагӣ, давомнокии онҳоро нишон медиҳанд.

Вазифаи корманди нигоҳубини ҳайвонот аз инҳо иборат буд: тақсимоти ғизо (дона, брикет, алаф, ва дигар маҳсулотҳои ғизоӣ), об додан, омода кардани харгӯш барои ҷуфтшавӣ, таваллуд, назорати ҳолати ғадудҳои ширӣ дар харгӯшҳо, нигоҳ доштани ҳолати санитарӣ дар қафасҳо, тоза кардани қафасҳо, кашондани харгушхо дар дохили ферма, тоза кардани биноҳо, хурокдиҳӣ, шустани косаҳои махсусӣ обнушокӣ иборат буд.

Кор дар фермаи харгушпарварӣ тавре ташкил карта шудааст, ки дар рафти просессҳои истехсолӣ сироятёбии харгушон зери назари муттахасисон қарор дошт. Ҳамаи коркунони ферма мувофиқи стандартҳои амалкунанда бо халат, пешдоман, мӯза, дастмол, собун таъмин карда буданд. Ба хар як корманди хоҷагӣ асбобу анҷоми нигохубини хайвонот, вагончаҳои махсус барои нигоҳдоти хуроки чорво, куттиҳо обнӯшӣ, зарфҳо барои чамъкардан ва кашондани ҳайвоноти мурда таъин шуда буданд. Ҳар рӯз пас аз анҷоми кор тозакунии механикӣ ва дезинфекатсия карда мешаванд.

Барои пешгирӣ кардани сироят аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар ё аз сарой ба хонаи дигар, тамоси кормандони хидматрасонӣ маҳдуд карда шуда буд. Пеш аз дохил шудан ба хар як хона ё сарой тахтачаҳои дезинфексиякунонӣ ҷиҳозонида шуда буданд. Дар ҳар як ҳуҷра зарфҳои дастшӯйӣ (бо собун ва дастмол) ва зарфҳо бо маҳлули дезинфексия барои безараргардонии дастҳо гузошта шудабуданд. Пас аз кор кардан бо ҳайвонҳо ё анҷом додани ҳама гуна корҳои умумӣ ба монанди ваксинкунӣ, вазнкашӣ, муоинаи клиникӣ дастҳои мутахасисон шуста ва дезинфексия карда мешуд.

Дар комплекси тадбирхои санитарӣ- дезинфексионӣ дар ин корхона ҷойи махсусро ишгол мекунад. Ҳар як қафаси аз харгӯш озодшуда бояд дезинфексия карта мешавад.

Барои нигоҳ доштани ҳайвоноти ҷавон, таъмини шароити санитарӣ дар қафасҳои нигоҳдори харгӯшон ва вобаста аз сину-сол ҷудонамуда шуда. Иинчунин ҳолати санитарии хӯрокхӯрӣ ва обдиҳӣ пурра зери назорат қарор дошт. Ду-се рӯз пеш аз таваллуди харгӯш дар қафас як қуттии дезинфексияшудаи ҷудо гузошта мешавад. Пас аз таваллуд қуттиҳоро аз назар мегузаронанд ва аз он харгӯшҳои мурда, чиркин ё пашми чиркиндорро ҷудо карда мегиранд. Дар рузҳои аввали ширдиҳӣ ба холати ғадудҳои шири харгушҳо диққат дода мешавад. Агар дар пистонҳо тарқишҳо, харошидан, нешзанӣ пайдо шуда бошанд, табобат таъин карда мешавад, то, ки мастити ғадуди шир пайдо нашавад ва дар он микроби стафилококк сироят накунад. Дар чунин вазъият пешгирии харгушҳо аз касалии пиемия ва пневмония гирифта мешавад. Он боиси суст инкишоф ёфтан ва суст инкишоф ёфтан гардида баъзан аз сабаби сирояти стафилококк мемиранд.

Дар шароити ҳозираи фарбеҳ кардани харгушхо, ки асосан дар асоси гизодиҳии маҳсулоти донагӣ ва ҳаргуна иловакунандаҳои ғизоӣ вобастагӣ дорад дар ин ферма риоя мегардид. Ба харгушҳои ширдеҳ обн фаровон додан дода мешуд, ки то ҷавонаро бо шири хуб таъмин кунад. Талаботи тахминии об барои харгушҳо чунин аст дар ин ферма гунин буд: ҳаргушҳои калонсол - 200 - 250 грамм, харгушҳои пеш аз таваллудкунӣ- 1000грамм, харгушхои ширдеҳ (давоми се хафта) то 1000 – 1250 литр.

Натиҷаҳои ҳолати санитари-гигиенӣ дар ферма назорат карда мешуд. Бо мақсади беҳтар намудани вазъияти уммии санитарӣ дар ин ферма ҳар моҳ як маротиба бо иштироки ҳамаи кормандон як рузи санитарӣ гузаронида мешуд. Дар ин рӯз ба тамоми ҳудуди ферма, чойҳои нигохдоштани хуроки чорво ва таҷҳизотҳо тоза карда мешаванд, деворҳо, тирезаҳоро мешуянд, вентиляторҳоро аз чанг тоза мекунанд, ва дар самти техникӣ таъмири зарурӣ мегузаронанд ва ғайраҳо.

Хулоса. Дар системаи тадбирҳои уммии санитарию -профилактикӣ назорати гигиении ниҳубини ҳайвонот ҷои махсусро ишгол мекунад. Дар баробари тараккӣ кардани харгӯшпарварӣ дар солҳои рушди саноатикунонии мамлакал дар корхонаи ҶДММ деҳаи Парчасойи ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон масъалаҳои масъалаҳои нигоҳубин, тадбирҳои санитарию -профилактикӣ назорати гигиении ниҳубини ҳайвонот зери назорати сарвари корхона н.и.в., муттахасиси соҳа Мухаммедов Н қарор дорад. Маҳз дар натиҷаи риояи қоидаҳои нигоҳдошт, пешгирӣ аз ҳаргуна намудҳои бемориҳои сироятӣ махсусан бемории эймериоз метавонад корхона даромаднок гардад ва саршумори зиндаи ҳайвонот зиёд гардад.

АДАБИЁТ

1. Ковалев Ю.И. Отечественный рынок – национальным производителям/ Ю.И. Ковалев // Всероссийский научно-исследовательский институт мясной промышленности им. В.М. Горбатова. – 2014. – С.10-17
2. Авдиенко В.В. Технологии выращивания кроликов. Качество и безопасность мясного сырья / В.В. Авдиенко, Е.А .Москаленко, Н.Н. Забашта// Сборник научных трудов КРИА ДПО ФГБОУ ВПО Кубанский ГАУ. - Краснодар. - 2016. - С. 83-87
3. Авдиенко В.В. Элементы технологии получения безопасного мяса кролика для выработки продуктов детского питания/ В.В. Авдиенко, Е.А. Москаленко, Н.Н. Забашта // Инновационные подходы в ветеринарной и зоотехнической науке и практике. - 2016. – С. 506-511.
4. Балакирев Н.А. Кролиководство : учеб. для вузов/ Н.А. Балакирев, Е.А. Тинаева, Н.И. Тинаев, Н.Н. Шумилина.//. - М.: Колос. - 2017. – С. 232
5. Горбунов В.В. Все о кроликах. Разведение, содержание, уход./ В.В. Горбунов// - АСТ.- 2015.- С. 79
6. Александров С.Н., Косова Т.И. Кролики: разведение, выращивание, кормление. / С.Н. Александров, Т.И. Косова//. - АСТ. – 2011. - С. 167
1. 7.Белов А.А. Основные принципы технологии промышленного производства крольчатины за рубежом / А.А..Белов // Научное обозрение. - 2016. - № 1. - С. 104-107.
7. Петенко А.И.Ветеринарно-санитарные аспекты выращивания кроликов при применении абсорбентно-пробиотического препарата «Органик СБА» / А.И. Петенко и др. // Ветеринария Кубани. -2014. -№ 5. -С. 8-10.

РИОЯИ РЕҶАИ ВЕТЕРИНАРИЮ САНИТАРӢ ДАР ФЕРМАИ ХАРГУШПАРВАРӢ

Эймериози харгӯшҳо як бемории протозой мебошад, ки дар натиҷаи якчанд намуди кокцидҳо ба вуҷуд меоянд, ки дар рӯдаҳо ва ҷигари харгӯш паразитӣ мекунанд. Ҳар як намуди coccidia дар бадани харгӯш дар узв ё қисмати мушаххаси рӯда ҷойгир аст. Аксар вақт онҳо дар луобпардаи рӯда ва ҷигар паразитӣ мекунанд. Коксидиҳои рӯда боиси коксидиози рӯда ва кокцидиозҳои ҷигар боиси коксидиозии ҷигар мегардад. Одатан, харгӯшҳо осеби ҳамзамон бо coccidiosis рӯда ва ҷигар доранд.Сирояти харгӯшҳо тавассути роҳи ғизоӣ тавассути ғизо, об, шир, сироятёфтаи ooccidia coccidia рух медиҳад. Харгушхо аз рузхои аввали хаёт — хангоми макиданн шир аз пистони модар, ки бо ооцитхои кокцидия захролуд шудаанд ва баъд аз хурок ва обе, ки бо начас, ки ангезандаи кокцидиоз олуда шудааст, инчунин хангоми хурдани начас гирифтор мешаванд.Дар системаи тадбирхои умумии санитарию профилактикй назорати гигиении нигохубини хайвонот чои махсусро ишгол мекунад. Дар баробари инкишофи харгӯшпарварии саноатӣ масъалаҳои гигиенӣ аҳамияти калон пайдо карданд, зеро муҳити зисти ҳайвонот, махсусан микроиқлими ҳуҷраҳои заргушпарварӣ ба ҳолати физиологии организми харгӯш, муқовимати табиии он ва реактивии иммунологии он таъсири калон мерасонад. Дар натича махз хамин чавобхои организм кувваи зиндаи хайвонот, тобоварии онхоро ба касалихо ва сифатхои истехсолиро муайян мекунанд.

Калидвожаҳо: эймериоз, харгӯш, рӯдаҳо, коксидияҳо, сироят, ҳайвонот, ҳолати физиологӣ.

СОБЛЮДЕНИЕ ВЕТЕРИНАРНО-САНИТАРНОГО РЕЖИМА НА КРОЛИКОВОДЧЕСКИХ ФЕРМАХ

Эймериоз кроликов –это протозойное заболевание, которое вызывается несколькими видами кокцидий и паразитируют в кишечнике и печени кроликов. Каждый вид кокцидий в организме кролика локализуется в определенном органе или отделе кишечника. Чаще всего они паразитируют в слизистой оболочке кишечника и в печени. Кишечные кокцидии вызывают кишечную форму кокцидиоза, а печеночная – печеночный кокцидиоз. Обычно у кроликов наблюдается одновременное поражение кишечными и печеночным кокцидиозом.Заражение кроликов происходит алиментарным путем через корм, воду, молоко, зараженные ооцитами кокцидии. Крольчата заражаются с первых дней жизни- при сосании молока из загрязненных ооцитами кокцидий сосков матери, а в последующем с кормов и водой, загрязненных калом, содержащим возбудителя кокцидиоза, а также при поедании кала.В системе общих санитарно-профилактических мероприятий особое место занимает контроль за гигиеной содержания животных. С развитием промышленного кролиководства вопросы гигиены приобрели большое значение, так как среда обитания животного, в частности микроклимат в кролиководческих помещениях, оказывает существенное влияние на физиологическое состояние организма кролика, его естественную резистентность и иммунологическую реактивность. В результате именно эти ответные реакции организма определяют жизненность животных, их устойчивость к заболеваниям и продуктивные качества.

Ключевые слова: эймериоз, кролик, кишечник, кокциды, заражение, животных, физиологическое состояние.

COMPLIANCE WITH THE VETERINARY AND SANITARY REGIME ON RABBIT FARMS

Eimeriosis of rabbits is a protozoan disease caused by several species of coccidia that parasitize the intestines and liver of rabbits. Each type of coccidia in the body of a rabbit is localized in a specific organ or section of the intestine. Most often they parasitize in the intestinal mucosa and in the liver. Intestinal coccidia cause intestinal

coccidiosis, and hepatic coccidiosis causes hepatic coccidiosis. Usually, rabbits have a simultaneous lesion with intestinal and hepatic coccidiosis.Infection of rabbits occurs through the alimentary route through feed, water, milk, infected with coccidia oocytes. Rabbits become infected from the first days of life - when sucking milk from the mother's nipples contaminated with oocytes of coccidia, and subsequently from feed and water contaminated with feces containing the causative agent of coccidiosis, as well as when eating feces.In the system of general sanitary and preventive measures, a special place is occupied by the control of the hygiene of keeping animals. With the development of industrial rabbit breeding, hygiene issues have become of great importance, since the animal's habitat, in particular the microclimate in rabbit breeding rooms, has a significant impact on the physiological state of the rabbit's body, its natural resistance and immunological reactivity. As a result, it is these responses of the body that determine the vitality of animals, their resistance to diseases and productive qualities.

Key words: eimeriosis, rabbit, intestines, coccidia, infection, animals, physiological state.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Умарова Озода Умаровна***– Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино, Тоҷикистон, унвонҷӯии кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетика. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳриДушанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139.
E-mail: **O.Umarova@mail.ru.**

Сведения об авторе: ***Умарова Озода Умаровна*** - Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино, соискатель кафедры медицинской биологии с основами генетики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 139. E-mail: **O.Umarova@mail.ru.**

Information about the author: ***Umarova Ozoda Umarovna*** - Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino, applicant for the Department of Medical Biology with the basics of genetics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 139: E-mail: **O.Umarova@mail.ru.**

УДК:546.16(575.3)

МУАЙЯН НАМУДАНИ ФТОР ДАР ТАРКИБИ ОБҲОИ НӮШОКИИ МИНТАҚАИ АҲОЛИНИШИНИ ҚИСМАТИ ҶАНУБИИ ҚАТОРКӮҲҲОИ ҲИСОР

[1]Раҷабов Б. Б., [2]Тошев А.Ф.
[1]Пажуҳишгоҳи илмӣ-клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу-рӯй,
[2]Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мақсади таҳқиқот. Таҳлили таркиби химиявии об ва муайян намудани ионҳои фтор дар таркиби оби нӯшокии 5 минтақаи аҳолинишини доманаи қаторкӯҳҳои Ҳисор ва таъсири номатлуби миқдори барзиёдии ион ва пайвастагиҳои он ба организми инсон.

Муҳимият. Профилактикаи сифати оби нӯшокӣ дар натиҷаи таҳлили озмоишгоҳӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои дурусти таҳлил, таъмини сатҳи баланди саломатӣ ва пешгирии бемориҳои нигаронидашуда.

Муқаддима. Қаторкӯҳҳои Ҳисор дар қисмати ғарбии системаи кӯҳии Олою Помир, дар байни ҳавзаи дарёҳои Амуву Зарафшон дар ҳудуди Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Узбекистон - ҷойгир буда дарозиаш 200 км –ро ташкил медиҳад. Ин қаторкӯҳҳо ҷанубтар аз қаторкӯҳҳои Зарафшон, аз қисмати шимолии Душанбе, тавассути шаҳри Ҳисору ноҳияи Шаҳринав ва шаҳри Турсунзода гузашта, қисми шимолии вилояти Сурхандарёи Ҷумхурии Узбекистонро ишғол намудааст. Ба ин қаторкӯҳҳо ин номро яке аз муҳаққиқони Осиёи Марказӣ, олими рус Федченко А.П. дар соли 1871 гузоштааст. Сабаби чунин номгузориро ба он асоснок намудааст, ки дар қисмати ҷанубии ин қаторкӯҳҳо яке аз водиҳои калонтарин, водии Ҳисор, ки номи худро аз шаҳри дар ин водӣ ҷойгирбуда – шаҳри Ҳисор гирифтааст, ҷойгир шудааст [1, с. 394-395; 2].

Интихоби мавзӯъ ба он асоснок кунонида шудааст, ки дар доманаи қаторкӯҳҳои Ҳисор деҳоти аҳолинишин хело зиёд буда, аксари ин деҳаҳо аз норасоии оби хушсифати нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Омӯзишҳои мо нишон доданд, ки дар айни замон на ҳамаи озмоишгоҳҳои дар ҷумҳурӣ мавҷуда ба таҳлили ҳамаи ин ионҳои дар боло овардашуда имкон доранд. Махсусан муайян намудани ионҳои фтор дар таркиби обҳои ошомидани дар аксари озмоишгоҳҳои соҳавӣ, махсусан озмоишгоҳҳои санитарию химиявии тобеи Марказҳои назорати давлатии санитарию эидемиологии шаҳру ноҳияҳои Ҷумхурӣ аз сабаби норасоии маводҳои барои таҳлил зарур ғайриимкон аст. Муайян карда шудааст, ки миқдори зиёди ионҳои фтор ба организми инсон тавассути оби ошомидани ворид мегарданд, аз ин сабаб таҳлили ионҳои фтор дар таркиби обҳои ошомидани ҳатмист. Сабаби чунин зарурият боз дар он аст, ки агарчанде як миқдори муайяни фтор барои сохтори дандонҳову устухони организми инсон лозим бошанд ҳам, миқдори барзиёдии он ба худи хамин узвҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Фтор дар организми инсон асосан дар шакли пайвастагиҳои бадҳалшавандааш, ба монанди фторапатит $Ca_5(PO_4)_3F$ дар таркиби бофтаи устухон ва эмали дандон вомехӯрад. Барои бартараф намудани норасоии фтор дар организм дар замони муосир дар он минтақаҳое, ки дар таркиби оби ошомиданиашон ионии фтор мавҷуд нест, ба ин оби нӯшокӣ то консентратсияи 1 мг/см^3 моддаи ионии фтордошта илова мекунанд.

Барои фаҳмидану пурра дарк кардани таъсири манфии миқдори барзиёдии ионҳои фтор ба организми инсон, дар бораи сохт ва хосиятҳои химиявию физикии худи фтор, паҳншавии он дар табиат маълумоти бештар доштан зарур аст. Худи маънои калимаи фтор аз истилоҳи юнонии «ftoros» гирифта шуда мавҳ, ҳалокат, талаф мебошад. Маротибаи аввал, мавҷудияти фторро дар таркиби кислотаи плавикӣ, ки дар натиҷаи таъсири кислотаи сулфат ба минерали флюорит ё худ шпати палавикӣ (CaF_2) ҳосил карда шудааст, олим А.М. Ампер дар соли 1810 муайян

намуда, ин номро гузоштааст [3, с. 315]. Мувофиқи далелҳои адабиёт аз 0,02 то 0.05 %-и массаи қишри заминро фтор ташкил медиҳад.

Фтор дар табиат фақат дар шакли пайвастагиҳояш вомехӯрад. Дар ҳолати озод фтор ҳамчун дигар галогенҳо гази дуатома буда, дар молекулааш банди ковалентии бекутб дорад. Аз ҷиҳати химиявӣ бениҳоят фаъол аст, чунки аз ҳама электроманфияти зиёд дорад (4, аз руи шкалаи Полинг). Фторро дар саноат танҳо бо усули электролиз ҳосил менамоянд. Маротибаи аввал олим А. Муассан соли 1886 гази зардчатоби фторро дар натиҷаи электролизи гидрогенфторид дар ҳарорати 55^0C ҳосил нумудааст. Дар замони муосир фторро аксар маврид дар натиҷаи электролизи намаки турши KHF_2 дар ҳарорати 240^0C ҳосил менамоянд. Азбаски фтор бениҳоят оксинкунандаи қавӣ аст, олимон муддати зиёд дар он ақида буданд, ки фторро бо усули химиявӣ ҳосил кардан ғайриимкон аст. Дар охири қарни гузашта ба олимон муяссар гашт, ки фторро бо усули химиявӣ низ ҳосил кунанд. Дар соли 1987 фторро бо усули химиявӣ дар асоси реаксияи зерин хосил намуданд [3, с. 317]:

$$4SbF_5 + 2K_2MnF_6 = 4KSbF_6 + 2MnF_2 + F_2$$

Фаъолнокии баланди фтор ва захрнокии вай истифодабарии онро маҳдуд менамоянд. Сабаби фаъолнокии баланди фторро олимон ба таври гуногун шарҳ додаанд. Пеш аз ҳама ҳаминро бояд қайд намуд, ки барои фтор иқтидори калони ионнокшавӣ хос аст (17,42 эВ). Ин маънои онро дорад, ки дар ягон маврид ионии мусбат заряди фтор ҳосил намешавад. Дар ҳамаи ҳолатҳо фтор танҳо қобилияти баланди оксидкунандагӣ зоҳир менамояд. Баъзе олимон дар он ақидаанд, ки фаъолнокии фтор ба энергияи ками диссотсиатсияи молекулаи он вобаста аст. Ин нишондиҳанда ба теладиҳии электронҳои дар банди химиявии молекулаи фтор иштирокнакунанда вобастагӣ дорад. Ин ба аз ҳад хурд шудани андозаи банди байни атомҳои фтор оварда расонида, сабабгори теладиҳии электронҳои дар банди химиявӣ иштирокнакунанда мегарданд [5 с. 24].

Сабаби дигари фаъолнокии фтор ин эффекти энергетики калони реаксияҳои байни ин элемент ва элементҳову моддаҳои дигар мебошад. Ҳамаи реаксияҳои байни фтор бо элементҳои дигар, инчунин, бо моддаҳои дигар низ экзотермӣ буда, бо хориҷшавии энергияи зиёд мегузаранд, аз ин сабаб ҳамаи пайвастагиҳои дар натиҷаи ин реаксияҳо ҳосилшаванда аз ҷихати термодинамикӣ дар шароити муқаррари устуворанд [5, с. 25].

Пайвастагиҳои паҳншудатарини фтор, ки дар таркибашон миқдори зиёди фтор мавҷуд аст, флюорит, фторапатит, топаз, криолит, виллиомит мебошанд. Ин пайвастагиҳо асосан дар таркиби минералҳои табиати вулқоникидошта вомехӯранд. Сабаби асосии дар табиат паҳншавии пайвастагиҳои фтордор ин фаъолшавии вулқонҳо мебошад. Муайян карда шудааст, ки ҳар сол ҳангоми фаъолшавии вулқонҳо ба атмосфераи ҳаво зиёда аз 2 миллион тонна пайвастагиҳои фтордор паҳн мешаванд. Сабаби дигари паҳншавии пайвастагиҳои фтордор ин ифлосшавии техногении атмосфера мебошад, ки дар натиҷаи коркарди конҳои маъдани алюминийдор, истеҳсоли алюминий ва нуриҳои фосфордор сар мезанад. Ҳамаи ин пайвастагиҳо дар атмосфераи ҳаво дар шакли чангу гард паҳн гашта, рафта ба қабати болоии замин ва оби ҳавзаҳои кушод таҳшин мешаванд. Ҳарчанд ҳамаи пайвастагиҳои табиии фтордор бадҳалшаванда бошанд ҳам, сабаби пайдоиши ионҳои фтор дар об ва таъсири минбаъдаи он ба организми инсон маҳз ҳамин пайвастагиҳоанд.

Чи хеле ки маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи техногении ифлосшавии атмосфера бо пайвастагиҳои фтор мавҷуд аст. Ин корхонаи Ширкати алюминии тоҷик мебошад, ки дар шаҳри Турсунзода ҷойгир шудааст. Оид ба таъсири партовҳои истеҳсолии ин коргоҳ, ки дар таркибашон пайвастагиҳои фтор доранд, ба муҳити зист таи солҳои зиёди фаъолияти ин корхонаи истеҳсолӣ таҳқиқотҳои гуногун гузаронида шудаанд. Масалан, дар [6, с.151-159] натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мигратсияи пайвастагиҳои фтордор аз обу хок ба таркиби растаниҳо дар минтақаи таъсири Ширкати алюминии тоҷик оварда шудааст. Дар мақола

муфассал нишон дода шудааст, ки кадом миқдори фтор аз обу хок ба маҳсулоти сабзавотӣ мегузарад.

Натиҷаи хамингуна як таҳқиқоти дигар дар [7, с.174-183] оварда шудаанд. Дар мақолаи мазкур муаллифон таъсири техногении партовҳои Ширкати алюминии тоҷикро ба обҳои нӯшокии 12 минтақаи аҳолинишини атрофи он, вобаста ба ду фасли сол ва вазиши бод нишон додаанд. Дар 48 намунаи оби нӯшокӣ бокимондаи фторидҳоро бо усули коллориметрии SPADNS муайян намудаанд. Муайян карда шудааст, ки дар таркиби обҳои зеризамини миқдори фтор чандон зиёд нест, яъне партовҳои истеҳсолии саноати алюминий ба ин намунаҳои обҳо таъсир намерасонад. Миқдори аз хама зиёди фтор дар оби минтақаҳои таҳқиқшаванда бо вазиши боди самти ғарбӣ дарёфт карда шудааст, ки бо фаъолияти Ширкати алюминии тоҷик бевосита вобастагӣ дорад (ҳамагӣ 1,52 мг/л).

Натиҷаи таҳқиқот. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки дар таркиби 8 намунаи оби нӯшокии аз деҳаҳои Ноҷии боло, Хӯҷачилдиёр, Тудаи шаҳри Ҳисор ва деҳаҳои Хоҷагулпӯши боло, Сангмелаи ноҳияи Шаҳринав, ки бевосита дар доманаи қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷойгир шудаанд, мавҷудияти иони фтор муайян карда шуд. Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1.Натиҷаҳои таҳлили мавҷудияти фтор дар намунаҳои оби нӯшокӣ

№	Ҷои гирифтани намуна	Номи манба	Хосиятҳи физико-химиявии об					Миқдори Фтор (мг/л)
			, ^{0}C	pH-	Намакнокӣ	Минерали-затсия	Барқгузаронии хос	
1.	Ноҷии боло	Оби Осиёдара	19,0	8,13	0,73	1040	1,460	1,62
2.	Туда	чоҳи амудӣ, чуқурии 178 м	18,5	7,14	0,75	1080	1,480	1,98
3.	Туда	чоҳи амудӣ, чуқурии 42 м	15,5	7,19	0,51	719	1,012	0,58
4.	Туда	чоҳи амудӣ, чуқурии 185 м	14,6	7,60	0,56	787	1,108	0,83
5.	Туда	чоҳи амудӣ, чуқурии 40 м	15,8	7,08	0,48	685	0,966	0,54
6.	Хучачил-диёр	чоҳи амудӣ, чуқурии 183 м	19,0	7,42	0,82	1150	1,622	1,33
7.	Хочагул-пуши боло	чашма	20,9	7,54	0,32	457	0,648	1,08
8.	Сангмела	чашма	16,6	7,32	0,20	291	0,409	0,32

Таҳлили физикии таркиби ин намунаҳои оби нӯшокӣ дар ҷояш, бо ёрии мултиметри тамғаи PocketPro-+Mult + 2, истеҳсоли ширкати канадагии «HACH» дар ҷои гирифтани намуна муайян карда шуд. Аз рӯи ин нишондиҳандаҳои физикии таркиби об аллакай 3 намунаи гирифташуда оби Осиёдара, чоҳи амудии чуқурии 178 метраи деҳаи Туда ва оби чоҳи амудии деҳаи Хуҷачилдиёри боло ба талаботҳои нишондиҳандаҳои меъёрии дар [10, с. 4-5; 11, с. 7-9] муқарраршуда ҷавобгӯй нестанд. Мавҷудияти миқдори фторро бо усули фотометрӣ [8;9, с. 151-155] дар фотометри DR-900 ва спектрофотометри DR-1900 в ГОСТ-и 4386-81 “Оби нӯшокӣ. Муайян намудани консентратсияи массавии фтор” муайян карда шудаанд. Методикаи таҳлил дар адабиёти овардашуда муфассал нишон дода шудааст. Чигунае, ки аз натиҷаҳои таҳлил бармеояд, миқдори аз ҳама зиёди фтор дар намунаи оби Осиёдара дида мешавад. Дар таркиби обҳои намунаҳои 2 ва 6 мутаносибан 1,24 ва 1,33 мг/л фтор мавҷуд аст. Гарчанде, ки ин нишондиҳандаҳо аз меъёрҳои муқарраргардида зиёд ҳам набошанд (меъёри муқарраргардидаи фтор дар таркиби об дар водиҳо 0,7 мг/л дар минтақаҳои кӯҳӣ то 1,6 мг/л) таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истеъмоли доимии ин намунаи обҳо ба кумулятсияшавии миқдори зиёдатии фтор дар организм ва таъсири номатлуби он ба бофтаҳои устухон ва эмали дандон оварда мерасонад. Мо тасмим

гирифтем, ки дар оянда таъсири номатлуби фторро ба орагнизми инсон дар ин минтақаҳо омӯзем.

Хулоса. Ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки дар доманаи қаторкӯҳҳои Ҳисор деҳоти ахолинишин хело зиёданд. Барои омӯзиши таркиби химиявии обҳои нӯшокии ин деҳот вақти зиёд ва маблағи зиёд зарур аст. Мо дар доираи як таҳқиқоти кӯчаки худ тавонистем ҳамагӣ аз 5 деҳоти ин минтақа намунаҳои обро барои таҳлил гирем. Чихеле ки дар боло қайд намудем, аз ин намунаҳои гирифташуда 37,5 % ба талаботҳои меъёрҳои стандартӣ ҷавобгӯй [10, с. 4-5; 11, с. 7-9] нестанд. Ин натиҷаҳо моро водор месозад, ки таҳқиқотҳои худро дар ин самт идома диҳем.

АДАБИЁТ

1. Энсклопедияи советии тоҷик. Сарредаксияи илмии энсклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1988. Ҷ.8. – 593 с.
2. Большая советская энциклопедия. 30 т. -3-е изд.-М.: Советская энциклопедия, 1969. – 1979 г.
3. Донишномаи химия барои наврасон ва ҷавонон. Мураттиб Л. Солиев. – Душанбе, 2016. – 416 с.
4. Мусийчук Ю.И., Фтор и его соединения. /Ю.И. Мусийчук, А.Н. Гребенюк, А.Ю. Широков. – СПб.: Изд. «Фолиант» (мед.), 2012. – 104 с.
5. Солиев Л. Химияи ғайриорганикӣ/Л.Солиев. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 352 с.
6. Бережнова В.В. Влияние загрязнения окружающей среды в зоне действия ТАЛКО на накопление фтора и качество овощных культур/ В.В. Бережнова// Агроэкологический вестник. – Воронеж, 2017. Т.1. – С.151-159.
7. Эгамназаров Х.Н. Изучение содержание фтора в воде хозяйственно-питьевого назаначения в населенных пунктах Турсунзаде/Х.Н. Эгамназаров, И.И. Бабаев, С.П. Алиев// Вестник Авиценны. – Душанбе, 2021. Т. 23, №2. – С. 174-183.
8. Лурье Ю. Ю., Химический анализ производственных сточных вод. / Ю. Ю Лурье, А.И. Рыбникова. – М., Изд-во “Химия”, 1974. – 336 с.
9. Лурье Ю. Ю. Унифицированные методы анализа вод/Ю.Ю.Лурье. –М.: Изд-во “Химия”, 1973. – 376 с.
10. Вода питьевая. Методы анализа. – М.: Изд. стандартов, 1984. – 240 с.
11. Қоида ва меъёрҳои санитарӣ 2.1.004-07 «Оби нӯшокӣ. Талаботҳои гигиенӣ ба сифати оби системаҳои мутамарказии таъминот бо оби нӯшокӣ. Назорати сифат». – Душанбе, 2007 с.

МУАЙЯН НАМУДАНИ ФТОР ДАР ТАРКИБИ ОБҲОИ НӮШОКИИ МИНТАҚАИ АҲОЛИНИШИНИ ҚИСМАТИ ҶАНУБИИ ҚАТОРКӮҲҲОИ ҲИСОР

Мақола ба муайян намудани ионҳои фтор дар таркиби оби нӯшокии 5 минтақаи аҳолинишини доманаи қаторкӯҳҳои Ҳисор ва таъсири номатлуби миқдори барзиёдии ин ион ва пайвастагиҳои он ба организми инсон бахшида шудааст. Барои пурра дарк намудани таъсири номатлуби фтор ва пайвастагиҳои он ба организми инсон каме дар бораи таърихи кашфи фтор, хосиятҳои физикӣ ва химиявии ин элемент, сабабҳои фаъол будани ин элемент ҳам дар ҳолати озод ва ҳам дар таркиби пайвастагиҳояш дар асоси далелҳои адабиёт далелҳои ҷолиби диққат, оварда шудаанд. Инчунин, сабабҳои паҳншавии фтор дар табиат, сарчашмаҳои ифлосшавии атмосфераи ҳаво ва минбаъда ба обу хок таҳшиншавии пайвастагиҳои фтор нишон дода шудаанд. Ду омили асосии паҳншавии фтор ва пайвастагиҳои он нишон дода шудаанд: фаъолияти вулқонҳо ва омилҳои техногенӣ. Қайд карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи техногении ифлосшавии атмосфера бо пайвастагиҳои фтор мавҷуд аст. Ин корхонаи Ширкати алюминии тоҷик мебошад, ки дар шаҳри Турсунзода ҷойгир шудааст. Оид ба таъсири партовҳои истеҳсолии ин коргоҳ, ки дар таркибашон пайвастагиҳои фтор доранд, ба муҳити зист натиҷаҳои таҳқиқоти муҳаққиқон оварда шудаанд. Дар охир натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли ҷадвал оварда шуда, шарҳ дода шудааст, ки 37,5%-и намунаҳои гирифташуда ба талаботҳои меъёрҳои стандартӣ ҷавобгӯй нестанд.

Калидвожаҳо: фтор, электролиз, флюорит, фторапатит, топаз, криолит, виллиомит, конҳои маъдан, мигратсия, омилҳои техногенӣ.

ОПРЕДЕЛЕНИЕ ФТОРА В СОСТАВЕ ПИТЬЕВОЙ ВОДЫ В НАСЕЛЕННЫХ ПУНКТАХ ЮЖНОЙ ЧАСТИ ГИССАРСКОГО ХРЕБТА

Статья посвящена определению ионов фтора в питьевой воде 5 населенных пунктов предгорий Гиссарского хребта и неблагоприятному влиянию избыточных количеств этого иона и его соединений на организм человека. Для полного понимания неблагоприятного воздействия фтора и его соединений на организм человека на основании литературных данных приведенна несколько интересных фактов об истории открытия фтора, физических и химических свойствах этого элемента, причинах активности этого элемента как в свободном состоянии, так и в составе соединениях. Также показаны причины распространения фтора в природе, источники загрязнения атмосферного воздуха и дальнейшее отложение соединений фтора в воде и почве. Указаны два основных фактора распространения фтора и его соединений:

вулканические и техногенные факторы. Отмечено, что в Республике Таджикистан имеется техногенный источник загрязнения атмосферы соединениями фтора. Это Таджикская алюминиевая компания, расположенная в городе Турсунзаде. Приведены результаты исследований ученых о влиянии отходов производства этого завода, содержащих соединения фтора, на окружающую среду. В конце, приведены результаты исследования, представленная в виде таблицы, и указанно, что 37,5% взятых проб не соответствуют требованиям нормативных документов.

Ключевые слова: фтор, электролиз, флюорит, фторапатит, топаз, криолит, виллиомит, месторождения полезных ископаемых, миграция, техногенные факторы.

DETERMINATION OF FLUORINE IN THE COMPOSITION OF DRINKING WATER IN THE SETTLEMENTS OF THE SOUTHERN PART OF THE HISSAR RANGE

The article is devoted to the determination of fluorine ions in drinking water of 5 settlements in the foothills of the Hissar Range and the adverse effect of excess amounts of this ion and its compounds on the human body. For a complete understanding of the adverse effects of fluorine and its compounds on the human body, based on literary data, several interesting facts are given about the history of the discovery of fluorine, the physical and chemical properties of this element, the reasons for the activity of this element both in a free state and in compounds. Also shown are the reasons for the spread of fluorine in nature, sources of air pollution and further deposition of fluorine compounds in water and soil. Two main factors of distribution of fluorine and its compounds are indicated: volcanic and technogenic factors. It is noted that in the Republic of Tajikistan there is a man-made source of atmospheric pollution with fluorine compounds. This is the Tajik Aluminum Company, located in the city of Tursunzade. The results of research by scientists on the impact of production waste from this plant, containing fluorine compounds, on the environment are presented. At the end, the results of the study are presented in the form of a table, and it is indicated that 37.5% of the samples taken do not meet the requirements of regulatory documents.

Keywords: fluorine, electrolysis, fluorite, fluorapatite, topaz, cryolite, villiaumite, mineral deposits, migration, technogenic factors.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҷабов Баҳодур Баҳромович*** –Пажуҳишгоҳи илмӣ-клиникии стоматология ва ҷарроҳиии ҷоғу рӯй, унвончӯ. **Суроға:** 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбонӣ 5, кӯчаи Хуҷандӣ 13. Телефон: (+992) 550140001, E-mail: **bahodurrajabov@gmail.com**
Тошев Аъзам Фозилович **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**,** номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва неорганикӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: **atoshov_00@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Раджабов Баходур Бахромович*** – Научно-клинический институт стоматологии и челюстно-лицевой хирургии, соискатель. **Адрес:** 734033, Республика Таджикистан, город Душанбе, 5 проспект, улица Худжанди, 13. Телефон: **(+992) 550140001**. E-mail: **bahodurrajabov@gmail.com**
Тошев Аъзам Фазилович **-** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат химических наук, доцент кафедры общей и неорганической химии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail: **atoshov_00@mail.ru**

Information about the authors: ***Rajabov Bahodur Bahromovich*** – Institute of Dentistry and Maxillofacial Surgery, aspirant. **Address:** 734033, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 5 avenue, 13, Khudzhand street. **Phone**. **(+992) 550140001**, E-mail: **bahodurrajabov@gmail.com**
Toshev Azam Fozilovich **-** Tajik State Pedagogical University named Sadriddin Ainy, candidate of chemical sciences, associate professor of the department of general and inorganic chemistry. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue Rudaki, 121. E-mail: **atoshov_00@mail.ru**

УДК: 574.13

БАҲОДИҲИИ ЭКОЛОГӢ-ТАҲЛИЛИИ СИФАТИ ОБ ДАР ДАРЁИ ВАРЗОБ ВА ШОХОБҲОИ ОН

Нуриддини Файз
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

Муқаддима. Об – унсури муҳим барои ҳаёту фаъолияти инсон мебошад ва масъалаи ифлос намудани захираҳои обӣ, айни замон, яке аз мавзӯъҳои муҳими тадқиқотҳои экологӣ, биохимиявӣ ва геохимиявӣ мебошад. Дар таҷрибаи мавҷудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои муайян намудани сифати об дар дарёҳо ва ҳавзу обанборҳо стандартҳои гуногун истифода мешаванд. Одатан, оби ифлосро ба якчанд синф ҷудо мекунанд. Ин тақсимбандӣ ба фосилаҳои индекси хоси оби ифлос, вобаста ба миқдори нишондиҳандаҳои ифлосшавӣ асос ёфтааст. Консентратсияҳои ҳадди имконпазири (КҲИ) моддаҳои химиявӣ тавассути “Меъёрҳои гигиенӣ (МГ 2.1.5.1315-03)” муайян карда шудаанд, аз ҷумла, фулузоти дар оби иншоотҳои обии хоҷагидорию ошомиданӣ ва маданию маишӣ.

Дар рӯйхати обҳои ба моддаҳои химиявӣ ифлосшуда фулузоти вазнин мавқеи афзалиятнокро ишғол менамоянд. Пайвастагиҳои фулузот дар таркиби обҳои табиӣ вайрон нашуда, балки танҳо шакли мавҷудияти худро тағйир медиҳанд. Дар натиҷаи гидролиз, ҷаббидашавии биологӣ, ташаккулёбии комплексӣ, таҳшиншавӣ ва дигар намуд таъсири мутақобила дар обҳо дигаргуншавии хусусиятҳои кучиши фулузот, аз ҷумла хусусиятҳои заҳрнокии он ба вуҷуд меояд. Дар шакли муайян фулузот барои гидробионтҳо дастрас мегардад.

Фулузоти сахте, ки бо воситаҳои гуногун ба муҳити обӣ меафтанд, дар натиҷаи таъсири мутақобилаи химиявӣ ва биохимиявӣ метавонанд дар намуди пайвастагии душворҳалшаванда таҳшин шуда, ва боз аз нав ба маҳлули обӣ табдил ёбанд. Миқдори маҳлулҳои фулузӣ дар обҳо нишондиҳандаи муҳими экологӣ мебошад, ки бевосита аз хусусиятҳои геохимикии муҳити атроф дар ҳавзаи ин дарёҳо ва дараҷаи техногении ифлосшавии ин дарёҳо вобастагӣ дорад.

Шарҳи адабиёт.Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ обҳоро дар дарё ва обанборҳо вобаста ба ифлосиашон (олудагиашон) ба якчанд синф (қисм, гурӯҳ) ҷудо мекунанд. Системаи таснифоти истифодаи об барои муқаррар кардани меъёрҳои сифати об зарур мебошад. Дар кишварҳои мухталиф стандартҳои гуногуни сифати об, дараҷаи мониторинг ва методҳои назорати сифати обҳои табиӣ вуҷуд доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ифлосии болообҳо муқаррар карда шудаанд. Ҳангоми банақшагирӣ ва баамалба-рории фаъолияти муҳофизати об, бамеъёрдарории сифати об дар муқарар намудани нишондиҳандаҳои имконпазири таркиб ва хусуситятҳои об ифода меёбад. Мақсад аз ин таъмини шароитҳои бехатари таъмини ҳаёти аҳолӣ, шароити мусоиди истифодаи об ва ҳолати экосистемаи обӣ мебошад [1-4]. Дар Тоҷикистон меъёрҳо ва қоидаҳои санитарӣ-эпидемиологӣ Минтақаи ҳифзи санитарии сарчашмаҳои обтаъминкунӣ ва шаба-каҳои обии таъиноти хоҷагидорӣ-ошомиданидошта муайян карда шуда, Нишондиҳандаҳои назоратии сифати обҳои сарчашмаҳои болоии обтаъ-минкунии хоҷагидорӣ-нӯшидании марказонидашуда, Талаботҳои сифати оби обтаъминкунии ғайримарказонидашуда ва Талаботҳои

гигиении сифати оби обтаъминкунии марказонидашуда тасдиқ карда шудааст. Сифати болообҳо бо 25-30 нишондиҳанда баҳогузорӣ карда мешавад [5-7].

Дар Меъёрҳои гигиенӣ (МГ 2.1.5.1315-03) ҳадди имконпазири консентратсияи (ҲИК) моддаҳои химиявӣ, аз ҷумла фулузот дар объектҳои обии обистифодабарии хоҷагидорӣ-ошомиданӣ ва фарҳангӣ-маишӣ муайян карда шудааст. Дар Меъёрҳои гигиенӣ (МГ) ҳадди имконпазири консен-тратсия (ҲИК) барои 34 фулузоти дар об ҳалшаванда ишора гардидааст. Ба сифати чунин макроэлементҳо натрий, оҳан ва манган, инчунин микроэлементҳо баромад мекунанд. Ҳамаи фулузотҳо ба се синфи хатарнок тақсим карда шудаанд [8, 11].

Стандарти амрикоии сифати об (EPA drinking water security poster) параметри обро ба се категория ҷудо мекунад: физикӣ, химиявӣ ва микробиологӣ. Параметрҳои физикӣ-химиявӣ дар худ миқдори фулузоти вазнин, нишонаҳои пайвастагиҳои органикӣ, миқдори умумии зарраҳои ҳалношуда ва тирагиро фаро мегирад [9]. Параметри микробиологӣ миқдори бактерияҳои чубчашакли рӯдагии, мисли E.Coli ва силсислаи бактерияҳои касалиовари махсус (мисли Cholera), вирусҳо ва паразитҳои оддиро дар бар мегирад.

Дар руйхати гурӯҳҳои муҳимтарини моддаҳои химиявии ифлос-кунандаи фулузоти вазнин, ки пайвастагии онҳо ба вайрон шудани сохтори обҳои табиӣ оварда намерасонанд ва танҳо шакли мавҷудияти онҳоро тағйир медиҳанд, афзалият доранд. Фулузоти вазнин ба об афтида, қобилияти тағйирёбӣ ва таркиби онро дигаргун месозад ва ба гидро-бионтҳо дастрас мегардад. Мутаассифона, дар консентратсияи муайян фулузот на танҳо ба сифати об таъсир мерасонад, балки барои организм-ҳои обӣ захрнок буда, дар узвҳои онҳо инкишоф меёбад. Тавассути хӯрока фулузот ба организми инсон ворид шуда метавонад.

Фулузоти вазнине, ки ба объектҳои обӣ меафтанд, дар натиҷаи равандҳои гуногуни химиявӣ, таҳшиншавӣ ва ҷаббишҳои биологӣ аз аз фраксияҳои обӣ боло баромада, сипас дар намуди пайвастагиҳои душ-ворҳалшаванда таҳшин гардида, аз нав ба шакли маҳлули обӣ мегардад. Фулузоти вазнине, ки таҳшин шудаанд, дар наиҷаи равандҳои сорбсия (сорбции) ва седиментатсия (седиментации) аз доираи миграция биогео-химикӣ намебарояд: ҳангоми тағйир ёфтани шароитҳои физикӣ-химиявӣ, пеш аз ҳама окискунанда-барқароркунанда ва ишқорӣ, инчунин дар натиҷаи фаъолияти ҳаётии организмҳои обӣ фулузоти вазнин ба муҳити обӣ баргашта метавонанд [10].

Натиҷаи ченкунии хусусиятҳои физикӣ-химияви об. Ин қисмати кори илмӣ ба коркард ва шарҳдиҳии натиҷаҳои қаблии бадастомадаи ва миқдори металҳои ҳалшуда дар дарёи Варзоб ва шохобҳои асосии он бахшида шудааст [13, 14]. Дарёи Варзоб асоси обистифодабарии ш. Душанберо ташкил медиҳад ва тозагии об дар он барои ҳамаи ҷумҳурӣ хеле муҳим мебошад. Интихоби намунаҳо дар давраи серобӣ (моҳи май-июн) ба амал бароварда шуд.



Расми 1. Намуди дарёи Сиома



Расми 2. Дарёчаи Оби Чаппа



Расми 3. Намуди дарёи Такоб



Расми 4. Ҷойи якҷояшавии дарёи Оджуг ва Варзоб



Расми 5. Намуди дарёи Варзоб 1 дар нуқтаи гирифтани намунаҳо 18 км болотар аз шаҳри Душанбе



Расми 6. Намуди маҳал дар нуқтаи интихоби намунаҳо Варзоб 2 дар канори ҷанубии Душанбе

Хусусиятҳои асосии физикӣ-химиявии дарёи Варзоб дар ду нуқтаи он: Варзоб 1 (18 км боло аз ш. Душанбе) ва Варзоб 2 (9 км поёнтар аз ш. Душанбе), инчунин дар шохобҳои он: Сиома, Тагоб, Оби Чаппа ва Оджук чен карда шуданд [12]. Ченкунии параметрҳои физикӣ-химиявии об нишон доданд, ки обҳои ин дарёҳо кам ишқор доранд. Тавозуни кислотавӣ-ишқории об дар дарёи Варзоб поён ба ҷараёни он кам тағйир меёбад, қимати pH дар доираи 7,85-7,97 қарор дорад. Қимати камтарини pH

ба дарёи Сиома мувофиқ меояд ва ба 7,6 баробар аст. Қимати хеле калони pH ба дарёи Оби Чаппа рост меояд ва ба 8,14 баробар аст.


Нишондиҳандаҳои потенсиали оксидкунӣ-барқароркунӣ (ПОБ) вобаста ба макони намунагирӣ кам тағйир меёбанд ва дар ҳудуди аз 380 то 435 мВ қарор дорад. Нишондиҳандаи нисбатан зиёдт ПОБ ба нуқтаи намунагирии Сиома ва Варзоб 2 рост меояд; дар ин нуқтаҳо зиёдшавии миқдори оксиген дар об мушоҳида мешавад, ки қимати он мувофиқан ба 10,8 мг/л ва 10,43 мг/л баробар мебошад.

Тақсимоти миқдори оксигени маҳлулгардида дар дарёҳо дар расми 7. тасвир шудааст. Дарёи Варзоб ва шохобҳои он аз оксиген дар сатҳи кофӣ бой аст.



Расми 7. Консентратсияи оксигени ҳалшуда дар обҳои дарёҳо.

Тақсимоти таркиби умумии моддаҳои маҳлулшуда, намак ва мувофиқан ба он моддаҳои органикӣ дар расми 8. тасвир шудаанд.



Расми 8. Таркиби умумии моддаҳои маҳлулшуда ва намак дар дарёҳо

Аз расм маълум аст, ки консентратсияи таркиби умумии моддаҳои маҳлулшуда дар об мутаносибан аз намакҳои дар об ҳалшуда вобастагӣ дорад ва ба таркиби биогеохимикии об мувофиқ меояд. Миқдори нисбатан ками моддаҳои

маҳлулшаванда, мувофиқ ба он намакҳо ва моддаҳои органикӣ ба дарёи Сиома ва миқдори зиёди он ба дарёи Оби Чаппа рост меояд. Об ширин аст.

Маълумотҳои коркардкардашуда оид ба миқдори макроэлементҳои дар об маҳлулшуда: натрий, калсий, оҳан ва манган дар ҷадвали 1 тасвир шудаанд.

Ҷадвали 1. Миқдори макроэлементҳо (мг/л) дар обҳои шохобҳои дарёи Варзоб


	Дарёҳо	Ca	Fe	Mn	Na
1	Сиома	12,79±13	0,086±0,001	0,002±0,0002	1,01±0,1
2	Тагоб	27,20±3	0,311±0,03	0,011±0,001	1,52±0,2
3	Оби Чаппа	59,85±6	0,281±0,03	0,005±0,0005	1,62±0,2
4	Оджук	30,25±3	0,190±0,02	0,003±0,0003	1,34±0,1
5	Варзоб 1	51,09±5	0,685±0,07	0,012±0,001	1,22±0,1
6	Варзоб 2	53,03±5	0,217±0,03	0,008±0,001	1,34±0,1
	Қимати миёна	39,04	0,3	0,02	1,34
	КҲИ		0,3	0,1	200

Аз ҷадвали 1 маълум мегардад, ки дарёи тадқиқшаванда тоза буда, миқдори макроэлементҳо дар об, бо истиснои оҳан аз қимати мувофиқи КҲИ кам аст. Ба ҳисоби миёна дар ин обҳои дарё миқдори оҳан 0,3 мг/л аст. Консентратсияи нисбатан зиёди оҳан дар нуқтаи Варзоб 1 мушоҳида мешавад, ки ба 0,685 мг/л баробар аст; консентратсияи оҳан дар нуқтаи намунагирии Варзоб 2 - 0,217 мг/л мебошад. Консентратсияи нисбатан ками оҳан дар дарёи Сиома ошкор шуда, ба 0,086 мг/л баробар мебошад.

Оби дарёи Сиома ширин буда, кам минерализатсия шудааст, онро бе нармкунии пешакӣ дар марказҳои барқу гармидиҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

Тавассути методи ТНФ намунаҳо таҳлил гардида, 24 унсур (бо тартиби алифбо) муайян гардиданд: As, Au, Ba, Ca, Ce, Co, Cr, Cs, Eu, Fe, Hf, La, Lu, Mn, Na, Rb, Sb, Sc, Sm, Tb, Th, U, Yb, Zn. Аз ин унсурҳо калций, оҳан, манган ва натрий ба гурӯҳи макроэлементҳо ва боқимонда ба гурӯҳи микроэлементҳо дохил мешаванд.

Чунин унсурҳо, мисли Ce, Eu, La, Lu, Sc, Sm, Tb ва Yb ба УНЗ дахл доранд ва дар ин қисмат тақсимоти онҳо дар оби дарёи Варзоб дида баромада намешавад. Дар расми 9. тақсимоти консентратсияи макроэлементҳои маҳлулшудаи дар оби шохобҳо ва ду нуқтаи дарёи Варзоб нишон дода шудааст.



Расми 9. Тақсимоти консентратсияи макроэлементҳои маҳлулшуда дар дарёҳо

Коркарди маълумотҳои ТНФ ва тақсимшавии консентратсияи микроэлементҳо, КҲИ онҳо дар обҳо ва дараҷаи хатарнокӣ вобаста ба МГ 2.1.5.1315-03 дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Миқдори микроэлементҳо (мкг/л) ва КҲИ дар об

	Қиматҳо	Нуқтаи интихоб	Консентратсия дар об	КҲИ дар об	Дараҷаи хавфнокӣ
As	Миёна		1,55	10	1
	Максималӣ	Сиома	2,78		
	Минималӣ	Тагоб	0,60		
Ba	Миёна		31,2	700	3
	Максималӣ	Варзоб 2	95,5		
	Минималӣ	Оби Чаппа	2,00		
Co	Миёна		0,16	100	2
	Максималӣ	Варзоб 1	0,28		
	Минималӣ	Сиома	0,04		
Cr	Миёна		1,01	50	3
	Максималӣ	Оби Чаппа	1,76		
	Минималӣ	Варзоб 2	0,42		
Cs	Миёна		0,05	-	-
	Максималӣ	Оби Чаппа	0,085		
	Минималӣ	Сиома	0,013		
Sb	Миёна		0,62	5	2
	Максималӣ	Оби Чаппа	2,27		
	Минималӣ	Оджук	0,15		
Rb	Миёна		1,58	-	-
	Максималӣ	Оби Чаппа	2,17		
	Минималӣ	Сиома	0,69		
Th	Миёна		0,11	-	-
	Максималӣ	Варзоб 1	0,27		
	Минималӣ	Сиома	0,02		
U	Миёна		7,04	100	2
	Максималӣ	Оби Чаппа	15,9		
	Минималӣ	Тагоб	2,41		

Zn	Миёна		21,2	1000	3
	Максималӣ	Оби Чаппа	35,6		
	Минималӣ	Сиома	9,9		

Марги муш бештар дар дарёҳое паҳн гардидааст, ки аз ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор ибтидо мегиранд. Консентратсияи максималии марги муш дар дарёи Сиома ба қайд гирифта шудааст. Консентратсияи марги муш дар ин дарё нисбати КҲИ ҳамагӣ се маротиба кам аст. Дар маҷрои поёнӣ консентратсияи марги муш бо сабаби маҳлулшавӣ бо дигар обҳо ва таҳшиншавӣ кам мегардад.

Консентратсияи максималии бария дар об ба нуқтаи интихоби Варзоб 2 (95,5 мкг/л) рост меояд ва миқдори он дар муқоиса бо миқдори бария дар нуқтаи интихоби Варзоб 1 се маротиба зиёд мебошад, ки ба таъсири антропогенӣ дар ҳудуди ш. Душанбе алоқамандӣ дорад .

Консентратсияи максималии сурма ба шохоби Варзоба Оби Чаппа рост меояд, нисбати КҲИ ҳамагӣ ду маротиба кам аст. Миқдори камтарини сурма дар дарёи Оджук ошкор шудааст ва он баробари 0,15 мкг/л мебошад.

Миқдори миёнаи консентрансияи уран дар дарёи Варзоб ва шохобҳои он ба 7,04 мкг/л баробар мебошад, миқдори максималии он ба шохоби Оби Чаппа рост омада, ба - 15,9 мкг/л баробар аст ва миқдори камтарини он ба Тагоб рост меояд ва баробари - 2,41 мкг/л,.

Дар обҳо консентратсияи чунин микроэлементҳои биогенӣ, мисли кобалт, хром ва руҳ нисбати КҲИ муайяншуда нисбатан кам мебошанд. Ин далел эҳтимолан бо сабаби норасоиҳои микроэлементҳо дар ғизогирии олами растаниҳо ва зинда ҷой дорад.

Миқдори баъзеи унсурҳо дар об МГ ба меъёр дароварда нашудаанд. Аз ҷадвали дар боло нишондодашудаи 2 бармеояд, ки об дар дарёи Варзоб тоза аст, миқдори унсурҳои заҳрнок ба ҳисоби миёна нисбат ба қимати муайяншудаи КҲИ кам мебошад.

АДАБИЁТ

1. «Правила охраны поверхностных вод» (Типовые положения). –М, 1991. -125 с.
2. ГОСТ 17.1.1.02-77. Охрана природы. Гидросфера. Классификация водных объектов. - М.: Стандартинформ, 1978. - 15с.
3. ГОСТ 2874-82. Вода питьевая. Гигиенические требования и кон-троль качества. - М.: Стандартинформ, 1982. - 10с.
4. ГОСТ 17.1.3.07-82. Охрана природы. Гидросфера. Правила кон-троля качества воды водоемов и водотоков. - М.: Стандартинформ, 1982. - 9с.
5. СанПиН 2.1.5.006-07 Санитарные правила и нормы. Зоны сани-тарной охраны источников водоснабжения и водопроводов хозяйствен-но-питьевого назначения. МЗ РТ. - Душанбе, 2007.- 17 с.
6. СанПиН 2.1.4.004-07 Требования к качеству воды нецентрализо-ванного водоснабжения. МЗ РТ. - Душанбе, 2007.- 62 с.
7. СанПиН 2.1.4.005-07 Питьевая вода. Гигиенические требования к качеству воды централизованных систем питьевого водоснабжения. Кон-троль качества / МЗ РТ. - Душанбе, 2007. - 62 с.
8. Предельно допустимые концентрации (ПДК) химических ве-ществ в воде водных объектов хозяйственно-питьевого и культурно-бытового водопользования согласно Гигиеническим нормативам РФ (ГН 2.1.5.1315-03) [Электронный ресурс]. http://www.ohranatruda.ru/ot_biblio/ norma-tiv/data_normativ/41/41363/index.php
9. Potable water [Электронный ресурс]. http://en.wikipedia.org/wiki/ Potable_water
1. 10. Линник, П.Н. Формы миграции металлов в пресных поверхност-ных водах / П.Н. Линник, Б.И. Набиванец. - Л: Гидрометеоиздат, 1986. - 269 с.
10. Перечень предельно допустимых концентраций и ориентиро-вочно безопасных уровней воздействия вредных веществ для воды ры-бохозяйственных водоемов. - М.: Издательство ВНИРО, 1999. -304 с.

11. Исследования состава и качества воды в притоках реки Амударья / Д.А. Абдушукуров, З.Н. Салибаева // Вестник Таджикского Националь-ного университета, Серия естественных наук. – 2014. -№1/3(134) - С. 171-178.
12. Абдушукуров, Д.А. Эколого-аналитическая оценка качества воды в реке Варзоб и ее притоках / Д.А.Абдушукуров, Х.Пасселл, З.Н. Салибаева // Вестник Таджикского Национального университета, Серия естественных наук. – 2015. –1/1 (156). – С. 141-147.
13. Абдушукуров, Д.А. Экологическая оценка качества воды рек Таджикистана Варзоб и Кафирниган / Дж.А. Абдушукуров, З.Н. Сали-баева // Материалы Международной научно-практической конференции «Экология на современном этапе развития общества». -Беларусь, Бара-новичи, 2014. - С. 8-13.

БАҲОДИҲИИ ЭКОЛОГӢ-ТАҲЛИЛИИ СИФАТИ ОБ ДАР ДАРЁИ ВАРЗОБ ВА ШОХОБҲОИ ОН

Афзоиши босуръати аҳолии сайёраи мо боиси зиёд шудани миқдори оби партови маишӣ мегардад, ки дар раванди фаъолияти инсон ба вуҷуд меояд. Ҳоло обанборҳо ба миқдори партовҳое, ки ба онҳо мерезанд, тоб оварда наметавонанд.Дар ин мақола мо мехостем ба таври муфассал баҳодиҳии экологӣ-таҳлилии сифати об дар дарёи варзоб ва шохобҳои онро баррасӣ кунем.

Калидвожаҳо: об, дарё, экология, муҳити зист.

ЭКОЛОГО-АНАЛИТИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА КАЧЕСТВА ВОДЫ РЕКИ ВАРЗОБ И ЕЕ ПРИТОКОВ

Стремительный рост населения нашей планеты приводит к увеличению количества бытовых сточных вод, которые образуются в процессе деятельности человека. В настоящее время резервуары не справляются с тем количеством отходов, которое в них сливается. В данной статье мы хотели бы подробно остановиться на эколого-аналитической оценке качества воды реки Варзоб и ее притоков.

Ключевые слова: вода, река, экология, окружающая среда.

ENVIRONMENTAL AND ANALYTICAL ASSESSMENT OF THE WATER QUALITY OF THE VARZOB RIVER AND ITS TRIBUTIES

The rapid growth of the population of our planet leads to an increase in the amount of domestic wastewater that is generated during human activities. Currently, reservoirs cannot cope with the amount of runoff that flows into them. In this article, we would like to dwell in detail on the environmental and analytical assessment of the water quality of the Varzob River and its tributaries.

Key words: water, river, ecology, environment.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуриддини Файз*** - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экология. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Академикҳо Раҷабов, 10. Телефон: **+992935656595.** E-mail: **nuriddin@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Нуриддини Файз*** – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, и.о., доцента кафедры безопасности жизнедеятельности и экологии. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект академиков Раджабовых, 10. Телефон**: +992935656595.**
E-mail: **nuriddin@gmail.com**

Information about the author: ***Nuriddini Faiz*** **-**, Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Acting, Associate Professor of the Department of Life Safety and Ecology. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Radjabov Avenue, 10. Phone**: +992935656595**.E-mail: **nuriddin@gmail.com**

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ИЛМҲОИ ТИББӢ – МЕДИЦИНСКИЕ НАУКИ

Халифаев Д. Р., Нидоев С.Н., Сафарзода Р.Ш., Саидова М.Н. Анализ структуры заболеваемости болезнями системы кровообращения в Республике Таджикистан..... ***5***

РустамоваЛ.М.[1], Миршахи М.[1,2] Влияние высокогорных факторов на организм человека……. ***14***

Камилова М.Я., Рафиева З.Х. Оценка маркеров апоптоза и ангиогенеза в качестве предикторов перинатальных исходов у беременных женщин с хронической венозной недостаточностью……. ***23***

Ошурмамадова Р.Б., Болиева Г.У., Хайридинова С.С., Рахматова Г.Р., Валиева Б.К. Дифференцированный подход к гормональной терапии невынашивания первой половины беременности…… ***28***

Пулодзода Ф.П. Физическое развитие и клинико-социальная характеристика подростков с ранней беременностью…….. ***37***

Умарова Т.С., Рафиева З.Х., Кадамалиева М.Д., Талабзода М.С. Беременность и исходы родов при новой коронавирусной инфекции…….. ***44***

Одинаева М.С., Камилова М. Я. Факторы риска развития гнойно-септических осложнений у женщин, родоразрешенных операцией кесарево сечение……. ***48***

Ишан-Ходжаева Ф.Р., Рафиева З.Х. Акушерские и перинатальные исходы женщин с индуцированными преждевременными родами и дородовым разрывом плодных оболочек…….. ***53***

Хакимова М.М., Рафиева З.Х., Якубов И.Р. Анализ практики обращения с медицинскими отходами (мо) в период пандемии COVID-19…… ***58***

Кадамалиева М.Д., Мухаммадиева С.М., Рафиева З.Х., Умарова М.А. Течение беременности на фоне ожирения (обзорная статья)…… ***64***

Давлатзода Г.К. Качество помощи матерям и детям (обзор литературы)……. ***72***

Усмонов Б.Н.Современная тенденция хирургического лечения уретеролитиаза (обзор литературы) ***81***

Муродов Ш.Д. Показатели общего IGE в крови у больных с деформацией перегородки носа, сочетанной с аллергическим ринитом до и после комплексной терапии…….. ***91***

Зубайдова Л.А. Эпидемиологическая характеристика гриппа среди населения города Душанбе и РРП в 2017-2020 годы…….. ***98***

Иброгимова С.И., Усмонова А.Х. Таҳлили сатҳи беморӣ ва ҳолатҳои фавт аз бемории саратони ғадудҳои ширӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***104***

Раҷабов А. Омӯзиши қиёсии мутобиқшавии психофизиологии хонандагон ба системаҳои гуногуни таҳсил..... ***110***

Ф А Р М А Т С И Я - Ф А Р М А Ц И Я

Назаркина В.Н., Тутук В.В., Слепцова Н.А., Зарипова М.М., Мусозода С.М. Проблемы обеспечения доступности фармацевтической помощи пациентам с орфанными заболеваниями ***115***

Бобизода Г.М., Карачаева Г.Т. Синтез изучение структуры и биодоступности комплекса CU (II) с триптофаном……. ***121***

Садыков Д., Бобизода Г.М. Внутрисферное замещение хлора в пурпуреосоли CO (III) на аминокислоты, их производные и дипептиды…….. ***129***

Раҳимӣ Фарҳод[1], Каримов Ф.У[2]. Шаропов Ф. С[3]., Нуъмонов С. Р[3]., Раҷабзода С.И[2]., Бобозода Д[2]. Растаниҳои доругии флораи Тоҷикистон ва фаъолнокии биологии онҳо дар мисоли *crategus turkestanica, crategus pontica, prangos pabularia, artemisia annua, artemisia vachanica*…… ***134***

Болтуева Р.К. Ҷорӣ намудани системаи автоматизатсиякунонии комплексӣ барои такмилдиҳии фаъолияти фарматсевтӣ..... ***142***

И Л М Ҳ О И Б И О Л О Г Ӣ - Б И О Л О Г И Ч Е С К И Е Н А У К И

Бобозода И.А. Изменение содержание пигментов листьев граната обыкновенного (*punica granatum l.)* и хурмы кавказской *(diospyros lotus l.)* зависимости от фазы развития и высотной поясности в условиях Таджикистана…….. ***148***

Сафаров Ш.Дж., Бухориев Т.А. Влияние сроков посева на фотосинтетическую деятельность посевов и урожайность риса…… ***155***

Бобизода Г.М., Гулов Т.Ё., Абдуллоев А., Пирназаров А.Ш. Влияние аквакомплекса с аминокислотами на биохимические процессы в проросших зернах пшеницы…….. ***160***

Забиров Н.Н., Курбонбекова Ш.Ш., Юсуфи С.Дж., Ахмедов Ф. А., Зубайдова Т.М. Изучение анатомо – диагностических признаков цветков и листьев пижмы ожнотысячелистниковой…… ***167***

Зоиров Ф.Б. Анализ условий и параметров техногенного воздействия на экологические системы и их устойчивость……. ***174***

Давлатов А. Инкишофи биологии баъзе рустаниҳои реликтии резишгоҳи дарёҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ..... ***179***
Ҳотамов М.Т. Ҳосилнокии пахтаи миёнанах вобаста аз таъсири намуди нурӣ дар шароити хокҳои хокистарранги Тоҷикистони Марказӣ (шарҳ) ***186***
Зокирова М.А. Технологияи муфиди ҷудо намудани равғани эфирӣ аз барги буттаи анҷибари гулобӣ ва тухми зира ***190***
Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Абдураҳмонзода А.Х., Одинаев Ф.С. Таҳлили сифатӣ ва миқдории компонентҳои асосии равғани эфирии *pelargonium roseum willd* бо усули хроматографияи газӣ..... ***195***
Шарипов А.Р. Афзоишу ривоҷи оилаи занбӯр ва тухмгузории модарзанбӯр дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ..... ***201***
Саидов М.Қ. Таҳқиқи лӯбиёгиҳои худрӯйи нодир ва камшудаистодаи Тоҷикистон..... ***209***
Набиев Т.Н. Солиҳов М.М., Воҳидова К.А. Хусусиятҳои ташаккулёбии маҳсулнокии мушунг вобаста ба таъсири чуқурии коркарди хок..... ***216***
Саидзода И.М., Солиҳзода Д.И. Таъсири омилҳои антропогенӣ, биотикӣ ва абиотикӣ ба занбӯри асал..... ***221***
Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Иброгимов Ф.Д., Назаров Ф.Х. Муайян намудани нишондиҳандаҳои физикии равғанҳои глисеридӣ..... ***231***
Набиев Т.Н. Солиҳов М.М., Воҳидова К.А. Нашъунамо ва маҳсулнокии зағир вобаста ба таъсири чуқурии коркарди хок..... ***237***
Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудова Т.М., Абдураҳмонзода А.Х.,Гиёев П.Р. Динамикаи тағйирёбии миқдори кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ дар равандҳои гузариши мавсимии афзоиш ва инкишофи растаниҳо..... ***2424***
Раҷабов Б. Б.,²Тошев А.Ф. Муайян намудани фтор дар таркиби обҳои нӯшокии минтақаи аҳолинишини қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор..... ***249***
Пирова Ш.Қ. Манбаҳои асосии сироятёбии хуҷаини мобайнии эхинококкози алвеоларӣ..... ***254***
Умарова О.У. Риояи реҷаи ветеринариюсанитарӣ дар фермаи харгушпарварӣ..... ***259***
Нуриддини Файз Баҳодиҳии экологӣ-таҳлилии сифати об дар дарёи Варзоб ва шохобҳои он ***264***

НАУКА И ИННОВАЦИЯ
Научный журнал «Наука и инновация» основан в 2014 г.
Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан от 19.02.2021 г., №184/ЖР-97. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 14.04.00 – Фармация; 14.01.00 – Клиническая медицина; 14.03.00 – Медико-биологические науки; 03.02.00 – Общая биология; 03.03.00 – Физиология

Журнал включен в базу данных
Российского индекса научного цитирования (РИНЦ),
регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.
Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания
(www.niin.vestnik-tnu.com).

НАУКА И ИННОВАЦИЯ
2022. №4.
Над номером работали:
Ответственный редактор: Шовалиева Ф.С.
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Наука и инновация»
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.niin.vestnik-tnu.com**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**